М. ЛУТ[illegible]УЛЛОЕВ, Ф. ШАРИФОВ, И. АБДУЛЛОЕВ

# ЗАБОНИ МОДАРӢ



## *МУРОЧИАТ*
## *БА ХОНАНДАИ КИТОБ*

*Дӯсти ҷавони ман. Бидон ва огоҳ бош, [illegible] радифи Модар ва Ватан арзандатарин муқадд[illegible] меравад. Тамоми бузургон, донишмандон ва [illegible] гузаштаву муосир китобро яке аз беҳтарин ар[illegible] дониста, онро "аниси кунҷи танҳоӣ" ва "фурӯғи субҳи [illegible] пиндоштаанд.*

*Китобе, ки дар даст доред, бо заҳмати н[illegible] чоп баромадааст. То дар ин шакли ниҳоят зеб[illegible] баланд ба дасти Шумо расидан муаллифон, ҳу[illegible] рассомон, саҳифабандон ва ноширон ранҷи бисёре к[illegible] маблағи зиёде сарф кардаанд. Бинобар ин, ба қадри меҳнати онҳо расидан камоли боодобист. Китобро аз[illegible] донед, чун гавҳараки чашм онро эҳтиёт намоед [illegible] шавқу завқи беандоза мутолиа созед, аз му[illegible] донишатонро афзун гардонед ва бомаърифат [illegible] шавед!*

*Би[illegible] китобхониву китобдӯстӣ ин[illegible] ба қуллаи мурод мерасонад, мартабаашро д[illegible] баланд мебардорад, ӯро ҳимматбаланду [illegible] мегардонад. Эҳтиром ба Ватан, ифтихор бо Тоҷики[illegible] азиз, дӯст доштани ҳар гӯшаву канори он аз дуруст мутоли[illegible] кардани китоб ва азбар кардани мазмуни матнҳои он ба даст меояд.*

*Ба Шумо, дӯсти ҷавони ман, дар роҳи омӯзиш, азхуднамоии арзишҳои бузурги инсонӣ муваффақиятҳ[illegible] таманно дорам.*

*Бо эҳтиром*
*Президенти Ҷумҳурии*
*Тоҷикистон* *Э. Раҳмонов*



ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ЭМОМАЛӢ РАҲМОНОВ



# ЧОРЯКИ I
## ҶУМЛА, ИБОРА ВА КАЛИМА. ТАКРОР

## ДАРСҲОИ 1–2

### ГУЛҲОИ РӮЗИ ДОНИШ

...ом, фарзандони азизам! Омадед? Марҳамат, биёед. Чӣ ... зебо шудаед! Сарулибос, дасту рӯй – ҳама тозаю озода! Ба ...атон як назар андозед: падару модар ва муаллими ...бонатон ғами шуморо пешакӣ хӯрдаанд. Дару девор, тахтаю ...оро ранг кардаанд.

... мешунавед? Занги аввал! Муаллиматон шуморо ба синф ... менамояд. Оҳо, синфхонаатон пури гул шудааст! Бале, ... рӯзи Дониш. Дарсро оғоз менамоем. Дарси аввал – дарси ... сафар ба мамлакати дониш.

### САҲАРГОҲОН

Саҳаргоҳон, ки булбул дар наво шуд,
Гул аз шодӣ шукуфту ғунча во шуд.
Шумо, эй булбулони боғи мактаб!
Саҳаргоҳон набояд хуфт ҳар шаб.
Шумо ҳам дар наво оед, бояд,
Ки то аз боғи маънӣ гул кушояд.
Саҳаргоҳон гулистони дабистон
Тароватбахш бошад чун гулистон.
Чаро аз ин гулистон гул начинем?
Чаро дар кунҷи бекорӣ нишинем?

*Садриддин Айнӣ*

**...АТ:**

***...абистон*** – мактаб.

**Савол ва супоришҳо:**

... хонед. Ҳамдигарро ба муносибати саршавии соли нави ...рӯзи Дониш табрик намоед. Нависед, ки дар мактаби

шумо соли нави таҳсил ва рӯзи Донишро чӣ тавр ҷашн гирифта
Ҳикояро ин тавр оғоз намоед: Якуми сентябр. Ҳаво софу беғуб
Дарси аввал сар шуд...

## ДАРСҲОИ 3–4

### ИСМОИЛИ СОМОНӢ

Ҳазор сол пеш дар як хонаводаи асилзодаи тоҷик кӯда таваллуд шуд, ки номашро Исмоил гузоштанд. Исмоил дар ин ои фарзанди яккаю ягона набуд. Онҳо 6 нафар бародар буданд. Ҳам бародарон меҳнатдӯст, пуршафқат ва меҳрубон буданд. Ва Исмоил фарқ мекард. Ӯ аз ҳама зиёд раҳмдил, одил ва ғамхор бу

Исмоил дар мактаб нағз мехонд. Ҳамаи фанҳоро хубу аъ медонист. Аммо забони модарӣ, таърих ва адабиётро бештар дӯ медошт. Бисёр шеър медонист. Худаш ҳам пину ӣ шеър мегуф Ба бачаҳои ақибмонда ёрӣ мерасонд.

Исмоил як ҷавони боақл, далер, нотарс, зирак ушёр ба камо расид. Аспсаворӣ, шиноварӣ, найзазаниро хуб ёд гирифт.

Падари бузургворашон касал шуд. Пеш аз маргаш васият кар ки Исмоил шоҳ шавад. Исмоил шоҳ – сарвари халқ шуд. Азбаск аз хонаводаи Сомониён, яъне тоҷикон буд, ӯро Исмоили Сомон мегуфтанд.

Дар он замон душманони халқи мо зиёд буданд. Онҳ мехостанд, ки заминҳои мамлакати моро соҳиб шаванд, халқ бечораро ғорат кунанд, писарону духтарони ҷавонро ба ғулом баранд. Исмоили Сомонӣ мардуми заҳматкашро муттаҳид кар Ба муқобили душманон мубориза бурд. Дасти онҳоро аз кишва кӯтоҳ кард... ба деҳқонон замин дод, дашту биёбонро обёрӣ кар

Дар замони ҳукмронии Исмоили Сомонӣ адлу инсоф ус гардид, зеро худи ӯ роҳбари нангу номусдор, ғамхор ва халқ буд. Нақл мекунанд, ки ӯ рӯзҳои барфу борон савори асп дар ҳавлии қаср, назди дарвоза меистод. Мепурсиданд, ки барои ч корро мекунад. Ҷавоб медод, ки агар дар хонаи гарм шин одамон гумон мекунанд, ки ман нестам. Ноумед гашта мерава Бигузор маро бубинанд, дарди дилашонро бигӯянд.

Дар замони ҳукмронии Исмоили Сомонӣ адабиёт, илм, касбу ..ар хеле пеш рафт. Мардум илмро тоҷи сар карда, онро ..лкушои ҳамаи дарҳо номидаанд. Абдураҳмони Ҷомӣ мегӯяд:

**Тоҷисари ҷумла ҳунарҳост илм,**
**Қуфлкушои ҳама дарҳост илм.**

..аъди сари Исмоили Сомонӣ бегонагон мулки моро соҳиб ..анд. Бештар аз ҳазор сол ном ва хизматҳои бузурги ин сарвари ..у доно фаромӯш шуд.

..укри Худо, баъди ҳазор сол Ватани азизи мо – Тоҷикистон аз ..озод ва мустақил гардид. Халқ Эмомалӣ Раҳмоновро сарвари ..интихоб кард. Президенти мамлакати мо Эмомалӣ Раҳмонов ..фаъолияти худ кори Исмоили Сомониро сармашқ қарор дод. ..ӯро зинда ..д. Тоҷикон ба хотири пешвои халқи худ – ..или Сомонӣ ..р шаҳру ноҳияҳо ҳайкалу ёдгориҳо бунёд ..анд. Шаҳр.. ..ва мактабҳоро ба номи ӯ мегузоранд.



**Савол ва супоришҳо:**

..атнро хонда мазмуни онро ҳикоя кунед.
..ифатҳои Исмоили Сомониро номбар кунед.
..смоили Сомонӣ ба илм ва касбу ҳунарҳо чӣ гуна муносибат ..?
..ро шоир илмро тоҷи сари ҳунарҳо номидааст?
..одӣ ва истиқлолияти Ватанамонро чӣ хел мефаҳмед?
..смоили Сомонӣ дасти душманҳоро кӯтоҳ кард» – чӣ маъно ..
..ашмаи илму дониш чист?
..ораи китоби дӯстдоштаатон ҳикоя нависед.

..ИИ 5–6

## ШОҲИ АДОЛАТХОҲ

..ни пеш подшоҳи золиме буд. Мардум аз бедодгарии ӯ ..да буданд ва ҳамеша дуои бадаш мекарданд. Рӯзе ин

подшоҳ ба шикор рафт ва баъди баргаштан ҷорчӣ андохт, ки «Эй мардум, дидаи дили ман то имрӯз роҳи дурустро намедид. Ман ба шумо ва фарзандони шумо ситам мекардам. Ҳоло ба ман бовар кунед, дигар ба касе ҷабру ситам намекунам ва намегузорам, ки золиме бар касе зулм бикунад».

Мардум аз ин мужда ҷони тоза пайдо карданд ва камбағалону факиронро аз ин башорат дар боғи умедворӣ гули мурод шукуфта шуд.

Алқисса, адолати подшоҳ ба ҷое расид, ки барра аз пистони шер шир мехӯрд ва тазарв ба боз ҳамҷинсу ҳамаанбоз мешуд. Ба ин васила ба подшоҳ шоҳи Додгар лақаб доданд.

Яке аз наздикони шоҳ рӯзе аз ӯ пурсид, ки чӣ тавр шуд, ки шумо якбора подшоҳи адолатхоҳ шудед. Шоҳ ҷавоб дод, ки рӯзе ба шикор рафта будам, ба ҳар тараф метохтам ва ба ҳар ҷониб назора меандохтам. Ногоҳ дидам, ки саге дар ақиби рӯбоҳе давид ва устухони пояшро ба дандон хоида, пора кард. Бечора рӯбоҳ бо пои ланг ба ... ҳамин ... ёдае санге биандохт ... сӯрохие гурехт ва саг бозгашт. Дар ҳамин ... ва пои он саг шикаст. Пиёда ҳанӯз чанд қадам ... буд, ки асп ... лагаде бар вай бизад ва пояш шикаст. Он асп нипораи роҳ ... рафт пояш ба сӯрохие фурӯ рафт ва бишикаст. Ман бо худ гуфтам:

***«Дидӣ, ки чӣ карданд ва чӣ диданд?»***

**Зарбулмасал:**

**Нек дарёбу бад макун зинҳор**
**Ки баду нек боз хоҳӣ дид.**

*Ҳусайн Воизи Кошифӣ*

**ЛУҒАТ:**

***Ҷорчӣ*** – хабарбар, муждарасон.
***Башорат*** – хабари хуш.
***Ситам*** – ҷабр, зулм.
***Анбоз*** – ҳамдам, ҳамроз, ҳам...

**Савол ва супориш:**

1. Чаро ба подшоҳи золим шоҳи Додгар лақаб доданд?
2. Шоҳ ба шахси саволдиҳанда чӣ ҷавоб дод?

**Машқи 1.** Ҷумлаҳои зеринро нависед ва гӯед, ки онҳо ... калима иборатанд?

## ШИКОРЧӢ ВА ҲЕЗУМКАШ

Як шикорчӣ буд, вале ҷуръат ва ғайрати зиёде надошт. Ӯ сӯи ҷангал рафта дид, ки ҳезумкаше машғули кор аст. Пурсид, ки дар ҳамин наздикиҳо шер ё хонаи онро надидааст? Ҳезумкаш ҷавоб дод:

– Дидаам. Ана ҳозир ман ба ту шерро нишон медиҳам.

Шикорчӣ аз шунидани ин гап рангаш парид, пойҳояш ларзидаанд.

– Не-е, бубахшед маро. Ман мехостам роҳи шерро бубинам, на худи онро.

### Супориш:

**Ба саволҳо аз рӯи мазмуни афсонаи «Шикорчӣ ва ҳезумкаш» ҷавоб нависед.**

1. Шикорчӣ дар ҷангал киро дид?
2. Ӯ аз ҳезумкаш чиро пурсид?
3. Ҳезумкаш чӣ ҷавоб дод?
4. Чаро шикорчӣ тарсид?
5. «Пойҳояш ларзидаанд»-ро медонед, аммо «рангаш парид» чӣ маъно дорад?

**ДАРСҲОИ 9–10**

## 9 СЕНТЯБР – РӮЗИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ҷ
4



**Машқи 7.** Аз расм истифода карда, дар бораи «Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳикоя кунед. Шеъри «Дар канори Ватанем»-ро хонда, гӯед, ки дар он сухан дар бораи чӣ меравад.

## ДАР КАНОРИ ВАТАНЕМ

Мо тозабаҳори гулнисори Ватанем,
Дилбастаи равнақу барори Ватанем.
Ҳарчанд ба ҳар канор роҳ мепӯем,
Ҷони Ватанем, дар канори Ватанем.
Амри Ватан аст фарзи мо шому саҳар,
Роҳи Ватан аст тарзи мо шому саҳар.
Моро чу ҳаёти беназире додаст,
Пеши Ватан аст қарзи мо шому саҳар.
Бо умри ҷавон ҳусну ҷамоли Ватанем,
Бо дасти ҳунар авҷу камоли Ватанем.
Чу рӯзу шабон хаёли мо дар сари ӯст,
Мо ҳам шабу рӯз дар хаёли Ватанем.

*Гулназар*

**Машқи 8.** Бозӣ. Аз ҳарфҳои калимаи «Парчам» истифода бурда, калимаҳои дигар созед.

**Машқи 9.** Дар мавзӯи «Парчами Тоҷикистон» матн тартиб диҳед ва гӯед, ки чаро аввали ҷумлаҳоро бо ҳарфи калон сар кардед?

## ДУ БОЗ

Шабе бозе ба бозе гуфт дар дашт,
Ки то кай кӯҳу саҳро метавон гашт?
Биё, то сӯи шаҳр орем парвоз,
Ки бо шаҳзодагон бошем дамсоз.
Ба шабҳо шамъи кофурӣ гудозем,
Ба рӯзон бо шаҳон нахчир бозем.
Ҷавобаш дод он ёри накӯрой,
Ки эй нодони дунҳиммат саропой.

Тамоми умр агар дар кӯҳсорон
Ҷафои барф бинӣ, ҷабри борон.
Кашӣ дар ҳар нафас садгуна хорӣ
Зи чанголи уқобони шикорӣ.
Басе беҳтар, ки бар тахти зарандуд
Даме маҳкуми ҳукми дигаре буд.

*Ҷаннатии Исфаҳонӣ*

**ЛУҒАТ:**

***Боз*** – парандаи шикорӣ.
***Накӯрой*** – некхоҳ, некандеш.
***Дамсоз*** – ҳамсӯҳбат.
***Дунҳиммат*** – пастҳиммат.
***Кофур*** – моддаи хушбӯи сафедтоб.
***Тахти зарандуд*** – тахти заррин.
***Нахчир бохтан*** – шикор кардан.
***Маҳкуми ҳукм*** – фармонбардор.

**Савол ва супориш:**

1. Як боз ба бози дигар чӣ гуфт?
2. Бози дуюмӣ чӣ ҷавоб дод?
3. Чаро бози дуюм ҳамсӯҳбаташро нодону камҳиммат меҳисобад?
4. Шеърро аз ёд кунед.

**Машқи 10.** Мазмуни шеъри «Ду боз»-ро ба хотир биёред ва баъд ба саволҳои зерин ҷавоб нависед:

1. Бозҳо дар куҷо мегаштанд?
2. Шабе як боз ба дигараш чӣ гуфт?
3. Бози дуюм чӣ ҷавоб дод?

**Бозӣ.** Калимаҳое фикр карда нависед, ки аз ҳар ду тараф хонед ҳам, маъно тағйир наёбад. Намуна: нон, тут...

**Машқи 11.** Калимаҳои сатри 5-уми «Ду боз»-ро ба тартиби зерин нависед:

Номи ашёҳо (чӣ? ...)
Амали ашёҳо (чӣ кор мекунанд? ...)
Аломати ашёҳо (чӣ хел? чӣ гуна? ...)

ДАРСҲОИ 11–12

## МОДАРИ ТОҶИК

Модари тоҷик, аё ҳусни баҳор,
Мӯниси дил, мӯниси ҷонам туӣ.
Ин ман, он фарзанди дилбанди туям,
Модари гаҳвораҷунбонам туӣ.
То ки бошам, дӯст медорам туро,
Ту чу файзу ифтихори кишварӣ.
Дар ту дорад наслу асли мо давом,
Баҳри ман бартар зи ганҷу гавҳарӣ.
Рӯдакиву Бӯалӣ фарзанди туст,
Модари Шоҳину Сайидо туӣ.
Шир додӣ бар Маҳастиву Камол,
Модари Берунииву Савдо туӣ.
Ту барои нангу номи кишварат,
Балъамиву Насри Сомон зодаӣ.
Баҳри ҳифзи мулку фарзандони худ,
Ту абармардони майдон зодаӣ.

*Камол Сӯфӣ*

### Савол ва супориш:

1. Шеърро хонед ва мазмуни онро нақл кунед.
2. Шумо модари худро барои чӣ дӯст медоред?
3. Ду банди аввали шеърро азёд кунед.
4. Бандҳои 3–4-ро ба наср гардонед.
5. Исмҳои хосро ҷудо кунед ва бо истифода аз онҳо ҷумлаҳо созед.

**Машқи 12.** Мазмуни шеърро бо ҷумлаҳои худ нависед:

1. Дар бораи модар боз кадом шеърро медонед?
2. Модари тоҷик кадом одамони бузургро зодааст?
3. Номи одамони бузургу намоёни деҳа, маҳалла, ноҳия, шаҳр ва ҷумҳуриро нависед.

**Супориш**

Матни навиштаатонро хонда, исм, феъл ва сифатҳоро муайян кунед.

**Бозӣ.** Аз ҳарфҳои калимаи «Модар» истифода карда, калимаҳои нав созед.

**Машқи 13.** Ҳикоячаи зеринро ба дафтаратон нависед ва ба зери исм – як хат, сифат – хати мавҷнок, феъл – ду хат кашед.

## БАРОДАР ВА ХОҲАР

Падаре як писар ва як духтар дошт. Писараш мақбул ва соҳибҷамол, вале духтараш зишту бадрӯ буд. Рӯзе дар аснои бозии тифлона назарашон ба оина афтод, ки дар рӯи мизи модарашон гузошта шуда буд. Писар аз дидани зебоии худ хурсанд шуда ва худро таъриф намуд, вале духтар мутаассир шуда, назди падари худ шикоят бурда, гуфт, ки бародарам ба чизе ифтихор мекунад, ки бояд духтарҳо ба он ифтихор кунанд. Падар ҳардуяшонро дар оғӯш кашида, мавриди лутф қарор дода ва гуфт: «Хоҳиш мекунам, шумо ҳар рӯз ба оина нигоҳ кунед. Ту, эй писарам, бикӯш то хубӣ ва зебогии чеҳраи худро бо аъмол ва кирдори нек беҳтар ва хубтар бисозӣ! Ту ҳам, эй духтарам, кӯшиш кун бо некӯӣ ва эҳсон номатлубияти зоҳири худро матлубу мақбул гардонӣ!»

*Аз «Ҳикматҳои Луқмони Ҳаким»*

**ЛУҒАТ:**

***Зишт*** – безеб, бадрӯ.
***Мутаассир*** – хафа, хиҷил.
***Мавриди лутф*** – меҳрубонӣ.
***Аъмол*** – амал, кор.
***Эҳсон*** – хайр, меҳрубонӣ.

## ДАРСИ 13

### ШЕРМАРДИ НОМДОРИ ДАНҒАРА
### (Ба ёди Талбак Лолаев)

Сели оташ, сели яғмо, сели дуд
Паҳн шуд дар осмони ғаллазор.
Ҷанг байни одаму оташ падид
Омадӣ андар миёни ғаллазор.

Чун самандар ту натарсида зи нор,
Хешро андохтӣ бар корзор.
Назди ёронат бигаштӣ сарбаланд,
Шеваи оташпарастӣ дод кор.
Ҳифз кардӣ тоннаҳои ғалларо,
Аскаросо хӯрда бо ҷонат қасам.
Ростӣ, ки ин фидокории ту
Аз фидокории Шерак нест кам.
Офарину шукру ҳамди бешумор
Модареро, ки туро парвардааст.
Ҳамраҳи шири сафедаш бар дилат
Меҳру ихлосу вафо парвардааст.
Ҳар гаҳе созам тановул нони гарм,
Ёд ояд ғаллазори Данғара,
Чеҳраи зебои гандумгуни ту,
Шермарди номдори Данғара.

*Бобо Ҳоҷӣ*

**ЛУҒАТ:**

***Ягмо*** – тороҷ, ғорат.
***Нор*** – оташ, оташи дӯзах.
***Шева*** – ҳунар, одат.
***Ҳамд*** – ситоиш.

**Савол ва супориш:**

1. Дар шеър сухан дар бораи кӣ меравад?
2. Талбак чӣ хел корнамоӣ нишон дод?
3. Шеър аз чанд банд иборат аст?
4. Банди охиринро бори дигар хонда, гӯед, ки шоир аз кадом исмҳо, сифатҳо ва феълҳо истифода кардааст.

**Машқи 14.** Хонед. Гӯед, ки аз модар ба шоир чӣ мерос мондааст?

## ДАРСҲОИ 14–16

## ЗАБОНИ МОДАРӢ

Надорам модари худро ба хотир,
Валекин ҷовидон дар ёд дорам,

Надорам ёд чашму рӯи ӯро
Забони модарӣ – мероси модар.
Зару зевар барои ман намонда,
Ман аз гармиву аз ширинии он
Надорам ёд бӯи мӯи ӯро.
Кунам дар ҷони худ – эҳсоси модар.

*Пиримқул Сатторӣ*

**Супориш:**

Ибораи «забони модарӣ»-ро алоҳида нависед ва бо он ҷумла тартиб диҳед.

## ҲИССАҲОИ НУТҚ

### ИСМ

Бачаҳо, яке аз шумоён бо ибораи «забони модарӣ» ҷумлае тартиб дода, навиштааст, ки забони модарии мо хеле бой мебошад. Бале, бачаҳо, забони тоҷикии мо бой, равон ва мавзун буда, дар он калимаҳои бисёре мавҷуданд. Он калимаҳо ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ – исм, сифат, феъл, пешоянд ва ғайра ҷудо мешаванд.

**Машқи 15.** Хонед ва калимаҳоеро, ки ба саволҳои чӣ? чиҳо? кӣ? киҳо? ҷавоб мешаванд, навишта гиред.

### МАКТАБИ ТУ

Ту ҳар рӯз ба мактаб меоӣ. Рост ба синфат меравию дар курсӣ мешинӣ. Ин хуб аст. Аммо медонӣ, ки бачаҳо дар синфхонаҳои дигар ба чӣ кор машғуланд. Ана, биё, ба ин синфхона назар мекунем. Духтарон дасту остин барзада, хамир мекунанд. Онҳо рӯзгордориро меомӯзанд.

Акнун ба синфхонаи дигар наздик мешавем. Дарро оҳиста мекушоем. Дидӣ, бачаҳо либоси корӣ пӯшидаанд. «Онҳо чӣ кор мекунанд?» – мепурсӣ. Онҳо чӯб арраю ранда мекунанд. Мизу курсӣ месозанд. Дар хонаи дигар бошад, бачаҳо ба оҳангарӣ машғуланд.

Ту ҳам шояд дар оянда устои моҳир шавӣ. Аммо бидон, ки ибтидои ҳар гуна кор аз мактаб сар мешавад.

**Супориш:**

Оҳангар каланд, дуредгар курсӣ месозад.
Гӯед, ки онҳо боз чиҳо месозанд?

**Машқи 16.** Асбобҳои хониш ва ашёҳои дар синф бударо номбар кунед ва савол гузоред.

**Машқи 17.** Номбар кунед ва нависед, ки дар роҳи байни мактаб ва хонаатон чиҳоро мебинед. Намуна: паранда, дарахт, ...

## ГУНҶИШК

Гунҷишке хонаи худро партофта, дар сӯрохии ошёнаи лаклаке хона сохт.

Ба вай гуфтанд:

– Туро чӣ муносибат, ки бо ҷуссае бад-ин хурдӣ бо ҷавонмарде бад-он бузургӣ ҳамсоя бошию худро бо вай дар маҳалли иқомату манзили истиқомат ҳампоя дорӣ?

Гуфт:

– Ман низ ин қадар донам, аммо ба донистаи худ амал натавонам. Дар ҳамсоягии ман морест, ки чун ҳар сол бачагон барорам бо хуни ҷигар бипарварам, ногоҳ бар хонаи ман тозаду бачагони маро қути худ созад. Имсол аз вай гурехтаам ва дар домани давлати ин бузург овехтаам. Умед дорам, ки қасди маро аз вай биситонад ва чунон ки ҳар сол бачагони маро қути худ гардонидааст, имсол вайро қути бачагони худ гардонад.

## ҚИТЪА

Чу рӯбоҳ дар бешаи шер бошад,
Зияд эмин аз захми чанголи гургон.
Зи бедоди хурдон амон ёбад он кас,
Ки гирад ватан дар ҷавори бузургон.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

### ЛУҒАТ:

***Иқомат*** – дар ҷое зистан.
***Қут*** – хӯрок, таом.
***Эмин*** – бехавф, осуда.
***Ҷавор*** – наздикӣ, ҳамсоягӣ.

### Савол ва супориш:

1. Гунҷишк дар куҷо хона сохт?
2. Рафиқонаш ба ӯ чӣ гуфтанд?
3. Гунҷишк чӣ ҷавоб дод?
4. Ин маъниро шоир дар қитъа чӣ тавр баён кардааст?
5. «Қути худ созад» чӣ маъно дорад?

## ДАРСИ 17

### НАҚЛИ ХАТТӢ

## ДАРСИ 18

### ТИРАМОҲ

Шӯҳрати бисёр дорад тирамоҳ,
Номи лангардор дорад тирамоҳ.
Дасти боло, рӯи хандон, чашми сер,
Домани пурбор дорад тирамоҳ.
Паҳн карда хони зебо дар замин,
Нозу неъматҳои дунё дар замин.
Мекунад моро ба даргоҳаш хабар.
Дорад он тӯю тамошо дар замин.
Хам шуда сӯи замин бо эҳтиром,
Медиҳад аз номи колхозчӣ салом,
Чун дарахти сершоху сербарг,
Мисли домоду арӯси некном.
Кӯҳсор аз шарқ чун деҳқони пир,
Мебарад тӯёнаҳои беназир.
Лаълии заррин ба сар бардошта,
Ҳар саҳар гӯяд, ки: аз ман ҳадя гир!

*Мирзо Турсунзода*

Кыргыз Республикасы
№ 1297

**ЛУҒАТ:**

***Хони зебо*** – дастурхони пурнозу неъмат.

**Супориш:**

1. Шеърро хонед ва ибораҳоеро, ки исму сифат доранд, нависед.
2. Чор сатри аввали шеърро аз ёд кунед.
3. Аз ҳарфҳои калимаи «Тирамоҳ» истифода карда, калимаҳои дигар созед. Намуна: Ромит, Тоҳир, ...

**Машқи 18**. Дар мавзӯи «Тирамоҳ» матн тартиб диҳед ва нависед. Зери исмҳо хат кашида, савол гузоред.
Ашё ва одамон, ки ба саволҳои чӣ? чиҳо? кӣ? киҳо? ҷавоб мешаванд, исм мебошанд. Масалан: китоб, дафтар, талаба муаллим, синф, тахта, замин, кафтар, мурғ, дарахт, лолаҳо, гул, коргар, деҳқон, падарон.

## ДАРСҲОИ 19–20

**Машқи 19.** Матнро хонед, исмҳоеро, ки бо ҳарфи «т» сар мешаванд, нависед ва савол гузоред.

### САФАР АМИРШОЕВ

Дар сарзамини Литва Жижмори ном шаҳрчаи сабзу хурраме ҳаст. Понздаҳуми июли соли 1944 ҷанговарони мо дар доманаи бешазори назди ин шаҳр ҷасади тоҷикнависари диловар Сафар Амиршоевро ба хок супурданд. Ҳоло ин ҷо зиёратгоҳи насли наврас аст. Талабаҳо гирди қабрро ба гулу гулзор табдил додаанд. Дар сари қабр тӯпи таърихӣ гузошта шудааст, ки як вақтҳо Сафар бо он писари содиқи Ватан будани худро исбот карда буд. Ин тӯп аз шасту се ҷояш сӯрох дорад. Агар он ба забон меомад, таърихи шасту се бор тир хӯрда, ба ин ҳолат расиданашро як ба як нақл мекард.

**Машқи 20.** Нависед. Ба зери исмҳо хат кашед.

Дар боғчаи меҳмонхона чанд нафар меҳмонони аз дуру наздик омада сайру гашт мекарданд. Дар тарафи чапи кӯча крани борбардори Ҷумъагул дар рӯи роҳи оҳан пасу пеш равуо карда, деворҳои яклухти панелиро мебардошт, устоҳо даст ба даст деворҳоро ҷо ба ҷо мекарданд, иморат месохтанд. Даста-даста аловҳои кафшерчиён ҳалқаҳои деворҳоро ба ҳам васл мекард.

*Бобо Насриддин*

## ТОВУС ВА ЗОҒ

Товус ва зоғе ба саҳни боғе фароҳам расиданду айбу ҳунари якдигарро диданд. Товус ба зоғ гуфт:

– Ин мӯзаи сурх, ки дар пои туст, лоиқи атласу заркашу дебои мунаққаши ман аст. Вақте ки аз шаби торик ба рӯзи равшани вуҷуд меомадем, дар пӯшидани мӯза ғалат кардаем: ман мӯзаи чармини сиёҳи туро пӯшидаму ту мӯзаи чармини сурхи маро.

Зоғ гуфт:

– Ҳол бар хилофи ин аст. Агар хатое рафтааст, дар пӯшишҳои дигар рафтааст: боқии хилъатҳои ту муносиби мӯзаи ман аст. Ғолибан, дар он хоболудагӣ ту сар аз гиребони ман баровардаӣ ва ман сар аз гиребони ту.

Дар он наздикӣ сангпуште сар ба гиребони андеша фурӯ бурда буд ва он муҷодалаву муқоваларо мешунид. Сар баровард, ки:

– Эй ёрони азизу дӯстони соҳибтамиз, ин муҷодалаи беҳосилро бигузореду аз ин муқовалаи бефоида даст бидоред. Худои таъоло ҳама чизро ба як кас надодааст ва зимоми ҳама муродот дар кафи як кас ниниҳода.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

**ЛУҒАТ:**

***Дебо*** – порчаи нафиси абрешимии қимматбаҳо.
***Муҷодала*** – баҳс.
***Муқовала*** – гуфтугӯ.
***Зимом*** – лаҷом.

### Савол ва супориш:

1. Товус ва зоғ дар куҷо вохӯрданд?
2. Товус ба зоғ чӣ гуфт?
3. Зоғ чӣ ҷавоб дод?
4. Сангпушт чӣ насиҳат кард?
5. Нависанда дар ин ҳикоя аз кадом исмҳо истифода кардааст?

**Машқи 21.** Дар вақти дубора нақл намудани мазмуни ҳикоя кӯшиш кунед, ки ибора ва таркибҳои худи нависандаро фаровон истифода баред. Ба саволҳои зерин ҷавоб нависед ва зери исмҳо хат кашед.

1. Товус зоғро чӣ гуфт?
2. Зоғ чӣ ҷавоб дод?
3. Сангпушт чӣ маслиҳат дод?

## ДАРСҲОИ 21–22

**Машқи 22.** Хонед. Исмҳоро номбар кунед.

### ДУЗД ВА МОДАРАШ

Тифле китобчаи яке аз ҳамсинфонашро дуздид ва ба хона назди модари худ овард. Модараш натанҳо ӯро сарзаниш накард, балки ӯро ташвиқ кард. Рӯзи дигар он тифл соатеро дуздида, ба хона овард ва мавриди навозиши бештар қарор гирифт.

Тифл оҳиста-оҳиста ҷавон мешуд ва баъд аз он ба дуздидани ашёи бешқимат мепардохт. Рӯзе ӯро дар айни амали дуздӣ гирифтор карданд. Дастҳои ӯро ба ақиб баста, ӯро ба сӯи дор мекашиданд. Модараш, ки дар ақиби ҷамъият равон буд, гиря мекард ва ба сару рӯи худ мезад. Писараш аз мардум иҷоза хост, ки то дар гӯши модари худ ҳарфе бигӯяд. Вақте модараш наздик шуд, писар гӯши модари худро ба дандон гирифта ва онро аз бех барканд. Модараш бо доду фарёд гуфт:

– Ӯҳ... ту як авлоди нохалаф ҳастӣ.

Писараш ҷавоб дод:

– Ту модари нохалаф ҳастӣ, агар дар ҳамон кӯдакӣ маро аз дуздӣ боз медоштӣ, ман на дузд мебудам ва на ба чунин марги шармовар маҳкум мешудам!

**ЛУҒАТ:**

***Ташвиқ*** – дастгирӣ, тарафдорӣ.
***Нохалаф*** – бадкирдор.
***Ҳарф*** – сухан, гап.
***Маҳкум*** – гунаҳкор.

### Савол ва супориш:

1. Бача дуздиро аз чӣ сар кард?
2. Чаро модар писарашро танбеҳ надод?
3. Писар ҳақ дорад, ки модарашро нохалаф гӯяд?
4. Калимаи «тифл», «модар», «нохалаф»-ро нависед ва бо онҳо ҷумла тартиб диҳед.

**Машқи 23.** Дар поён охири матн оварда шудааст. Аввали онро худатон фикр карда пурра намоед ва нависед.

...Аввали моҳи сентябр рӯз аз шаб дароз аст, вале охири моҳ шаб назар ба рӯз дарозтар мешавад.

## ДАРСҲОИ 23–24

## АДИБИ МАҲБУБИ ШАРҚ

**Умри Айнӣ аз барои халқ сарфи хома шуд,**
**Халқи моро дафтари Айнӣ шаҳодатнома шуд.**



Садриддин Айнӣ 27 апрели соли 1878 дар вилояти Бухоро, дар тумани Ғиҷдувон, қишлоқи Соктаре, дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Дар синни 11-солагиаш падару модараш аз касалии вабо аз олам чашм мепӯшанд. Садриддини хурдсол маҷбур мешавад, ки барои ба даст овардани нон корҳои вазнин ва душворро иҷро кунад. Садриддин ба хондан шавқи зиёде дошт. Ӯ ба душвориҳои зиндагӣ нигоҳ накарда, ба Бухоро омада, дар яке аз мадрасаҳои қадима ба таҳсил пардохт. Азбаски фикри ӯ равшан буд, ба

таълимоти мадраса қаноат накарда, ба мутолиаи осори классикони машҳури ҷаҳон машғул шуд.

Дар даврai амирӣ Садриддин Айнӣ саъю кӯшиш мекард, ки роҳи озодиро ба мардум нишон диҳад, чашми онҳо кушода шуда, аз зери бори гарони зулм ва ситам халос шаванд. Ҳокимон ин гуна одамони равшанфикрро таъқиб намуда, ба ҳабс мегирифтанд. Садриддин Айнӣ, барои он ки ба даст наафтад, манзилашро иваз карда меистод.

Соли 1916 Садриддинро дастгир намуда, зиндон карданд ва дар ҳамин зиндон азоберо, ки бародараш Сироҷиддинро медоданд, ба чашмони худ бидид ва оқибат шоҳиди қатли бародараш шуд. Дар зиндон Садриддинро ҳам азобу шиканҷа медоданд. Ӯ ба зарби 75 чӯб тоб овард.

Соли 1920 амири Бухороро сарнагун карданд. Айнӣ ҳам озод шуд. Ӯ аз Бухоро ба Самарқанд омада, дар яке аз мактабҳои миллӣ машғули таълим шуд ва тамоми қувваи худро барои миллати худ сарф кард. Айнӣ дар барқароркунии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намудааст.

Садриддин Айнӣ аз рӯи асарҳои «Ҷаллодони Бухоро», «Одина», «Ғуломон», «Дохунда», «Аҳмади Девбанд», «Марги судхӯр», «Ёддоштҳо» машҳури ҷаҳон гаштааст. Нависанда дар асарҳои худ аз ҳаёти гузаштаи халқи тоҷик нақл мекунад.

### Савол ва супориш:

1. С. Айнӣ даврai бачагӣ ва ҷавониашро дар куҷо ва чӣ тавр гузаронидааст?
2. Гӯед, ки С. Айнӣ манзилашро чаро иваз мекард?
3. С. Айнӣ баъди аз зиндон озод шудан ба чӣ кор машғул шуд?
4. С. Айнӣ аз рӯи кадом асарҳояш машҳур гардид?

**Машқи 24.** Давоми ҷумлаҳоро аз матн ёфта, нависед ва ба зери исмҳо хат кашед:

1. Нависанда дар асарҳои худ...
2. Садриддин Айнӣ аз рӯи асарҳои...

**Машқи 25.** Якчанд калима фикр карда, нависед, ки бо ҳарфи «с» сар шавад.

Намуна: садбарг, санҷоб, ...

**Машқи 26.** Матнро хонед.

## ФИРДАВС НАҶОТ ЁФТ

Фасли тобистон буд. Мо дар рӯи ҳавлӣ бозӣ мекардем. Ногоҳ як духтараке давида омада, гуфт, ки бачае дар ҳавз ғарқ мешавад. Саросема давидем. Бачаро аз ҳавз берун оварда, дасту пояшро қату рост кардем. Аз даҳонаш оби бисёре рафт. Ӯро ба хонаашон бурдем. Модари Фирдавс ба мо изҳори миннатдорӣ кард. Шодии мо аз шодии ӯ камтар набуд.

**Супориш:**

Аз нақша истифода бурда, мазмуни матнро бо ҷумлаҳои худатон нависед.

1. Бачаҳо чӣ кор мекарданд?
2. Духтараке омада чӣ гуфт?
3. Бачаҳо чӣ кор карданд?
4. Модари Фирдавс ба бачаҳо чӣ гуфт?

## ДАРСҲОИ 25–26

## ХОНАДОНИ ХУШБАХТ

Хушбахт он касест, ки дар хонадони ӯ касе бе илм ва бе тарбият набошад. Ҳама афроди хонаводаи хушбахт соҳиби ахлоқи нек, ботамиз, накӯкирдор мешаванд.

Бузургу саркори хонадони саодатманд ҳамаи авлодашро илм ва дониш меомӯзад. Чизҳои ба дунё ва дин кор меомадагиро ёд медиҳад.

Дар поён ба тариқи мисол зикри аҳволи хонадони Муҳаммадюсуфро меорем, ки яке аз хонадонҳои хушбахти олам аст.

## ХОНАДОНИ МУҲАММАДЮСУФ

Муҳаммадюсуф аз хурдӣ некӯ тарбия ёфта буд. Саводи дарси тоҷикиро хуб гирифта буд.

Ба ин қадар хондан бас накарда, илми ҳисоб, таърих, ҷуғрофия, илми ашё ва фанни тарбия, ҳифзуссиҳаро низ некӯ доро шуд. Ба қавоиди дафтарнависӣ ва ба тарзи хариду фурӯши ҳар чиз ба хубӣ вуқуф пайдо намуд. Ба илми зироат, яъне киштукори ҳар гуна дона ва ғалла, ба тарбияти боғу бӯстон доно гардид. Ба покизагии ахлоқ ягонаи даврон буд.

Хулоса, донишманде гардид, ки мислаш дар Туркистон кам дида мешуд. Баъд аз тамом кардани мактаб ва давраи таҳсил хонадор шуд. Барои таъмини маишат ва рӯзгузаронӣ ба кори деҳқонӣ ва тарбияти боғу бӯстон машғул гардид.

Худованди карим ба Муҳаммадюсуф чаҳор писар ва ду духтар ато кард.

Номҳои фарзандони Муҳаммадюсуф ба ин қарор буд: Ҳасан, Мӯҳсин, Муҳаммадсаид, Муҳаммадфарид, Зайнаб ва Фотима.

Азбаски Муҳаммадюсуф ва ҳам ҳамхонааш доно ва ҳушёр буданд, тарбияти авлодро ба хубӣ медонистанд. Ҳар кадом фарзандонашонро некӯ тарбият кардаанд. Ҳар яке аз фарзандони Муҳаммадюсуф мактабро тамом намуда, ҳамроҳи падари бузургвори худ ба хушӣ зиндагонӣ мекарданд. Аммо Муҳаммадфарид, ки аз ҳама хурдтару кӯчактар буд, ҳанӯз мактаб тамом накарда буд, дар шаҳр ба синфи саввуми мактаби ибтидоӣ ба таҳсил давомот дошт.

Муҳаммадфарид дар синфи саввум ба хубӣ имтиҳон дода, аз байни шариконаш якум шуда, дар синфи чаҳорум гузашт. Муҳаммадфарид ҳашт моҳ боз саҳро нарафта буд. Падар, модар ва бародарони худро зиёда пазмон шуда буд. Лекин ба хондан чунон шавқи тамом дошт, ки аз мактаб дил канда наметавонист.

Баъд аз имтиҳон ба муаллим ва омӯзгори худ Аҳмад-афандӣ гуфт, ки:

– Ҷаноби устоз! Баъд аз ин то чаҳор моҳи дигар вақти таътил ва озодӣ аст. Муҳаббати падару модар ва бародаронам тақозо мекунанд, ки рӯзҳои озодиро дар пеши онҳо гузаронам. Аммо муҳаббати хондан хоҳиш мекунад, ки ин чаҳор моҳ низ ба хидмати Шумо бошам. Шояд ба сояи таваҷҷӯҳи Шумо боз чанд чиз ёд гирам. Дар ин хусус ҷаноби Шумо чӣ маслиҳат медиҳед?

Муаллим-афандӣ гуфт:

– Эй фарзанд! Вақти таътил вақти сайру тамошост. Дар ин рӯзҳо саҳро рафта, ба хидмати падару модар бошӣ, хуб мешавад. Лекин агар ба хондан дилат бисёр кашол бошад, ман туро, албатта, ба саҳро рав, намегӯям. Агар дар шаҳр истиқомат кунӣ, умед аст, ки дарсҳои синфи чаҳорумро ҳамин тобистон ҳозир намоӣ ва дар таҳсили оянда ба сари моҳи мизон ба шогирдони синфи панҷум шарик шавӣ. Лекин агар тобистон дар мактаб истоданӣ бошӣ, аввал мактуб навишта, аз падару модари худ иҷозат бихоҳ. Ҳар гоҳ онҳо ҷавоб диҳанд, дуогӯй ба қадри тавонистанам дар рӯзҳои тобистон туро ёд медиҳам.

Муҳаммадфарид чун ин ҷавобро аз устози худ шунид, фаврӣ ба падару модари худ мактуб навиштанӣ шуд.

**ЛУҒАТ:**

***Афрод*** – ҷамъи фард, ҷамъи кас.
***Атбоъ*** – фармонбардор, хизматгор.
***Ҳифзуссиҳа*** – ҳифзи саломатӣ (тарбияи бадан).
***Қавоид*** – ҷамъи қоида.

**Савол ва супориш:**

1. Хонадони хушбахт гуфта, чиро мефаҳмед?
2. Дар бораи хонадони Муҳаммадюсуф ва фарзандони ӯ маълумот бидиҳед.
3. Муҳаммадфарид бештар ба чӣ шавқ дошт ва аз омӯзгори худ чӣ маслиҳат пурсид?

**Машқи 27.** Ҷавоби муаллим-афандиро хомӯшона хонда, исмҳоро муайян кунед.

**Машқи 28.** Дар поён ҷумлаҳо пасу пеш дода шудаанд. Агар шумо онҳоро дуруст бо тартиб гузоред, матни равоне ҳосил мешавад.

Вале баъзан тобистон боди хушку гарм ба ҷои абр чангу ғубор меорад. Дар Тоҷикистон тамоми фасли тобистон ҳавои софу бебориш шуда, то охири тирамоҳ давом мекунад. Тайёраҳо дар чунин обу ҳаво парвоз намекунанд. Чангу ғубор дар ҳаво чунон бисёр мешавад, ки офтоб дар ин вақт чун моҳ ниҳоят кам равшанӣ медиҳад.

**Супориш:**

Баъди бо тартиб гузоштани ҷумлаҳо матнро нависед ва ба зери исмҳо хат кашед.

## ДАРСҲОИ 27–28

### МАКТУБИ МУҲАММАДФАРИД БА ПАДАРИ ХУД

Хидмати ҷаноби умедгоҳам, ҳазрати қиблагоҳ, ба ҳазор гуна аҷзу одоб арз мекунам, ки алҳамдуллилоҳ ба дуову таваҷҷӯҳи Шумо имсол аз синфи саввум имтиҳон дода, ба синфи чаҳорум гузаштам.

Ин ҳама тараққиётро аз баракати дуои Шумо медонам. Баъд аз имтиҳон мехостам ба хидмати ҷаноби Шумо рафта, тобистонро дар он ҷо гузаронам. Лекин ба худ андеша кардам, ки ҳанӯз синни ман хурд аст. Дар саҳро аз дасти ман коре намеояд. Агар тобистон дар саҳро бошам, ҳама рӯзам ба шӯхию бозӣ мегузарад. Аммо агар тобистон дар шаҳр ба мактаб истам, умед аст, ки синфи чаҳорумро ҳозир карда, ба соли оянда ба синфи панҷум гузарам ва мактабро аз вақти муқаррариаш як сол пештар тамом кунам. Дар ин сурат дар вақте ки кор аз дастам меояд, як сол пештар дар хидмати Шумо дохил мешавам. Ин маърӯзот (арз) як хаёлест, ки бар сари ман гузашт. Салоҳи кори маро ҷаноби Шумо, албатта, беҳтар медонед. Дар ин хусус ҷаноби Шумо, чӣ ки марҳамат фармоед, бандавор ба ҷон фармонбардорӣ хоҳам кард. Ба умеди фаҳмидани ризои Шумо ба фиристодани ин аризача ба хидмат ҷасорат намудам. Умед аст, ки ба шафқат номаи бандаро сарафроз намоянд.

Бо ихлосу эътиқоди тамом аз дастатон мебӯсам. Ассалому алейкум! Ризоҷӯятон, Фарид.

*15 шаъбон-ул-муаззами 1335 (7 июни соли 1917).*

### ҶАВОБИ МАКТУБИ МУҲАММАДФАРИД АЗ ПАДАР

Нури чашм, азизфарзанди арҷмандам Муҳаммадфарид! Ҳамеша дар паноҳи илоҳӣ бошед. Мактуби марғубат расида ба

мутолиа пайваст. Аз хабари саломатии Шумо ва аз мазмуни мактуб бисёр хурсанд шудам.

То расидани мактуб хеле дар изтироб будам. Ҳамеша дар андеша будам, ки оё аз тарафи ту чӣ хабар меомада бошад? Ва аз имтиҳон чӣ гуна мебаромада бошӣ? Худоро ҳазор бор шукр, ки имтиҳонро хуб дода, ба синфи чаҳорум гузаштӣ. Агар таҳрири (баёноти) мактуб аз худат бошад, яъне ҷаноби муаллим имло накарда, аз пеши худат навишта бошӣ, гуфта мешавад, ки хатро хуб навиштӣ, офарин!

Ба ин муносибат ҳамин қадарро ба ту маълум мекунам, ки ҳар вақт ба ҳар кас мактуб навиштанӣ шавӣ, албатта, аз пеши худат навис, яъне аз таҳрири касе ё аз мактуби касе нусха магир, вагарна дар балои тақлид гирифтор шуда, нусханавис мешавӣ.

Омӯзгори Шумо, ҷаноби Аҳмад-афандӣ марди донишманд, мукаррар ин хусусҳоро ба Шумо чанд бор фаҳмондаанд.

Бо вуҷуди ин дуогӯй ба хоҳиши муҳаббати падарӣ ба ҳар муносибат ҳар чизро ба Шумо менависам, то ки сабаби зиёдтар диққат карданатон шавад.

Барои истиқомати тобистон дар мактаб аз ман изн хостӣ, нури дидаи ман!

Ҳар коре, ки сабаби камоли ту бошад, ба хурсандии тамом изн медиҳам.

Инро муқаррар дон, ки ман ҳоло аз ту умеди хидмат надорам. Тамоми умедам ин аст, ки саъю кӯшиш намуда, олим ва донишманд шавӣ, саъй намо ва ғайрат кун!

Худо ёрат бод! Ба муҳаббати тамом аз ҷабҳаат мебӯсам.

Ассалому алейкум. Падари дуогӯят.

Юсуф.

### ЛУҒАТ

***Аҷз*** – нотавонӣ, оҷизӣ.
***Алҳамдуллилоҳ*** – шукри Аллоҳ, ба Худо шукр.
***Салоҳ*** – фоида, нафъ, дуруст.
***Шафқат*** – меҳрубонӣ, дилсӯзӣ.
***Марғуб*** – писандида, дилкаш.
***Изн*** – иҷозат.
***Ҷабҳа*** – пешона.

### Супориш:

1. Мактуби Муҳаммадфарид ба падари худ ва ҷавоби онро аз падар бодиққат хонед ва гӯед, ки онҳо дар мактубҳои худ чиҳо менависанд?

2. Бори дигар зеҳн монед, ки писару падар бо ҳамдигар то чӣ андоза азизу меҳрубонанд ва хушмуомилаю баодобона муроҷиат менамоянд.

**Машқи 29.** Мактубнависиро машқ намоед. Тасаввур кунед, ки шумо мисли Муҳаммадфарид дур аз хона таҳсил менамоед. Ба падар, модар ё бародари худ мактуб нависед.

Мактубро ин тавр оғоз намоед:

Падари (модари, бародари) меҳрубонам, умеду такягоҳам.

## ДАРСИ 29

**Машқи 30.** Матни зеринро хонед. Исмҳоро ба ду сутун ҷудо намуда нависед.

Намуна:

| Чӣ? чиҳо? | Кӣ? киҳо? |
|---|---|
| дарахт | сайёҳон |

### ДАРАХТИ АРЧА

Дарахти арча умри дароз мебинад. Баъзе арчаҳо то ҳазор сол умр мебинанд.

Ҳоло дар байни арчазор торафт бештар бӯстонсароҳо, хонаҳои истироҳат сохта мешаванд. Тобистон ба ин ҷойҳо сайёҳони бисёре меоянд.Табиати зебо, ҳавои соф, оби сарди чашмаю дарёчаҳо тобистон макони хуби истироҳати одамон мебошад. Маҳз барои ҳамин арчаро аз буридану сӯхтор муҳофизат кардан лозим аст. Мутаассифона, ҳанӯз одамоне ҳастанд, ки арчаро дар соли нав барои ҷашн мебурранд.

Охир, ниҳоли арча дар сад сол ҳамагӣ як метр қад мекашад!

**Қоидаро хонед ва дар хотир нигоҳ доред.**

Саволи кӣ (киҳо?) ба исмҳое гузошта мешаванд, ки одамонро ифода мекунанд: талаба, муаллим, коргар, Умед, Назира, чӯпонон, ошпазҳо. Ба исмҳои дигар саволи чӣ? (чиҳо?) гузошта мешавад: замин, сулҳ, кафтар, об, ҳаво, қалам, нур, расмҳо, оҳувон, пистаҳо...

**Машқи 31.** Хонед ва ба исмҳо саволи мувофиқ гузоред.

Ана, вақти хоб ҳам шуд. Шумо, бачаҳо, ба хоби ноз меравед. Аммо одамоне ҳастанд, ки агар зарур шавад, шабу рӯз хоб намераванд.

Яке аз онҳо Рустами Содиқ мебошад, ки дар деҳаи Искич зиндагӣ ва кор мекунад. Рустами Содиқ на танҳо молу мулки ҷамъиятӣ ва одамонро бо чашмони бедор муҳофизат мекунад, балки маслиҳатчии хуби муаллимону талабагон ҳам мебошад. Даҳҳо нафар бачагоне, ки бо роҳи хато мерафтанд, бо ёрию кӯмаки Содиқов роҳи дурусти зиндагиро интихоб кардаанд.

**Супориш:**

Бо калимаҳои «зиндагӣ», «ҷамъиятӣ», «эътибор» ҷумла тартиб диҳед.

**Машқи 32.** Нависед. Ба исмҳо савол гузоред.

Ҳаво гарм шуда, офтоб ба болои сар рост шуда буд. Онҳо ба сӯи қишлоқ баргаштанд. Дар дасти Анвар халтаи пур аз пудина ва чаға-чағу шӯра, дар дасти Сурайё шолча, дар дасти Муҳаббат ва Ғаниҷон дастаҳои гул буд. Рӯйҳои ҳама мисли гули лола сурх гашта, димоғҳо муаттар, табъҳо чоқ ва дилҳо пур аз нашъаю хурсандӣ буд.

*Ҷалол Икромӣ*

**Супориш:**

Калимаи «қишлоқ»-ро бо ҳаммаънояш нависед.

қишлоқ – ...

ДАРСҲОИ 30–31

## МАКТУБИ МУҲАММАДФАРИД БА БАРОДАРАШ МӮҲСИН

Хидмати бародари меҳрубонам, мурувватнишонам.

Баъд аз салом арз мешавад, ки лиллоҳ-ул-ҳамд аҳволи камина ба офиятмандӣ гузариш дорад.

Ба сояи лутфкории Шумо, бародари азизам, аз ҳеҷ чиз камӣ надорам. Ҳар парешоние, ки дорам ба сабаби дур будан аз сӯҳбати сурурхосияти Шумо аст. Ба дуо хоҳонам, ки худованди карим ба зудӣ мулоқот розӣ кунад.

Ба кори деҳқонӣ зиёда машғул буданатонро медонам. Вагарна гоҳ-гоҳе муҳаббатномае нависед, гуфта илтимос мекардам. Зеро ки камина аз мактубҳои адибонаи Шумо бисёр лаззат гирифта, истифодаҳои куллӣ мекунам.

Боқӣ давоми офиятатонро аз даргоҳи худовандӣ ҳамеша хоҳонам.

Ассалому алейкум!

Бародари ночизатон, Фарид.

25 шаъбони 1335 (17 июни 1917).

## ҶАВОБИ МАКТУБИ МУҲАММАДФАРИД АЗ МӮҲСИН

Бародари арҷмандам, Муҳаммадфарид!

Саодатнишоно! Мактубе, ки ба таърихи 25 шаъбон фиристода будед, зиёрат шуд. Аз ҳар калима ва сатраш бӯи камоли муҳаббататон мевазид, ки ба машоми дили муҳаббатманзил расида, боиси зиёдатии меҳру доди ин камина кардед.

Дар ин ҷониб аҳвол дар камоли хайру хубе гузариш дорад. Оре, айёми тобистон саҳнаи боғу бӯстон нишонаи биҳишт барин аст. Агар муҳим будани таҳсили илмро намедонистам, ҳар оина таклифатон мекардам, ки айёми озодиро дар саҳро гузароне

Бомдодон, ки тарафи киштзор гашту гузор мекунам, меандозам, сабзу хуррам аст ва то чашм мекушоям на

Ирам. Хуршеди ҷаҳонтоб ба шохсори дарахтҳои нав партав андохта ва шабнами гаронхоб асбоби сафари худро ҳанӯз муҳайё насохта.

Айёми баҳору бомдодӣ,
Вақти фараҳ асту гоҳи шодӣ.
Дар ҷониби марғзор бинӣ,
Ҳар сӯ гулу лолазор бинӣ.
Ҳаст оби равон, равон ба ҳар сӯй,
Сабз аст зи сабзаҳо лаби ҷӯй.
Аз бӯи гулу гиёҳи навхез,
Боди саҳарист анбаромез.
Навхоста сабза, гул шукуфта,
Наргис, лекин ҳанӯз хуфта.
Гул хурраму барги ток хуррам,
Аз сабза тамоми хок хуррам.

Хулоса, дар тавсифи киштзорон қалам беиқтидор аст. Ҳайф, ки ин хубиҳо беқарору нопойдор аст.

Шайх Саъдӣ мефармояд: «Ҳар чӣ напояд, дилбастагиро нашояд».

Бинобар ин хотири худро дар ҷониби адабиёт, ки боғест ҳамешабаҳор ва бӯстонест пойдор, машғул доред.

Боқӣ аз илму адаб ҳамеша бархурдор буданатонро аз карими мутлақ хоҳонам.

Ассалому алейкум. Бародаратон Мӯҳсин.

**ЛУҒАТ:**

***Анбаромез*** – хушбӯй, муаттар, форам.

***Бархурдор*** – фоида, баҳра бурдан.

## Савол ва супориш:

1. Мактуби Муҳаммадфарид ба бародараш Мӯҳсин ва ҷавоби онро хонед. Мазмуни он мактубҳоро нақл намуда, байтро аз ёд кунед.
2. Ба хешу таборатон нома нависед. Ҳангоми навиштани нома кӯшиш намоед, ки нусхабардорӣ накарда, аз фикри худ мустақилона нависед.

## ДАРСИ 32

**Машқи 33.** Саволҳои кӣ? ва чӣ?-ро навишта, ба онҳо 6-тои исмҳои мувофиқ фикр карда ёбед.

Намуна:

| **Кӣ?** | **Чӣ?** |
|---|---|
| **Бародар** | **сабза** |

**Машқи 34.** Бо калимаҳои «тирамоҳ», «парандагон», «дарахт», «муаллим» ҷумлаҳо тартиб диҳед ва нависед.

**Машқи 35.** Хонед. Мазмуни афсонаро нақл намоед.

### ГУРГ ДАР ЛИБОСИ ГӮСФАНД

Гурге аз гуруснагӣ ба ҷон расид. Чӣ бояд кард? Фикр карда, ҳилаеро пеш гирифт. Як пӯсти гӯсфандеро ёфта пӯшиду байни рама даромад. Чӯпон бегоҳӣ рамаро ҳай карда, ба ҳел оварду даҳони онро маҳкам кард. Гург ҳам дар ҳел монд.

Шаб фаро расид. Ду-се кас ба назди чӯпон меҳмонӣ омаданд. Чӯпон аз ҷой хест ва гуфт, ки шумо камтар шинед, ҳоло ман як гӯсфанд мекушам ва кабоб мекунем. Чӯпон ба ҳел даромад. Ногаҳон дасташ ба ҳамин гург расид. Ӯ гургро дасту по баст.

**Нақша:** 

1. Ҳилаи гург.
2. Омадани меҳмонон.
3. Ба ҳел рафтани чӯпон.
4. Ба исмҳои навиштаатон саволи мувофиқ гузоред.

**Бозӣ:** Дар ин нақша номи нависандаи маҳбуби халқамон ифода ёфтааст. Шумо онро ёфта, саволи мувофиқ гузоред.

## ДАРСИ 33

# ҲУЛБӮЙ ДОРУ БУДААСТ

Модаркалонам шуд касал,
Овардамаш ширу асал,
Гуфто: надорам иштиҳо,
Шуд иштиҳо аз ман ҷудо.
Дар коми ман шаҳду шакар
Аз буғма бошад талхтар...
Рафтам канори ҷӯ бадав,
Чидам каме ҳулбӯ бадав.
Гардоб кардам баҳри ӯ,
Пешаш нишастам рӯ ба рӯ...
Чун хӯрд ӯ гардоби ман,
Гардоб не, қандоби ман.
Шорид аз рӯяш арақ,
Чун об гӯй аз табақ.
Чашмони худ бикшод боз,
Дар ҷумбуҷӯл афтод боз.
Гардоб некӯ будааст,
Ҳулбӯй дору будааст.

*Ашӯр Сафар*

**Савол ва супориш:**

1. Ба модаркалон чӣ шуд?
2. Наберааш чӣ кор кард?
3. Ӯ аз ҳулбӯ чӣ пухт?
4. Боз кадом гиёҳҳои шифобахшро медонед?
5. Шеърро аз ёд кунед.

## ДАРСИ 34

**Машқи 36.** Мувофиқи саволҳои боло мазмуни шеърро бо фаҳмиши худ нависед ва ба исмҳо савол гузоред.

Матнро ин тавр оғоз намоед:

Рӯзе, модаркалони меҳрубонам касал шуданд. Ширу асал овардам, вале он кас нахӯрданд. Гуфтанд, ки ҷони момо, иштиҳо надорам...

**Машқи 37.** Хонед. Калимаҳоро мувофиқи маънояшон ба қатори худ гузоред.

Деҳа, сард, чӯпон, олам, офтоб, хуршед, дунё, қишлоқ, даҳмарда, хунук, ҷаҳон.

**Машқи 38.** Хонед. Муаллими азизатонро ба муносибати идашон табрик намоед.

## МОҲИ ОКТЯБР – РӮЗИ МУАЛЛИМ

Адиб, кайҳоннаворд, олим, бинокор, рассом, наққош... Чӣ пешаҳои наҷиб ва пурифтихор. Роҳи ҳар яке ба ин пешаҳо аз мактаб сар задааст. Ин роҳ аз омӯхтани ҳарфи аввалини «Алифбо» ибтидо гирифтааст. Роҳҳои пешгирифта гуногунанд, вале умумияте доранд, зеро ҳар кадомашро бо роҳбарии муаллим интихоб менамоянд. Беҳуда нагуфтаанд, ки «Ҳаққи устод аз падар беш аст».

Барои ин ҳам, рӯзи муаллим на танҳо иди касбии омӯзгор, балки иди ҳама ва ҳар кас мебошад, ки пеши муаллим дониш омӯхтааст.

### Супориш:

1. Исмҳоро навишта гиред ва саволи мувофиқ гузоред.
2. Бо калимаҳои «кайҳоннаворд», «рассом», «наққош», «эътибор» ҷумлаҳо тартиб диҳед ва нависед.

## ДАРСИ 35

### ДАРАХТИ ҶОВИД



Мӯйсафедон ҳар як гулу буттаи ҳавлиро чун чизи муқаддас назаркунон пеш мерафтанд.

– Раҳимбой, – гуфт мӯйсафеди миёнақад ба рафиқи ҳампаҳлуяш, – рӯи ҳавлии Мирзоҷонро хуб ободу зебо кардаанд, хонаҳои нав сохтаанд, лекин як корашон нағз не.

– Кадом корашон? – пурсид рафиқаш.

– Агар дар хотир дошта бошед, дар ин ҳавлӣ як чормағз ҳам буд. Ба хаёлам ниҳоли чормағзро худи Мирзоҷон аз Қаротоғ оварда шинонда буд. Чормағз дарахти калон шуда буд. Афсӯс, ки ҳамон дарахт нест.

ДАРСИ 37

## ЯК ТИРУ СЕ НИШОН



Рӯзе Абулқосим бо ёрии дӯстонаш аз маҳбас гурехт. Мехост, ки худро ба Кирмоншоҳ бирасонад. Он ҷо бародар ва бародарзодаҳояш орзуи дидани ӯ доштанд. Аммо гирдбоди ҳаводис ӯро аз роҳе, ки боистӣ биравад, ба ҷодаи Мозандарон партофт. Ҷангали пуразамати Мозандарон дигар чандон дур набуд. Маъмурҳои давлат, ки барои дастгир кардани Абулқосим савора метохтанд, вақте диданд, ки шикорашон ба ҷангали муҳиб дохил шуда, аз даст хоҳад рафт, аспҳоро нигоҳ дошта, баъзе савора ва баъзе пиёда ба тарафи Абулқосим тирандозӣ оғоз карданд. Аммо беҳуда. Баъд аз ним соат Абулқосим дар ҷангали анбӯҳи Мозандарон гум шуд ва намедонист ба кадом тараф биравад.

Баъд аз ду дақиқа Абулқосим аз болои дарахти баланд атрофи ҷангалро аз назар мегузаронад. Чизе нагузашт, ки саворони амнияро дар ҷодаи бузург кашф кард, ки истода мунтазир буданд гумкардаашонро дар паси дарахте биёбанд.

Фирории мо аз тарси он, ки ӯро бубинанд, аз дарахт поин омадан гирифт. Ногоҳ дид, ки дар замин як бабри ҷавони муҳиб дастҳоро ба танаи дарахт гузошта, рӯи ду по истода, бо зӯзаи нозуки пурҳасрат ба ӯ нигоҳ мекунад ва об аз даҳонаш мечакад, гӯё чизеро меҷавад. Абулқосим ба вай:

– Ҳо, мехоҳӣ маро бихӯрӣ? Бояд бубахшӣ, бабрако: ин луқма барои дандони ту нест.

Баъд оҳиста бо дасти маҳкам ҳафттирро берун овард. Дар ҳамон дам, ки онро барои нишон гирифтани сари бабр сарозер кард, як ҳавои гарми хафакунандае бо садои пуфмонанде ба рӯи ӯ хӯрд. Абулқосим каллаи бузург ва чашмони бешарми як мори хеле

кулуфтеро дид, ки забони худро ҳамчун барқи сиёҳ ба сӯи ӯ ҳаракат медиҳад.

Як нерӯи ғайбии тавсифнопазир лӯлаи ҳафттирро ба сари мор гузошт ва ангушти дарахтсавори морро ба пошнаи он фишурд. Каллаи мор парешида, сурсурон ба тарафи замин поин рафт ва баъд аз ним дақиқа мисли як лахт кӯҳ ба замин афтода, ҷангалро ба ларза даровард.

Сари мор ҳанӯз ба замин нарасида, бабр аз дидани танаи бисёр дарози ӯ, гӯё кушандаи худро шинохта бошад, ки мисли рӯбоҳ аз саги шикорӣ гурехтан гирифт.

Ва аммо саворони амния? Ҳавои ҷангал ҳар як садои тирҳои мубориизи моршикорро сад садо карда, гӯши саворонро бо он харошонд. Онҳо ба хаёли ин, ки дар он макон дӯстони Абулқосим камин кардаанд, чунон гурехтанд, ки аз сари баъзеҳошон кулоҳ афтода, дар ҷода барои мусофирон ҳадя монд.

**ЛУҒАТ:**

***Маҳбас*** – ҳабсхона, зиндон.
***Ҳаводис*** – ҳодисаҳо.
***Ҷода*** – роҳ.
***Зӯза*** – нола.
***Маъмурҳо*** – фармондеҳон, хизматгорон.
***Бостонӣ*** – қадимӣ, пештара.
***Анбӯҳ*** – беандоза.
***Фирорӣ*** – гуреза.
***Муҳиб*** – боҳайбат.

**Савол ва супориш:**

1. Нақл кунед, ки шумо дар хусуси ҷангали Мозандарон чиҳо медонед?
2. Гӯед, ки Абулқосим чӣ тавр ба ҷангали Мозандарон афтод ва ба ӯ чӣ воқеа рӯй дод?
3. Чаро ин воқеа «Як тиру се нишон» номида шудааст?
4. Ибораҳои «гирдбоди ҳаводис», «нерӯи ғайбии тавсифнопазир»-ро шарҳ диҳед.

## ДАРСИ 38

**Машқи 42.** Аз матни «Як тиру се нишон» исмҳоеро, ки бо ҳарфи калон навишта шудаанд, навишта гиред.

**Машқи 43.** Матни зеринро нависед ва зери исмҳое, ки ному насаби одамонро ифода мекунанд, хат кашед.

## ВОХӮРӢ БО УСТОДОН

Мардум бо гулдастаҳо ба саҳни театри ноҳия ба истиқболи устодон баромаданд. Ниҳоят, устод Мирзо Турсунзода ҳамроҳи Абулқосим Лоҳутӣ, Боқӣ Раҳимзода ва шогирдонашон аз мошин фаромаданд. Шеъру сурудхонӣ ва рақсу бозӣ сар шуд. Адибонро ҳам ба рақсу бозӣ даъват намуданд.

**Машқи 44.** Шумо бо нақшаи калима шиносед. Дар ин нақшаҳо номи бачаҳою духтаракон ифода ёфтаанд. Онҳоро ёбед, хонед ва нависед. Пеш аз навиштан ба хотир биёред, ки аввали номи одамон бо кадом ҳарф навишта мешавад?

ООООО ОООО ООООО ОООООО

ОООО ООООО

## ДАРСИ 39

## СУХАНСАРОИ ПАНҶРӮД



Дар оғӯши силсилакӯҳҳои Зарафшон ва Туркистон яке аз қадимтарин водиҳои кишварамон – водии Зарафшон воқеъ гардидааст.

Дар деҳаи Панҷрӯди ин водӣ – дар сари шоҳроҳе, ки аз водии Фарғона то ба Чағониён, Рашт, Афғонистон ва Ҳиндустон мерафт, марде бо номи Муҳаммад зиндагӣ мекард.

Рӯзе аз рӯзҳо дар ин деҳаи босафо Ҷаъфар – Рӯдакӣ ба дунё омад, ки шодмонии ин падари бузургвор андоза

надошт. Рӯзҳо, моҳҳо ва солҳо мегузаштанд, заковат ва фаросати ин бачаи хурдсол торафт дар чеҳраи зебо, симои покиза ва пешонии фарох, ки нури ҳикматҳо таҷаллӣ мекарданд, намоён мешуд.

Рӯзҳои баҳор, ки замини ин деҳа ҷомаи махмали кабуд дар бар мегирифт, ҳангоме ки насими саҳарӣ паёми муҳаббат аз гулу гулзор меовард ва меҳри оламтоб бар болои сабзазор кокулафшонӣ менамуд, Муҳаммад бо писараш аз хона берун омада, дар канори оби Рӯди Ворӯ, ки боғу саҳроҳои дилкушои ин деҳаро шодоб карда, ба Киштутдарё мерехт, менишастанд. Падар қисса ва достонҳоеро, ки аз падару бобоён ва модару модаркалонони худ шунида буд, ба писар нақл мекард.

Кам-кам ин фарзанд, ки ақлу заковаташ дар зери тарбияи падар пеш мерафт, дар ҳаштсолагӣ Қуръонро ёд кард ва ба сурудани шеър оғоз намуд, ки аз он замон ин ҷониб ситораи тобон дар уфуқи назми тоҷик дурахшидан гирифт. Бар болои он ҳама фазилатҳо вай овози бисёр дилкаше ҳам дошт. Бинобар овози форам доштан дар паи созандагӣ афтода, илми мусиқиро ёд гирифт.

Ҳар гоҳ вай дар доманаи кӯҳе ва ё дар канори оби равони рӯди Ворӯ нишаста, чанг ва ё барбат менавохт ва месароид, замзамаи булбулони бӯстонҳо, ҷӯшу хурӯши дарёҳо гӯё, ки хомӯш мешуданд, шукуфаҳо аз шодӣ ханда ва таннозӣ мекарданд, ҳама хурду калон, пиру ҷавон ба гирди ӯ ҷамъ мешуданд, аз шунидани созу овози ӯ лаззат мебурданд.

Бо ин равиш вай ҳар рӯз чи дар ақлу хирад ва чи дар санъату ҳунар комилтару зеботар мегашт. Ин саодати абадии ӯ ва сарбаландии тоҷикон буд.

Ниҳоят, овозаи шеър ва суруди ӯ ба ҳар ҷониб паҳн шуд, ҳама орзу ва рағбати дидан ва шунидани ӯро доштанд. Дар ин замон Бухоро, ки пойтахти Сомониён, маркази олимон ва нависандагони номдор буд, махсусан, дар аҳди подшоҳии Наср ибни Аҳмади Сомонӣ шӯҳрати азим пайдо кард. Дарбори вай барои парвариш ва тарбияти шоирон муносибтар буд. Аркони донишҷӯй ва шоирпарвар Рӯдакиро ба Бухоро хостанд ва тахти назми тоҷикро ба ӯ муносиб диданд. Рӯдакӣ дар ин тахт нишаста: пояи устувори кохи баланди шеъри тоҷикиро гузошт. Вай аввалин касе шуд, ки

даҳони таънаомези бадандешагонро баста, равиши тараққиёти адабиёти тоҷикро асосан муайян намуд.

Инак, вақте ки таърихи назм ва адабиёти кӯҳансоли мо ба як лаҳза аз сайри хаёл мегузарад, пеш аз ҳама, фикр ва андешаҳои мо дар гирди номи Рӯдакӣ мегарданд. Бе ӯ адабиёт ва маданияти тоҷикро тасаввур наметавон кард. Бо ҳиммати кӯҳмонанди ин паҳлавони сухан тариқи сухансароӣ барои дигарон кушода гардид.

Аз ин ҷиҳат муосирон ва баъдомадагон вайро устоди устодон ва пешвои назми тоҷикӣ гуфтаанд. Чунонки аз шоирони асри XII Рашидии Самарқандӣ меоварад:

**Гар сарӣ ёбад ба олам кас ба некушоирӣ,**
**Рӯдакиро бар сари он шоирон зебад сарӣ...**

**ЛУҒАТ:**
***Таҷаллӣ*** – ҷилва, тобиш.
***Аҳд*** – замон, вақт, давр.
***Аркон*** – бузургон.
***Муосирон*** – ҳамзамонон.

**Савол ва супориш:**

1. Водии Зарафшон дар куҷо воқеъ гардидааст?
2. Дар деҳаи Панҷрӯди ин водӣ кӣ таваллуд ёфт ва дар чеҳраи ӯ чӣ гуна аломатҳо намоён мешуд?
3. Падар ба писар дар бораи чиҳо нақл мекард?
4. Овозаи Рӯдакӣ ба куҷо расид?
5. Чаро ҳама Рӯдакиро устоди устодон ва пешвои шоирон номиданд ва меноманд?
6. Байтҳои болоро аз ёд кунед.

## ДАРСИ 40

**Машқи 45.** Аз матни боло исмҳоеро, ки бо ҳарфи калон навишта шудаанд, нависед ва ба онҳо савол гузоред.

**Машқи 46.** Саволу ҷавоби зеринро хонед.

### Саволу ҷавоб:

Муаллим Набиро ба назди тахта даъват намуда, аз бачаҳо пурсид:

– Канӣ, бачаҳо, кӣ ба Набӣ савол дорад?

Расул: Чаро мо ном, номи падар, насаби одамон, аввали номи мамлакатҳо, шаҳрҳо, кӯҳҳо, дарёҳо ва деҳаҳоро бо ҳарфи калон навиштем?

Набӣ: Чунки ин номҳо исм мебошанд.

Шамсия: Ин тавр бошад, барои чӣ мо ҳамаи исмҳоро бо ҳарфи калон наменависем?

Умед: Мо фақат исмҳои хосро бо ҳарфи калон менависем!

Муаллим: Офарин, бачаҳо, ҳамаатон ба саволи Расул дуруст ҷавоб додед.

Як гурӯҳ номҳо исмҳои хосро ташкил медиҳанд, ки мо аввали онҳоро бо ҳарфи калон менависем. Масалан:

аввали ном, номи падар, насаби одамон;
аввали номи мамлакатҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо;
аввали номи деҳаҳо, кӯчаҳо;
аввали номи дарёҳо, кӯҳҳо, водиҳо;
аввали номи хоси (лақаби) ҳайвонҳо.

**Машқи 47.** Ному насаби худ ва ному насаби ҳамсабақонатонро нависед ва ҷумла тартиб диҳед. Ҷумларо ин тавр сар кунед: Ману...

**Машқи 48.** Хонед. Мазмуни матнро нақл намоед.

## ИСФАНА

Дар яке аз дараҳои хушманзараи ҷумҳурии бародарии Қирғизистон деҳае воқеъ гардидааст. Номи ин деҳа Исфана мебошад. Исфана дар бағали кӯҳҳои сарсабз, соҳили дарёчаи хушобу кӯҳӣ ҷой гирифтааст. Оби сарду софи дарёча заминҳои мардуми деҳаро шодоб мегардонад.

Одамони деҳа – тоҷикҳо, қирғизҳо ва ғайра дӯстона ва бародарона зиндагӣ мекунанд. Дар деҳа мактаби калоне сохта шудааст, ки дар он фарзандони меҳнаткашон бо забонҳои модариашон – қирғизӣ ва тоҷикӣ таҳсил менамоянд.

### Супориш:

Ба ҳамин монанд дар бораи деҳаи (шаҳри) худатон матн тартиб дода нависед. Нависед, ки деҳаи шумо чӣ ном дорад, дар доманаи кадом кӯҳ, соҳили кадом дарё ё кадом водӣ ҷой гирифтааст.

## ДАРСИ 41

# ПАНДҲОИ УСТОД РӮДАКӢ

1. Морро ҳар чанд беҳтар парварӣ,
Чун яке хашм оварад, кайфар барӣ.
Сифла табъи мор дорад бехилоф,
Ҷаҳд кун, то рӯи сифла нангарӣ!

2. Ҳеҷ шодӣ нест андар ин ҷаҳон,
Бартар аз дидори рӯи дӯстон.
Ҳеҷ талхӣ нест бар дил талхтар,
Аз фироқи дӯстони пурҳунар.

3. Дониш андар дил чароғи равшан аст,
В-аз ҳама бад, бар тани тӯ ҷавшан аст.

**ЛУҒАТ:**

***Кайфар*** – ҷазо; мукофоти бадӣ.
***Сифла*** – хислатҳои бад, бадкирдор, нопок.
***Ҷавшан*** – як навъ либос.

### Савол ва супориш:

1. Дар банди якум сухан дар бораи чӣ меравад?
2. Дар бораи заҳр задани мору каждум чиҳо медонед?
3. Чаро шоир мегӯяд, ки «ҷаҳд кун, то рӯи сифла»-ро набинӣ?
4. Агар дидори дӯст шодию хурсандӣ бошад, ҷудоӣ ё фироқи он чист?
5. Шоир оид ба дониш чӣ мегӯяд?
6. Банди дуюм ва байти сеюмро нависед ва ба зери исмҳо хат кашед.

## ДАРСИ 42

**Машқи 49.** Бозии дидактикӣ. Шаҳрҳоеро номбар кунед, ки аввали онҳо бо ҳарфҳои М, Д, П, Х, К, Н сар шаванд.

**Машқи 50.** Хонед. Нақл намоед. Илова кунед, ки шумо ба киҳо ёрӣ расондед. «Умратон об барин дароз шавад» гуфтани мӯйсафед чӣ маъно дорад?

Рустаму Роҳат аз мактаб бармегаштанд. Ногоҳ чашмашон ба мӯйсафеди дардманде афтод, ки дар хараки канори роҳ базӯр нишастааст. Фаҳмиданд, ки аҳволи мӯйсафед бад аст, ҳамоно наздаш рафтанд.

– Бобо, чӣ шуд ба шумо? – пурсид Рустам.

– Ягон ҷоятон дард мекунад? – пурсид Роҳат.

– Об, бачам, об, – базӯр овоз баровард мӯйсафед. Рустам тозон рафта, як пиёла об овард. Обро нӯшонданд, мӯйсафед каме ба худ омад.

– Боракалло, бачаҳоям, боракалло, умратон об барин дароз шавад, – дуо кард мӯйсафед. – Акнун рафтан гиретон, ман камтар дамамро гирифта, ба хонаам меравам.

*Ҳоҷӣ Содиқ*

**Супориш:**

1. Калимаҳоеро, ки ба саволи кӣ? ҷавоб мешаванд, навишта гиред ва ба зери исмҳои хос хат кашед ва шарҳ диҳед, ки онҳо номи киҳоро ифода менамоянд.
2. Калима ва ибораҳои «мӯйсафеди дардманд», «канори роҳ», «аҳвол», «пиёла»-ро нависед ва бо онҳо ҷумла тартиб диҳед.

**Машқи 51.** Хонед. Мазмуни ҳикояро нақл кунед. Гӯед, ки чаро ҳикояча «Имтиҳон» номида шудааст?

### ИМТИҲОН

Зарринаи хурдакак сари дастархон нишасту даст ба себи хубонӣ бурд. Аммо табассуми падарашро дида, андаке хиҷолат кашиду себро ба ҷояш гузошт.

– Гир, гир, духтарам. Ин барои хӯрдан аст, на барои тамошо, – бо меҳрубонӣ рӯ овард падараш.

Ӯ себро газида, маънидорона ба акааш Сӯҳроб ва апааш Лутфия нигарист. Онҳо низ, аз чӣ бошад, байни худ пичир-пичир карда, паст-паст механдиданд. Заррина ҳайрон шуд. Охир, ӯ мисли рӯзҳои гузашта чойро нарезондааст. Саҳван дасташ ба чойники гарм нарасидааст.

Китоби суратдорашро ҳам надарондааст. Пас чаро ҳама ба ӯ асрорангез менигаранд?

Аҳли оила хӯрок мехӯрданду дар бораи чизе сухан намеронданд. Хомӯширо падараш Салим-амак аз байн бардошт.

– Зарриначон, ту имрӯз сесола шудӣ. Мо ин рӯзро қайд мекунем. Акнун гӯй: гӯшат канӣ?

Заррина чашмони калон-калони сиёҳашро нимпӯш карда, гӯшашро нишон дод.

– Биниат? – савол дод Сӯҳроб.

Заррина биниашро нишон дод.

Саволҳо паи ҳам меомаданд. Заррина ҷавоб медод. Модар аз ҷавобҳои дурусти Заррина ба шавқ омада, ӯро гаштаю баргашта мебӯсид.

### Супориш:

1. Исмҳои хосро нависед ва шарҳ диҳед.
2. Бо калима ва ибораҳои «Зарринаи хурдакак», «табассуми падар», «чойники гарм», «китоби суратдор» ҷумла тартиб диҳед.

## ДАРСИ 43

### ФИРДАВСӢ

**Тавоно бувад, ҳар кӣ доно бувад,**
**Зи дониш дили пир барно бувад.**

Абулқосим Фирдавсӣ шоири бузурги тоҷику форс мебошад. Фирдавсӣ ҳазор сол пеш зиндагӣ ва эҷод карда аст. Нақл мекунанд, ки дар замонҳои хеле қадим Тӯс ном паҳлавони номдоре будааст. Тӯс дар дарбори шоҳ Кайхусрав хизмат



мекардааст ва сардори лашкар будааст. Рӯзе аз рӯзҳо гапи Тӯс бо шоҳ мегурезад. Тӯс маҷбур мешавад, ки бо як қисм лашкар гурезад ва дар канори дарёи Кашафтрӯд пинҳон шавад. Ӯ дар ин ҷо шаҳре бунёд карда, бо номи худаш Тӯс мегузорад. Ин шаҳр ҳоло ҳам бо ҳамин ном дар Эрон мавҷуд аст.

Ана дар яке аз деҳаҳои наздики ҳамин шаҳр – деҳаи Бож, дар оилаи Фахриддини Аҳмад ном шахси бофазлу донишманд писаре таваллуд мешавад ва номашро Абулқосим мегузоранд, ки бо тахаллуси Фирдавсӣ (Абулқосими Фирдавсӣ) машҳур аст. Абулқосими Фирдавсӣ дар синни хурдсолӣ ба мактаб меравад ва дар таҳсилу илмомӯзӣ аз ҳамаи ҳамдарсҳояш пеш мегузарад. Вай, махсусан забон, адабиёт ва таърихро хеле дӯст медошт ва аз омӯзиши ин фанҳо ҳеҷ гоҳ хастаю зила намешуд. Диққати Абулқосимро бештар таърихи гузаштаи халқ, ҳаёту зиндагии қаҳрамонону паҳлавонони гузаштаамон, далерию нотарсии онҳо ҷалб менамуданд. Ӯ қаҳрамонию далерӣ ва корнамоии паҳлавононро, ки дар муҳофизати хоки муқаддасамон бар муқобили душманон нишон додаанд, ҷамъ намуда, ба риштаи назм мекашад ва китоби бузурге бо номи «Шоҳнома» менависад.

Дар «Шоҳнома» қаҳрамонии халқи мо дар гузашта тасвир ёфтааст. Ана яке аз он достонҳо, ки чӣ тавр Рустами 9-сола пили сафедро мекушад:

Рустам дар утоқи худаш хуфта буд, ногоҳ шӯру ғавғое дар берун бармехезад. Рустам бедор мешавад.

Пили сафеди ҷангии Зол аз даҳшати душманон занҷирашро канда буду ҳар кӣ ва ҳар чизи пешомадаро хартум зада, меафканд, бо ду ханҷари дандонаш мешикофид, бо чаҳор сутуни пояш пахш мекард. Аз ғурришу наъраи ваҳмангези вай хун дар рагҳо ях мебаст.

Рустам аз ҷой ҷахиду гурзи гаронро бардошта, берун давид. Хизматгорони даргоҳи Зол аз тарси ин, ки мабодо ӯ дучори ҳамлаи

пил шавад, дар саҳни сарой сари роҳашро гирифтанд. Рустам барошуфта, муште ба сари хизматгор зада буд, ки ӯ ба сари торс кафидаву гардани шикаста ба замин фурӯ ғалтид, хизматгорони дигар тарсида гурехтанд. Ҷавонпаҳлавон дарвозаи оҳанкӯби саройро бо гурзаш зада банду занҷири онро пора-пора карда, берун рафт. Нигоҳ кард, ки замин дар зери пои ӯ меларзид. Рустам наъраи шеронае кашида, далерона ба наздики пил рафт, пили дамон хартуми балоангезашро рост карда, ҳамлаовар шуд. Инак, ҳамин замон Рустамро ба хартумаш печонда мебардораду бар замин мезанад. Раъша бар андоми хизматгорон афтод ва ғиреве аз онҳо бархост, ки «Гурез! Гурез!», лекин Рустам аз ҷояш наҷунбид ва чун пил ба вай расид, гурзи гаронро ба сараш зад. Пил, мисли ин ки хоросанги ҳазорманӣ бар сараш фуруд омада бошад, ларзида, хам хӯрду ғалтид.

Таҳамтан яке гурз зад бар сараш,
Ки хам гашт болои кӯҳ пайкараш.
Биларзид бар худ кӯҳи Бесутун,
Ба захме биафтод хору забун.

**ЛУҒАТ:**

***Зила*** – хаста, монда.
***Ғирев*** – садои баланд.
***Утоқ*** – хона, ҳуҷра.
***Таҳамтан*** – яке аз лақабҳои Рустам.
***Дамон*** – даҳшатнок.
***Забун*** – мағлуб, шикастхӯрда.

**Савол ва супориш:**

1. Дар бораи бунёди шаҳри Тӯс чӣ фаҳмидед?
2. Абулқосим омӯзиши кадом фанҳоро бештар дӯст медошт?
3. Абулқосим Фирдавсӣ дар китоби худ «Шоҳнома» дар бораи чӣ менависад?
4. Пил чӣ гуна ба сари Рустам ҳамла овард?
5. Рустам бо кадом восита пилро зада афтонд?
6. Исмҳои хосро навишта, савол гузоред.

## ДАРСИ 44

**Машқи 52.** Аз рӯи нақшаи зерин дар бораи далерии Рустам иншо нависед.

1. Аз шӯру ғавғо бедор шудани Рустам.
2. Занҷирро кандани пил.
3. Сари роҳи Рустамро гирифтани хизматгорон.
4. Бо пил рӯ ба рӯ омадани Рустам.
5. Гурзи Рустам ва ҳалокати пил.

**Машқи 53.** Бозӣ. Бо ҳар як ҳарфи исми хоси Рустам дутой исми хоси дигар ёбед.

Намуна: Раҳим, Раъно, Убайд, ...

**Машқи 54.** Хонед, гӯед, ки шумо кӣ шудан мехоҳед. Матнро нависед ва ба зери исмҳои хос хат кашед.

Сурайё дар синфи IV «Б», Надим дар синфи IV «А» мехонанд. Надим табиатан бачаи шӯх буд ва ҳазлу шӯхиро дӯст медошт. Сурайё бошад, ин гуна сифатҳоро намеписандид. Ин духтари хурдҷуссаи сиёҳчашм ва сабзина мисли калонсолон рост, ҷиддӣ гап мезад ва рафтор мекард. Вай дина бегоҳирӯзӣ дар худи ана ҳамин ҷо бо Надим аз хусуси касбу кор сухан карда, баъд гуфт, ки «ман ҳам монанди Шоиста Нозимова муаллима шудан мехоҳам».

*М. Шарқӣ*

### Супориш:

1. Нависед. Зери исмҳои хос хат кашида, онҳоро шарҳ диҳед.
2. Калимаҳои «Сурайё», «хурдҷусса», «сиёҳчашм», «ҷиддӣ»-ро такроран нависед.

## ДАРСИ 45

### НАБАРДИ РУСТАМ БО АФРОСИЁБ

Афросиёб тахти Эронро холӣ ва мамлакатро бесарвар дида, сулҳро вайрон кард ва бори дуввум бо лашкари беш ба Эрон тохт.

Аъёну ашроф дар талаби сардор ва лашкаркаш боз ба Зобул рафта, рӯи ниёз ба Золи Дастон оварданд.

Зол ба онҳо гуфт:

– Акнун пирӣ пушти паҳлавони маро чанбар кардааст, шамшери кобулӣ ба дастам гаронӣ мекунад. Аммо сипос мегузорам ба яздони пок, ки аз бехи ман як шохи фаррух рӯид: писарам Рустам ҷои маро мегирад.

Ӯ бо писари паҳлавонаш матлабро дар миён гузошт:

– ...Ҳанӯз аз лабат шир бӯяд ҳаме,
Дилат нозу шодӣ биҷӯяд ҳаме.
Чӣ гуна фиристам ба дашти набард
Туро назди шерону мардони мард?

Рустами ҷавон ба падараш чунин посух дод:

– Эй номвар, чандест, ки ту маро фаромӯш кардаӣ, ҳол он ки багумонам, аз воқеаи пили сафед ва кӯҳи Сипанд огоҳ будӣ. Замон замони ҷанг аст ва ҷои мард дар майдон. Душмани бераҳми хунхор омадааст, ки кишвари моро хароб ва халқи моро асир гардонад, дар ин вақт ман бо ин қуввату қудрате, ки дорам, агар ба муҳофизати ватанам барнахезам, номардам. Маро ба ҷанги Афросиёб бифирист, падар.

Зол аз гуфтори писараш хушнуд гашт, ба вай офарин хонд. Хоҳишашро пазируфт...

Замоне ҷанг сар шуд. Рустам назди падараш омада пурсид: Афросиёб, он марди бадандеш, он кони фитнаю офат рӯзи ҷанг дар куҷо меистад, чӣ мепӯшад, дирафши худро дар куҷо мефарозад, ки ман мехоҳам бо ӯ сарпанҷа занам?

– Рӯзи ҷанг вай дар як ҷой намеистад, – посух дод Зол. – Дирафшаш сиёҳ аст, хафтонаш ҳам сиёҳ, кулоҳи пӯлодин, ронаш ҳам пӯлодпӯш, рӯи пӯлод ба зарҳал пӯшонида. Ту ҳушёр бош, писар: Афросиёб чунон гурди размоварест, ки аз ҳайбаташ гурдаи наҳанг мекафад.

– Ман бо ӯ набард мекунам, – гуфт Рустам. Рахши пӯлодсумро барангехта, хурӯшону дамон ба назди туронсипоҳ рафт. Афросиёб ӯро дида аз гурдони худ пурсид:

– Ин ҷавони аждаҳокирдор кист? Гуфтанд:

– Ба гурзи Сом омадааст, маълум мешавад, ки писари Золи Дастон аст.

– Рустам?! – Афросиёб чун киштии оббури мавҷафкан аз байни сипоҳ ба пеш баромад.

Таҳамтан ӯро аз нишонаҳояш шинохта, ба паҳлуи Рахш рон фушурд ва гурзи гаронро ба гардан баровард. Ба Афросиёб расида, гурзро гузошту яке ба камарбанди ҳариф чанг андохта ӯро аз зин ҷудо кард, мехост кашон-кашон пеши Кайқубод барадаш, лекин нохост камарбанд канда шуду Афросиёб ба замин ғалтид, ҳамон лаҳза саворони туронӣ атрофашро печонда гирифтанд.

Сайд аз чанги Рустам ҷаст. Таҳамтан ба ҳасрат пушти даст газид, ки «Э дареғ, чаро бағал карда нагирифтаму аз камарбандаш кашидам!».

Афросиёби сахт латхӯрдаву дар хок ҷӯлидаро ҷанговаронаш бағал карда бурданд. Сипас ӯ савор шуда ба роҳи биёбон ақиб рафт.

Туронихо аз мағлуб ва қариб ҳалок гардидани шоҳи худ дилшикаста шуданд. Сипоҳи Эрон якбора ба ҳуҷум гузашт.

Лашкари Турон тоб наёвард, шикаст хӯрд ва ҳазимат кард.

**ЛУҒАТ:**

***Аъёну ашроф*** – бузургон, сардорон.
***Яздони пок*** – худо.
***Дирафш*** – байрақ.
***Фарозидан*** – баланд бардоштан.
***Хафтон*** – ҷомаи сипоҳиён, ки аз таги зиреҳ мепӯшанд.
***Гурд*** – паҳлавон.
***Размовар*** – ҷанговар.
***Барангехтан*** – давондан.
***Дамон*** – тозон.

**Савол ва супориш:**

1. Сардорони Эрон аз кӣ ёрӣ пурсиданд?
2. Зол ба онҳо чӣ ҷавоб дод ва ба писараш чӣ гуфт?
3. Рустам ба падараш чӣ посух дод?
4. Лаҳзаи тайёрии ҷанги Рустам бо Афросиёбро аз матн ёфта хонед ва нақл кунед.
5. Набард ба фоидаи кӣ анҷомид?
6. «Аз бехи ман як шохи фаррух рӯид» чӣ маъно дорад?

## ДАРСИ 46

**Машқи 55.** Аз матни «Набарди Рустам бо Афросиёб» исмҳои хосро навишта гиред ва савол гузоред.

**Машқи 56.** Бозӣ. Аввал ҳарфҳоро аз боло ба поён хонед, баъд номи чанд ноҳияи ҷумҳуриамонро фикр кунед, ки бо ҳамин ҳарфҳо сар мешаванд. Аввали номи ноҳияҳоро бо ҳарфи калон нависед.

| | |
|---|---|
| **п** – ... | **к** – ... |
| **а** – ... | **а** – ... |
| **д** – ... | **ф** – ... |
| **а** – ... | **т** – ... |
| **р** – ... | **а** – ... |
| | **р** – ... |

Намуна: п – Панҷакент, к – Кӯлоб.

**Машқи 57.** Хонед ва гӯед, ки сухан дар бораи чӣ меравад ва дар бораи он чӣ гуфта шудааст?

Иқлими кӯҳистони Дарвозу Ванҷ махсусан, барои чормағз басо мувофиқ аст. Аз ин сабаб дар Ванҷу Қалъаихум майдонҳои васеи чормағз мавҷуданд. Мегӯянд, ки аз чормағзи Ванҷ қариб 60 хел дору тайёр мекунанд. Ҳатто барги ин чормағзро дар тибби халқӣ васеъ истифода мебурдаанд. Одатан, чормағз дер ҳосил медиҳад. Аммо дар ин ноҳияҳо навъи чормағзеро пайдо кардаанд, ки дар сесолагиаш ҳосил медиҳад.

### Супориш:

1. Исмҳои хосро навишта гиред, савол гузоред ва гӯед, ки онҳо номҳои чиро ифода мекунанд?
2. Бо ибораҳои «иқлими кӯҳистон», «майдонҳои васеъ», «тибби халқӣ», «навъи чормағз» ҷумлаҳо тартиб диҳед.

## ДАРСИ 47

# АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО



Донишмандони бузург мисли офтобанд. Рӯшноии дониш ва ақлу хиради онҳо ба тамоми ҷаҳон нур мепошад. Ин гуна одамон аз байни як халқу як миллат бароянд ҳам, ба ҳамаи ҷаҳониён тааллуқ доранд ва ҳамаи одамони рӯи замин номи онҳоро бо ифтихор мегиранд ва ёд мекунанд.

Яке аз чунин донишмандони бузурги ҷаҳон Абӯалӣ ибни Сино мебошад. Ибни Сино фарзанди халқи тоҷик буда, ҳазор сол пеш зиндагӣ ва эҷод кардааст.

Ибни Сино хонданӯ навиштанро дар назди падараш меомӯзад ва баъд мустақилона ба омӯхтани илму дониш машғул мешавад. Вай аҳд мепайвандад, ки тамоми китобу илмҳои тиб, адабиёт, риёзӣ ва ғайраро омӯзад. Чунон мехонаду меомӯзад, ки дигар на китоб мемонаду на илмҳои дигар. Ибни Сино аз паи ҷустуҷӯи китобҳои нав мешавад. Ана дар ҳамин вақт як воқеа рӯй медиҳад. Подшоҳи Бухоро – Амири Нӯҳ сахт касал мешавад ва дарди ӯро табибони қасри подшоҳ ва дигарон дармон карда наметавонанд. Ба амир мерасонанд, ки дар мулкамон як табиби нав баромадааст.

Ибни Синоро ба қаср мебаранд. Ӯ подшоҳро табобат мекунад. Подшоҳ ба ақлу дониши ҷавони 18-сола қоил шуда, мегӯяд: «Ту табиби хуб будаӣ. Дарди маро шифо бахшидӣ. Акнун бигӯ, аз ман чӣ мехоҳӣ? Ҳар чӣ хоҳишат бошад, ман иҷро мекунам». Абӯалӣ ибни Сино шунида буд, ки дар қасри шоҳ китобхонаи бузурге ҳаст. Ӯ дер фикр накарда, аз подшоҳ хоҳиш мекунад, ки иҷозат диҳад, дар ҳамон китобхона кор кунад ва китоб бихонад.

Махсусан Ибни Сино дар соҳаи илми тиб шӯҳрати зиёд пайдо кард. Вай тамоми дардҳоро муоина карда, илоҷи онҳоро меёфт. Худаш дар як рубоиаш мегӯяд, ки ғайр аз марг дигар илоҷи ҳамаи дардҳоро ёфтааст:

**ЛУҒАТ:**

***Сиришк*** – оби дида, ашк.
***Сӯг*** – ғам.
***Сур*** – хурсандӣ, шодӣ.
***Рустоӣ*** – қишлоқӣ, деҳотӣ.

### Саволу супориш:

1. Ҳар як байти шеърро хонед ва гӯед, ки сухан дар бораи кӣ (чӣ) меравад?
2. Дар бораи Абӯалӣ ибни Сино боз чиҳо медонед?
3. Исмҳои хосро номбар кунед ва бигӯед, ки онҳо чиҳоро ифода мекунанд?

## ДАРСИ 50

**Машқи 61.** Хонед, гӯед, ки дар рӯёндани ғалла, нон, орд киҳо меҳнат мекунанд?

### НОНҲОИ БОЛАЗЗАТ

Деҳқонони мо дар саҳроҳо пурмаҳсул меҳнат карда, ғаллаи фаровон мерӯёнанд. Осиёбонон ғалларо сап-сафед орд мекунанд. Кормандони иттиҳодияи нонпазӣ аз он орд барои шумо нонҳои хархелаи болаззат мепазанд. Ин хел рӯз ба ҳама насиб нашудааст. Ҳоло ҳам дар рӯи ҷаҳон мамлакатҳо, халқҳое ҳастанд, ки зори як бурда нонанд. Онҳо ба шиками сер ва рӯи сурхи мову шумо бо ҳавас нигоҳ мекунанд. Ба қадри ин ҳаёт расед.

Мутаассифона, баъзе бачаҳо инро намефаҳманд. Нисбат ба нон беҳурматӣ мекунанд.

### Супориш:

Ба исмҳои зерин савол гузоред ва онҳоро муқоиса кунед:

**деҳқон – деҳқонон**
**саҳро – саҳроҳо**
**бача – бачаҳо**
**нон – нонҳо**
**мамлакат – мамлакатҳо**
**халқ – халқҳо**

**Машқи 62–63.** Хонед. Гӯед, ки дар бораи шомгоҳи Норак ва чароғи он чӣ гуфта шудааст? Дар бораи чароғҳои шаҳр ё қишлоқи худатон чӣ гуфта метавонед?

## ШОМГОҲИ НОРАК

Нур ба фикр фурӯ меравад. Ҳозир модараш меояд. Бегоҳӣ онҳо сеқаса ба сайру гашти шаҳр мебароянд. Чӣ зебову дилрабо аст шомгоҳи Норак. Ситораҳои бисёре дар осмони он чашмак мезананд. Вале чароғҳои кӯчаву хиёбон, мағозаю хонаҳо аз ситораҳо ҳам дурахшонтаранд.

**Супориш:**

Матнро нависед ва ба исмҳои ситораҳо, чароғҳо, кӯчаҳо, мағозаҳо, хонаҳо саволи мувофиқ гузоред.

**ДАРСИ 51**

## БОРБАД

1400 сол пеш дар кишвари мо марди ҳунарманде мезист, ки овозааш дар тамоми дунё паҳн шуда буд. Ин мард устоди созу наво, раиси арбоби мусиқӣ, устоди барбатӣ – Борбад буд. Борбад яке аз он бузургонест, ки мусиқии моро аз балои маҳв раҳо сохта ба имрӯз расондааст.



Соли 1990 дар ҷумҳурии мо 1400-солагии Борбади ҳунармандро тантанавор ҷашн гирифтанд.

Нависанда Адаш Истад аз зиндагии Борбад ҳикояе навиштааст, ки як порчаи онро мехонем.

...Борбад суруд мехонд, садои форамаш ҳамаро мафтун мекард.

Ҳар замон нидоҳои «Ҷонам фидо!», «Зеҳ» ва монанди ин аз байни мардум баланд мегардид. Мардуми озодипарасту ҷабрдида баробари нолаҳои Борбад нола мекард, ба таҳрики наво сару даст меҷунбонд. Авҷи амал дар таги дари ҳавлии Борбад воқеъ шуд. Ин ҷо Борбад бозистода, рӯ ба пайравон

оварда, оҳангҳои шӯхи арғуштиро навохтан гирифт. Мардум давра гирифта, меистоданд. Баногоҳ саворе аз навкарони волӣ асп тозонда омад ва фарёд кард:

– Волӣ мефармояд, ки ин бемаззагиро бас кунед, ки саратонро ба бод медиҳад.

Се ҷавонмарди паҳлавонпайкар ба мобайн баромада, куртаҳои худро то ноф ҷар-ҷар даронданд ва гуфтанд:

– Ҳар чӣ дар бисот доштем, ба араб додем, сурудамонро намедиҳем! Навоз, устод Борбад! Чунон навоз, ки дуд бихезад! Баногоҳ ҷавони таблакие пайдо шуд, ки хеле шӯх таблак мезад, дасташро бозӣ дошта, бо чашму абрӯ низ ҳаракатҳои аҷиб менамуд. Се нафари куртадарида пойкӯбон арғушт рафтанд...

Баъди он ки мардум аз дунболи кори худ рафтанд, ду нафар сипоҳии савора омада, Борбадро ба қасри волӣ burdанд.

«Маълум, ки аллакай ба сари чароғи ман об рехтааст», – аз дил гузаронд Борбад.

– Мо то ҳол ба сурудҳои кофирии шумо тоқат доштем, акнун даҳонатро медӯзем! – гуфт бо шиддат волӣ.

– Сурудҳое, ки ман мехонам, эҷоди мардуманд, – гуфт Борбад, даҳони ҳамаро дӯхта наметавонед!

– Баред! – бехудона дод зад волӣ, – ҳабс кунед! Забони сурх сари сабз диҳад ба бод!

Навкарон Борбадро ба назди оҳангар burdанд, ки ба дасту пояш кишан занад. Оҳангар Борбадро мешинохт, вале Борбад ӯро не. Мухлиси сурудҳои ин устоди ҳунар буд. Ӯ кишанро чунон сохт, ки шикаста гурехтан имконпазир бошад ва дар охир чашми навкаронро хато карда, ба устоди ромишгарон чашмак зад. Дар лабони Борбад табассум гул кард...

Посбон – зардуштии собиқ дарро ғиҷиррос зада, нимроғ кард ва нигарист, ки «Борбад ин ҷост ё не, мабодо гурехта бошад». Ӯ Борбадро дар шуои моҳ фариштавор некӯандому нуронӣ дида, ҳаросид ва дарро зуд пӯшида, ғур-ғур кард:

Худоё, гуноҳи маро биёмурз!

– Эй гумроҳ! – гуфт Борбад. – Бидон, ки агар ман гуноҳатро бубахшам, худо низ мебахшад.

– Ту ҳам бубахш! – гуфт посбон.

– Дарро боз кун! – амр кард Борбад. Посбон дарро кушод ва гуфт:

– Ин чӣ мӯъҷиза, ки амри ту бар ман воҷиб аст? Борбад бо виқор аз дар баромада гуфт:

– Ман мераваму мехонам ва ту ҳам, эй инсони нек, бихон: Ман худро бо фикри нек фаро мегирам, ман худро бо сухани нек фаро мегирам, ман худро бо кори нек фаро мегирам...

**ЛУҒАТ:**

***Таҳрик*** – ҷунбиш, ҳаракат.
***Ромишгар*** – ҳофиз, мутриб.
***Волӣ*** – ҳоким.

**Саволҳо:**

1. Борбад кӣ буд ва чаро мардум ӯро бо хурсандӣ истиқбол менамуданд?
2. Ҷавонмардон ба савора чӣ ҷавоб доданд?
3. Борбад чӣ тавр аз зиндон озод шуд?

## ДАРСИ 52

**Машқи 64.** Ҳикоячае навишта, ба он «Некии оҳангар» ном гузоред.

1. Навкарон Борбадро ба назди кӣ бурданд?
2. Оҳангар кишанро чӣ тарз сохт?
3. Чашмак задани оҳангар ба Борбад чӣ маъно дошт?
4. Чаро дар лабони Борбад табассум гул кард?

**Машқи 65.** Бозӣ. Аз ҳарфҳои калимаи «чашм» истифода карда, исмҳо созед, нависед ва савол гузоред.

**Машқи 66.** Матни зеринро нависед, ба зери исмҳои ҷамъ хат кашед.

Сайди бузҳои кӯҳӣ ниҳоят мушкил аст. Онҳо бисёр ҳушёру чолоканд. Чашмони бузҳои кӯҳӣ хеле тезбин ва худашон тездав мебошанд. Бузҳои кӯҳӣ ҳанӯз аз хурдӣ нағз медонанд, ки душмани қаттоли онҳо паланги кӯҳӣ мебошад.

## ДАРСИ 53

### ГУНҶИШК ВА МОР

Овардаанд, ки ду гунҷишк дар сақфи хонае ошён сохта буданд. Вақте бача бароварданд ва ҳар яки онҳо барои тарбияти фарзанд аз пайи хӯрок мерафтанд, он чӣ ба даст меоварданд, ба даҳони фарзандонашон меандохтанд. Рӯзе гунҷишки нар ба тарафи берун рафт. Вақте ки боз омад, дид, ки гунҷишки мода бо изтироби тамом гирди ошён мепарид ва фарёди сӯзнок мекашид. Гуфт:

– Эй ёри нозанин, ин чӣ ҳаракат аст, ки ман аз ту мебинам?

– Чӣ гуна нанолам, ки як дам ғоиб шуда будам, омада дидам, ки море бадҳайбате расида, қасди бачагони ман кард. Ҳарчанд зорӣ кардам, дили тираи мор нарм нашуд. Гуфтам: «Аз он битарс, ки ману падари ин фарзандон агар камари интиқом бандем, шояд ки туро бикушем». Мор бихандид ва гуфт:

– Ман мисли шерам, ту як парандаи оҷизак бо ман чӣ кор карда метавонӣ?

Мор гунҷишкбачаҳоро хӯрдааст ва дар ошён хуфтааст.

Гунҷишки нар ин аҳволро дида, аз фироқи фарзандон оташи ҳасрат дар ҷонаш афтод. Дар ин маҳал соҳиби хона чароғ мегиронд. Ӯ фатилаи ба равған олударо даргиронда, дар даст медошт. Мехост, ки ба чароғдон ниҳад. Гунҷишк парида рафту он фатиларо аз дасти ӯ бардошт ва ба даруни ошён партофт. Соҳиби хона аз тарси, он ки мабодо сақф оташ гирад, дарҳол болои бом баромад, то ки оташро кушад. Мор аз пеш шарари оташ дид ва аз боло овози метин шунид. Сар аз сӯрох берун баровард. Баробари сарашро баровардан соҳиби хона ба метин каллаи ӯро пора кард.

*Ҳусайн Воизи Кошифӣ*

**ЛУҒАТ:**

***Фатила*** – ресмони ғафси аз пахта тофташуда, ки дар чароғи пилтасӯз гузошта мешавад.

***Метин*** – тешаи калони дунӯлаи сангтарошӣ, зоғнӯл.

## ДАРСИ 54

**Машқи 67.** Мазмуни ҳикояи «Гунҷишк ва мор»-ро бори дигар нақл кунед ва нависед, ки гунҷишки мода ба гунҷишки нар чӣ ҷавоб дод.

**Машқи 68.** Бозӣ. Бо ҳарфҳои калимаи «гунҷишк» калимаҳо созед ва гӯед, ки онҳо кадом ҳиссаи нутқанд?

**Машқи 69.** Матни зеринро хонда, саволу ҷавоб кунед, баъд нависед ва ба зери исмҳо хат кашед.

### НАРДБОН

Шахсе нардбонро бардошта, ба боғи дигаре рафт, то мева бидуздад. Соҳиби боғ бирасид ва пурсид:

– Дар боғи ман чӣ кор мекунӣ? Гуфт:

– Нардбон мефурӯшам. Гуфт:

– Нардбон дар боғи ман мефурӯшӣ? Гуфт:

– Нардбон аз они ман аст. Ҳар ҷо, ки хоҳам, мефурӯшам.

*Убайди Зоконӣ*

## ДАРСИ 55

### ҶАМЪБАСТИ ЧОРЯК

# ЧОРЯКИ II

## ДАРСИ 1

### САЪДИИ ШЕРОЗӢ

Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ соли 1184 дар Шероз ба дунё омада, пас аз таҳсили ибтидоӣ дар мадрасаи «Низомия»-и Бағдод хондааст.

Саъдӣ саёҳатро дӯст медошт. Ӯ дар бисёр шаҳрҳои Эрону Арабистон буда. Ҳангоми сафар бо одамон ошно шуда, бо онҳо сӯҳбат мекард ва аз тарзи зисти онҳо огоҳӣ меёфт.



Зиндагии мадумонро саросар омӯхта, пасон ду асари машҳури худ – «Бӯстон» ва «Гулистон»-ро навиштааст.

«Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ саршори панду ахлоқ аст. Ин худ як мактаби тарбия буда, дар ҳама давру замон ба мардумони олам ёрӣ расонидааст.

Шайх Саъдӣ бо «Гулистон» ва «Бӯстон»-и худ ҳамеша бо мардуми некхоҳи олам аст.

## ХИРАДИ НӮШЕРВОНИ ОДИЛ

Овардаанд, ки Нӯшервони Одилро дар шикоргоҳе сайде кабоб карданд ва намак набуд. Ғуломе ба русто рафт, то намак орад. Нӯшервон гуфт:

– Намак ба қимат биситон (харида биёр), то расме нашавад ва деҳ хароб нагардад. Гуфтанд:

– Аз ин қадар чӣ халал ояд?

Нӯшервон гуфт:

– Бунёди зулм дар ҷаҳон аввал андаке будааст, ҳар кӣ омад ба ӯ иловае кард, то бад-ин дараҷа расид.

## ҚИТЪА

Агар зи боғи раият малик хӯрад себе,
Бароваранд ғуломони ӯ дарахт аз бех.
Ба панҷ байза, ки султон ситам раво дорад,
Зананд лашкариёнаш ҳазор мурғ ба сих.

**ЛУҒАТ:**

***Русто*** – деҳа, қишлоқ. ***Раият*** – фақир, халқ, мардум.

***Ба панҷ байза, ки султон ситам раво дорад*** – агар подшоҳ панҷ тухмро ба зӯрӣ гирад.

### Савол ва супориш:

1. Чаро ғулом ба деҳа рафт?
2. Нӯшервон чӣ гуфт?
3. Ҳозирбудагон чӣ гуфтанд?
4. Нӯшервон чӣ ҷавоб дод?
5. Мазмуни қитъаро шарҳ диҳед.

Ба нақшаи зер такя намуда, мазмуни ҳикояро нависед:
1. Ба деҳ рафтани ғулом.
2. Хоҳиши Нӯшервон.
3. Ҷавоби Нӯшервон ба ҳамроҳонаш.

## ДАРСИ 2

**Машқи 70.** Исмҳои зеринро муқоиса кунед ва нависед:

**деҳа – деҳаҳо** **одам – одамон**
**дарахт – дарахтон** **талаба – талабагон**
**мурғ – мурғҳо**

Исмҳо танҳо ва ҷамъ мешаванд. Исми танҳо якто будани чизе ё касеро мефаҳмонад: меҳмон, бача, кӯча, деҳқон, майдон.

Исми ҷамъ аз якто зиёд будани чизе ё касеро мефаҳмонад: меҳмонон, бачаҳо, кӯчаҳо, майдонҳо.

Пасвандҳои -ҳо, -он, -гон, исмҳои ҷамъ месозанд.

**Машқи 71.** Аз калимаҳои зерин исмҳоеро навишта гиред, ки бо пасвандҳои -ҳо, -он, -гон омадаанд: хона, табақҳо, коргар, коргарон, одамон, рӯз, дугонаҳо, муаллим.

### Супориш:

Бо исмҳои ҷамъи навиштаатон ҷумлаҳо тартиб диҳед ва онҳоро бо исмҳои танҳо муқоиса кунед.

**Машқи 72.** Хонед. Мазмуни матнро нақл карда, бо калима ва ибораҳои «парандагон», «ҷойҳои дастнорас», «маслиҳати муаллимон» ҷумлаҳо тартиб диҳед ва нависед.

## МОР ВА МУСИЧА

Боре ман рӯи ҳавлиамонро мерӯфтам. Мусичае дар болои дарахт патаррос мезад. Ба кӯҷо задани худро намедонист. Дидам, ки море ба лонаи мусича ҳамла карда, бачаҳояшро хӯрданист. Ман зуд акаамро ҷеғ задам. Вай аз воқеа огоҳ шуда, чӯбро ба даст гирифту болои дарахт баромад. Мор худро партофта гурехт. Хайрият бачаҳои мусича эмин монданд.

Роҳбари синфамон нақли моро шунида, гуфтанд, ки дар ҳаққи парандаҳо ғамхорӣ намудан ҳам яке аз вазифаҳои мо мебошад ва маслиҳат доданд, ки барои парандаҳо бисёртар лоначаҳо сохта ба ҷойҳои дастнорас овезем.

## ДАРСИ 3

## ДУ БАРОДАР

Ду бародар буданд: яке хидмати султон кардӣ ва дигаре ба зӯри бозу нон хӯрдӣ.

Боре тавонгар дарвешро гуфт:

– Эй бародар, чаро хидмати султон накунӣ, то аз машаққати кор кардан бираҳӣ.

Бародари фақир ҷавоб дод:

– Ту чаро кор накунӣ, то аз мазаллати хидмат раҳоӣ ёбӣ, ки хирадмандон гуфтаанд:

– «Нони худ хӯрдану нишастан беҳ, ки камари заррин ба хидмат бастан».

Ба даст оҳаки тафта кардан хамир,
Беҳ аз даст бар сина пеши амир.

*Саъдӣ*

### ЛУҒАТ:

***Тавонгар*** – зӯрманд, он бародаре, ки дар даргоҳи амир (султон) амалдор буд.

***Тафта*** – оҳаки тафсон; агар ба оҳаксанг об резед, метафсад ва сипас меҷӯшад.

***Мазаллат*** – хорию зорӣ, камбағалӣ.

### Савол ва супориш:

1. Бародарон ба кадом корҳо машғул буданд?
2. Бародари тавонгар ба бародари камбағалаш чӣ гуфт?
3. Бародари камбағал чӣ ҷавоб дод?
4. Мувофиқи мазмуни ин ҳикоя саҳначае ташкил кунед, ки дар он ду нафар иштирок намоянд.
5. Матни ҳикоя ва ду мисраъ шеърро аз ёд кунед.

## ДАРСИ 4

**Машқи 73.** Ба исмҳои зерин пасвандҳои -он, -ҳо, -гон илова намуда нависед:

| | | | |
|---|---|---|---|
| **Меҳмон** | **кӯча** | **хона** | **гул** |
| **Дугона** | **кӯдак** | **духтар** | **дарахт** |
| **миз** | **чӯҷа** | **суруд** | **талаба** |

**Машқи 74.** Зери унвони «Рӯзи таваллуд» матне тартиб диҳед ва дар он калимаҳои меҳмонон, дугонаҳо, мизҳо, гулҳо-ро истифода баред.

**Машқи 75.** Афсонаи «Рӯбоҳи бедум»-ро хонед ва мазмуни онро мувофиқи нақша нависед.

## РӮБОҲИ БЕДУМ

Рӯбоҳе ба доми сайёд афтода, ба зӯр халос шуд. Вале думаш он ҷо монд. Рӯбоҳ чанд рӯз аз шарму ҳаё берун набаромад. Аммо гуруснагӣ маҷбураш кард, ки берун бարояд. Рӯбоҳҳои дигар ӯро дида, масхара мекарданд! Охир, кадом рӯбоҳ бедум шудааст! Зеби рӯбоҳ думаш мебошад.

Рӯбоҳи бедум фикр карда, фикр карда, илоҷи корро ёфтанӣ шуд. Ӯ як рӯз рӯбоҳҳоро ҷамъ намуда, гуфт:

– Ана мебинед, ман дум надорам. Медонед, дум надоштан хуб будааст: аввал ин, ки боратон сабук мешавад, баъд тезтар медавед. Рӯбоҳи пире сухан пурсид ва гуфт:

– Эй рафиқи бедум, агар ту думатро дар доми сайёд намемондӣ, ин маслиҳатро ба мо намедодӣ.

**Нақша:**
1. Ба доми сайёд афтодани рӯбоҳ.
2. Маслиҳати рӯбоҳи бедум.
3. Ҷавоби рӯбоҳи пир.

## ДАРСИ 5

### МАРДИ БУЗУРГҲИММАТ

Дар замони қадим марде будааст давлатманд ва бузургҳиммат. Дар дорой ва ҳиммату саховат касе ба ӯ баробар шуда наметавонистааст. Номи ин мард Ҳотами Той будааст. Ҳотами Той ҳар рӯз моли зиёде кушта, чандин дег хӯрок мепӯхтааст ва ба камбағалону бенавоёну гадоён медодааст. Мардуми бечора рӯзе се-чор вақт аз дастархони Ҳотам нон мехӯрдаанд ва дар ҳаққаш дуо мекардаанд.

Рӯзе Ҳотами Тойро пурсидаанд:

– Эй марди бузург, бигӯ, ки дар ҷаҳон аз худ бузургҳимматтар дидаӣ ё шунидаӣ?

Ҳотам ҷавоб додааст:

– Бале, дидаам. Рӯзе чил шутур қурбонӣ карда будам. Ҳама меомаданду мехӯрданд. Худам ба гӯшаи саҳрое ба ҳоҷате берун рафтам. Як хоркашеро дидам, ки хор пушт карда меомад, гуфтамаш:

– Эй хоркаш, ба меҳмонии Ҳотам чаро наравӣ, ки ҳама бар дастархони ӯ гирд омадаанд. Хоркаш ҷавоб дод:

«Ҳар кӣ нон аз амали хеш хӯрад,
Миннат аз Ҳотами Тойӣ набарад».

Ҳотам мегӯяд:

**«Ман ӯро ба ҳиммат ва ҷавонмардӣ аз худ бартар дидам»**.

*Саъдӣ*

**Савол ва супориш:**

1. Ҳотами Той чӣ гуна мард будааст?
2. Ҳотам ба хоркаш чӣ мегӯяд ва хоркаш чӣ ҷавоб медиҳад?
3. Чаро Ҳотам хоркашро аз худ боҳимматтару ҷавонмардтар номид?
4. Байтро аз ёд кунед.

## ДАРСИ 6

**Машқи 76.** Калимаҳои зеринро аз ҷиҳати маъно муқоиса кунед:

| | | |
|---|---|---|
| **оҳан – оҳангар** | **пахта – пахтазор** | **кӯҳ – кӯҳсор** |
| **гул – гулистон** | **трактор – тракторчӣ** | |

Пасвандҳои -гар, -зор, -сор, -истон, -чӣ аз як калима калимаи дигар месозанд.

**Машқи 77.** Ба калимаҳои кор, чашма, себ, тоҷик пасвандҳои мувофиқ ҳамроҳ карда исмҳои нав созед, муқоиса кунед ва савол гузоред.

**Машқи 78.** Шеърро хонед ва гӯед, ки дар бораи Ватан чиҳо гуфта шудааст?

### ВАТАН, ВАТАН!

Дар ин ҷаҳон ягона меҳрубони ман туӣ.
Чӣ ҷои ин сухан, ки худ ҷаҳони ман туӣ.
Ҷавон шуд аз ишқи ту вуҷуди ман
Бувад пур аз номи ту суруди ман, суруди ман.
Нури ман, зӯри ман, завқи ман, ҷони ман туӣ.

*Лоҳутӣ*

**Супориш:**

1. Нависед, зери исмҳо хат кашед ва савол гузоред.
2. Маъноҳои дигари калимаи «Нур»-ро гӯед.

## ДАРСИ 7

**Машқи 79.** Аввал бо калимаи «ҳунарманд» ҷумла тартиб диҳед ва баъд таркиби ҳамин калимаро ҷудо ва бо аломатҳои шартӣ ин тавр ишора кунед:

**ҳунарманд**

Дар хотир нигоҳ доред:

——— аломати решаи калима.

– аломати пасванд.

**Машқи 80.** Нақшаи зеринро давом диҳед:

Пахта → зор
лиму → зор
...

дониш → манд
давлат → манд
...

**Машқи 81.** Нависед, зери исмҳо хат кашед. Таркиби калимаи «нонреза»-ро ҷудо карда, бо аломатҳои шартӣ ишора намоед.

Аз замин нонрезаҳоро чида мемолам ба чашм,
Нони гарми меҳнатиро дида мемолам ба чашм...
Чунки ман ҳам дар замони худ даравгар будаам,
Хӯшачину боғбанду дос дар бар будаам...

*Мирзо Турсунзода*

## ДАРСИ 8

## МУҲАММАД АВФИИ БУХОРОӢ

Аз қадимулайём Бухоро маркази илму маърифат ба шумор мерафт. Ана дар ҳамин мулк Муҳаммад Авфӣ ба дунё омадааст. Ӯ айёми кӯдакиро дар Бухоро гузаронда, таҳсили ибтидоияшро дар деҳааш гирифтааст. Муҳаммад Авфӣ барои илмомузӣ ба шаҳрҳои Самарқанд, Хоразм, Марв ва ғайраҳо меравад.

## БАҲРОМИ ГӮР

Рӯзе аспе дар лашкаргоҳи Яздигурд пайдо шуд ва бар дари саропардаи ӯ биистод. Ҳусни сират ва лутфи сурати он асп чунон хуш буд, ки халқ аз тамошояш сер намешуд. Ба Яздигурд хабар доданд.

Яздигурд пеши асп рафт. Даст ба шонааш гузошт. Асп ором истод. Хост ба он лаҷом занад, лекин натавонист. Баногоҳ асп баргашт ва ӯро лагад зад. Чунон лагад зад, ки Яздигурд нақши замин шуд ва номи ӯ ба бадӣ дар олам машҳур гашт.

Ва чун асп ҷуфта заду Яздигурдро бикушт, сарони лашкар ва аҳли маориф ҷамъ шуданду гуфтанд:

– Мо аз Яздигурд он қадар зулму бадӣ дидем, ки ҳеҷ гӯш нашунида буд ва ҳеҷ чашм надида. Акнун аз дасти зулми вай

халос ёфтем. Албатта, салоҳ набошад, ки касе аз насли вай бар мо подшоҳ бошад. Агар подшоҳӣ ба фарзанди ӯ расад, сирати падарро зинда гардонад ва мо ба дасти ӯ дармонем.

Дар байни онҳо як одам буд аз фарзандони Ардашер ва ӯ Кисро ном дошт. Бо маслиҳат аҳду паймон карданд ва мулк ба Кисро супориданд – ӯро подшоҳ карданд.

Ин хабар ба Баҳроми Гӯр, ба писари Яздигурд расид. Вай шуниду бағоят биранҷид ва лашкар гирифту ба талаби тахт биёмад.

Вақте ки аъёни Эрон хабари омадани ӯро бишниданд, тарсиданд. Ва гуфтанд, ки набояд ҷангу ҷидол шавад ва халқ нобуд гардад.

Одамони донишманд ва маъруф ҷамъ шуданд. Онҳо пеши Баҳром омаданд ва гуфтанд.

– Барои чӣ омадӣ? Мо аз падари ту ранҷи бисёр дидаем. Намехоҳем, ки аз насли вай касе ба мо подшоҳ бошад. Баҳром онҳоро хуш қабул кард ва гуфт:

– Маро маълум аст, ки падари ман зиндагонии бад кардааст. Лекин ман аз роҳи адлу инсоф берун намеравам. Ҳар чиро ӯ даридааст, ман онро медӯзам. Ҳар чӣ ӯ шикастааст, ман пайваст мекунам. Узр мепурсам аз шумо. Шумо мардеро аз ман беҳтар донистед ва подшоҳ кардаед. Ман муқобил нестам. Фақат мехоҳам тоҷи шоҳӣ биёранд ва дар миёнаи ду шери даррандаи гурусна гузоред. Ҳар кӣ тоҷ аз миёнаи он ду шер бардорад, подшоҳӣ ӯро бошад.

Он ҷамоат чун лафзи Баҳромро шуниданд ва ваъдаи ӯ гӯш карданд, бозгаштанду ба аркони давлат гуфтанд:

– Баҳром на аз он касон аст, ки кирдораш ба кирдори дигарон монанд бошад. Вай сирати лутф аст ва ҷони карам ва зоти мардумӣ.

Рӯзи дигар аркони мулк ва сардорони давлат ҳозир омаданд. Бар дари шаҳр одами бисёре ҷамъ карданд. Ду шери гурусна аз шерхона берун оварданд. Занҷири гардани шерҳоро кушоданд. Кисро ро, ки подшоҳ карда буданд ва Баҳром пеш омаданд.

Кисро чун шерони гурусна дид, сари худро аз тоҷи шоҳӣ беҳтар донист.

– Ман ҷонро, – гуфт вай, – аз мулк азизтар медонам. Баҳром пеш баромаду гуфт:

– Ҳар кӣ ҳаваси тоҷ дорад, бояд, ки дил аз сар бардорад. Баҳром гурзе дар даст гирифт ва ба шерон ҳамла овард. Шерон ҳам қасди ӯ карданд. Баҳром пиёда шуд. Бо як ҳамла ба пушти яке аз шерон савор шуд. Шери дигар ҳуҷум кард. Баҳром аз гӯши он шер дошт. Сипас, сари ҳар ду ба якдигар мезад, то даме, ки мағзи сари шерон аз биниашон баромад. Ҳарду шер ба замин афтоданд.

Баҳром тоҷ аз миёнаи шерон бардошт ва ба сар ниҳод. Аввалин касе, ки бар вай салом кард, Кисро буд. Дигарон ҳам ба ӯ сари таъзим фуруд оварданд ва ӯро подшоҳ интихоб намуданд.

**ЛУҒАТ:**

***Саропарда*** – хаймаи шоҳона.
***Сират*** – табиат, рафтор, ботин.
***Маориф*** – маъруф, донишмандон.
***Салоҳ*** – фоида, маслиҳат, дуруст.

### Саволҳо:

1. Бо Яздигурд чӣ ҳодиса рӯй дод?
2. Сардорон ва донишмандон ба кадом қарор омаданд?
3. Маъруфони Эрон хабари омадани Баҳромро шунида, ба назди ӯ рафта, чӣ гуфтанд?
4. Баҳром ба онҳо чӣ ҷавоб дод ва ӯ кадом шартро дар миёна гузошт?
5. Чаро мардуми Эрон Баҳромро подшоҳ интихоб намуданд?

## ДАРСИ 9

### НАҚЛИ ХАТТӢ

Аз рӯи мазмуни ҳикояи «Баҳроми Гӯр» нақли хаттӣ нависед.

## ДАРСИ 10

### НӮШЕРВОНИ ОДИЛ

Ривоят мекунанд, ки рӯзе Нӯшервон аз вазир савол кард:
– Сабаб чист, ки боз кӯтоҳумр, лекин гунҷишк дарозумр?
Вазир ҷавоб дод:

– Барои он ки боз золим ва ҷабркор аст. Гунҷишк бошад, ҳалим ва камозор. Модом ки ҳосили корҳо чунин аст, ҷидду ҷаҳд бояд, ки подшоҳ аз аҳволи мардум доим бохабар бошад. Набояд дар мамлакат корҳое бикунанд, ки саранҷоми он завол, вайронӣ ва вубол – азоб бошад.

Нӯшервон гуфт:

– Бар раият одамони боинсофро мегузорам. Ба ин тариқ адолат нигоҳ медорам. Вазир ҷавоб дод:

– Агар савол ва ҷавоби халқ ба зиммаи гумоштагон бимонанд, дар мамлакат сустӣ падид ояд. Зеро гумошта ба симу зар фирефта шавад. Ва маълум, ки забти мамлакат бо як одам номумкин аст. Савоб он бошад, ки зангӯлае созем. Риштаи он зангӯла аз девору дарвоза берун овезем. Агар ба касе ситам расад, биёяду он ришта кашад ва дарди хеш бевосита ба шоҳ гӯяд.

Нӯшервон фармуд, то силсилаҳо сохтанд ва аз болои қаср овезон карданд. Ҳар ситамрасида меомад ва силсиларо меҷунбонд. Зангӯла занг мезад. Нӯшервон мебаромад, арзу додаш мешунид ва заифонро аз ҷабри қавиҳо ҳимоя мекард.

Рӯзе аз рӯзҳо садои занг ба гӯши Нӯшервон расид. Вай баромаду нигоҳ кард ва хареро дид, ки силсила меҷунбонад.

Хар лоғар ва нимҷон буд. Раҳми Нӯшервон омад ба хар. Вай пурсид:

– Соҳиби ин хар кист?

Гуфтанд:

– Шустагарест. То хар ҷавон буд, ин харро кор мефармуд. Хар пир шуд, аз хона берун кард.

Нӯшервон бифармуд ва одамонаш рафтанду соҳиби хар биёварданд. Ӯро ҷазо дод ва эълон кард:

– Ҳар кӣ харро ба ҷавонӣ кор фармояд ва дар пирӣ ғамхорӣ накунад, сазояш ин бувад.

Ва ба ин шустагар фармуд:

– Ҳар рӯз ба ин хар ҷаву коҳ бидеҳ!

Баъд аз ин адолату одилии Нӯшервон ба ҷаҳон машҳур шуд.

*Муҳаммад Авфии Бухорӣ*

**ЛУҒАТ:**
***Гумошта*** – соҳибмансаб, соҳиби вазифа.

**Савол ва супориш:**

1. Шоҳ аз ҷавоби вазир ба чӣ хулоса омад?
2. Вазир чӣ тадбир сохт?
3. Аз чӣ сабаб адолату одилии Нӯшервон дар ҷаҳон машҳур шуд?
4. Аз мазмуни ин ҳикоя хулоса бароред.

## ДАРСИ 11

**Машқи 82.** Аз матн калимаи «гумоштагон»-ро нависед ва вазифаи пасванди «гон»-ро шарҳ диҳед.

**Машқи 83.** Ба калимаҳои зерин пешванди «ҳам»-ро ҳамроҳ карда нависед: синф, роҳ, соя.

**Машқи 84.** Чистонро нависед. Таркиби калимаи «ҳамроҳ»-ро ҷудо кунед.

То зону ду чоҳ,
Мегардад ҳамроҳ.

**Машқи 85.** Хонед. Гӯед, ки дар матн сухан дар бораи чӣ меравад?

### ГУЛДАСТОН

Маҳбуба аз мактаб омада, хӯрокашро хӯрду ба кори хона машғул шуд: дегу табақҳоро шуста, ҳавлиро рӯбучин кард. Дере нагузашта, ҳамсинфонаш Мақсуда ва Мағфират ҳам расида омаданд.

– Маҳбуба, рафтем, бевақт шуд.

– Ба куҷо, духтарон? – ҳайрон шуд модар.

– Ба «Гулдаст», очаҷон, имрӯз куртача медӯзем, – ҷавоб дод Маҳбуба.

**Супориш:**

Матнро рӯбардор намуда, калимаи «ҳамсинфонаш»-ро алоҳида нависед ва таркибашро ҷудо кунед.

## ДАРСИ 12

### САЪВА ВА ФИЛ

Ривоят мекунанд, ки саъвае дар шохи дарахт лона дошт. Ва ҳар сол дар ин лона тухм мемонд, чӯҷа мебаровард. Ҳар вақте ки чӯҷа мебаровард, аз беша филе меомад. Фил худро ба дарахт мемолид, дарахт меҷунбид ва чӯҷаҳои саъва аз лона меафтиданд, фил чӯҷаҳоро помол мекард.

Саъваи бечора қасос гирифта наметавонист.

– Душман зӯр аст, – гуфт саъва худ ба худ. – Аз ӯ фақат бо тадбир қасос бояд гирифт.

Ва саъва ба назди пашша рафт.

– Пеш аз ин байни мо носозӣ буд, – гуфт саъва ба пашша. – Имрӯз омадам, ки аз ту узр пурсам. Ва умеде дорам, ки ба ман ёрӣ расонӣ. Ҳоҷате ба ту овардам, маро ноумед боз нагардон.

– Ҳоҷатат чист? – пурсид пашша.

Саъва ҷавоб дод:

– Ҳоҷати ман ин аст, ки фил маро басо азоб медиҳад. Чӯҷаҳоямро помол мекунад. Аз ту хоҳиш дорам, ки ба чашми фил неш бизанӣ. Вай дили маро реш кардааст, нешҳои ту чашми ӯро реш кунад.

Пашша илтимоси саъваро қабул кард. Фавҷе аз пашшаҳо ҷамъ овард. Ва пашшаҳо ба фил ҳуҷум карданд. Ба чашмонаш неш заданд. Чашмони фил ҷароҳатдор шуда, нобино гашт. Ва аз дидан маҳрум шуд. Фил акнун роҳро намедид ва дар паси он дарахт истод. Бечора рафта наметавонист.

Саъва ба назди ғук рафт ва гуфт:

– Ман бо ёрии пашша душманамро кӯр кардам. Акнун мадади ту лозим аст, ки аз вай тамоман халос шавам.

– Чӣ мададе аз ман ба ту мерасад? – пурсид ғук.

Саъва гуфт:

– Бар лаби рӯд меравӣ, ҷои гумоберо меёбӣ ва овоз мебарорӣ. Овози ту ба гӯши фил мерасад. Фил ба сӯи овоз меояд, ки дар он ҷо об ҳаст. Дар об по мемонад ва ғарқ мешавад. Мо аз бадиҳои вай наҷот меёбем.

Ғук ба ҷое рафт, ки обаш ниҳоят чуқур буд. Дар он ҷо истод ва овоз баровард.

Фил аз ҳад зиёд ташна буд. Овози ғукро шунид ва ҳамон тараф рафт. Рафту рафт, то ба лаби об расид. Қадам ба об монд ва ғарқ шуд.

Саъва аз ҷабри фил наҷот ёфт.

*Муҳаммад Авфии Бухорой*

**ЛУҒАТ:**

***Реш*** – захмдор, ярадор.

***Фавҷ*** – гурӯҳ, даста.

**Саволҳо:**

1. Саъва барои аз фил қасос гирифтан чӣ чора дид?
2. Пашша барои кӯр гардонидани фил кадом воситаро истифода бурд?
3. Саъва барои тамоман аз душманаш халосӣ ёфтан боз чӣ тадбир андешид?
4. Аз мазмуни ҳикоят ба кадом хулоса омадан мумкин?
5. Дар калимаҳои «пашшаҳо», «нешҳо» ва «чашмон» пасвандҳои -«ҳо» ва -«он» чӣ гуна исмҳо сохтаанд?

## ДАРСИ 13

**Машқи 86.** Мувофиқи саволҳои зерин дар хусуси ҳилаи саъва ва ғук ҳикоячае нависед ва сарлавҳа гузоред.

1. Саъва ба ғук чӣ маслиҳат дод?
2. Ғук чӣ кор кард?
3. Чаро фил ба тарафи овози ғук рафт?

**Машқи 87.** Калимаҳои ҳамкор, ҳамсинф ва ҳамсояро таҳлил намуда, вазифаи пешванди «ҳам»-ро шарҳ диҳед.

Пешванди «ҳам»-пеш аз калима омада, исм месозад. Мисол: ҳамкор, ҳамсинф, ҳамшаҳр.

**Машқи 88.** Хонед. Гӯед, ки Латифа ба мактаби нав чӣ ҳадя мекунад? Матнро нависед ва ба зери исмҳое, ки пешванди «ҳам»-доранд, хат кашед.

## ҲАДЯИ ЛАТИФА

Духтари ҳамсояи мо Латифа дар гирди гулҳояш парвона шуда мегардад. Вай ҳамин сол, аввали баҳор 16 дона қаламчаи гули садбаргро дар рӯи ҳавлиашон шинонда буд. Қаламчаҳо реша давонда, барг бароварданд. Рӯзе аз Латифа пурсидам:

– Латифа, ин гулҳоро чӣ кор мекунӣ?

– Ба мактаб ҳадя мекунам, – ҷавоб дод ӯ.

Баъди таътили тобистона Латифаю ҳаммактабонаш ба мактаби нав мекӯчанд. Латифа ба синфи 7-ум меравад. Ба мактаб аз гулҳои парвардааш мебарад.

### ДАРСИ 14

## ИМЛО

### ДАРСИ 15

## АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ



Абдураҳмони Ҷомӣ соли 1414 дар деҳаи Харгарди вилояти Ҷом ба дунё омадааст. Айёми кӯдакиаш дар Ҷом гузаштааст. Баъд барои таҳсили илм ба Ҳирот меравад. Абдураҳмони Ҷомӣ аксарияти илмҳои замони худ – ба монанди забону адабиёт, таърих ва фалсафаро пурра омӯхта, яке аз донишмандон ва шоирони шинохтаи замони худ мегардад. Ҷомӣ марди хоксор будааст. Ҷомӣ асаре менависад бо номи «Баҳористон». Ин китоб саросар аз ҳикояҳои ширин ва латиф иборат аст.

## ҲИКОЯТИ «РӮБОҲИ ЗИРАК ВА ГУРГИ НОДОН»

Рӯбоҳе бо гурге дами мусодақат мезад ва қадами мувофақат мениҳод. Бо якдигар ба боғе гузаштанд, дар устувор буд ва деворҳо пурхор. Гирди он гардиданд, то ба сӯрохе расиданд, ки ба рӯбоҳ фарох ва бар гург танг, рӯбоҳ осон даромад ва гург ба заҳмати фаровон. Ангурҳои гуногун диданд ва меваҳои рангоранг ёфтанд. Рӯбоҳ зирак буд, ҳоли берун рафтанро мулоҳаза кард ва гурги ғофил чандон, ки тавонист, бихӯрд. Ногоҳ боғбон огоҳ шуд ва чӯбдасте бардошт ва рӯй бар эшон ниҳод. Рӯбоҳи борикмиён зуд аз сӯрох бичаст ва гурги бузургшикам дар он ҷо маҳкам шуд. Боғбон бар вай расид, чӯбдаст кашида, чандонаш бизад, ки гург на мурда, на зинда, пӯст дарида ва пашм кандида, аз он тангной берун рафт.

**ЛУҒАТ:**

***Дами мусодақат*** – сӯҳбати самимона.
***Мувофақат*** – ҳамроҳӣ. ***Ғофил*** – нодон, бепарво.

**Савол ва супориш:**

1. Рӯбоҳу гург сӯҳбаткунон ба куҷо рафтанд?
2. Чаро ба ин ҳикоя «Рӯбоҳи зирак ва гурги нодон» сарлавҳа гузошта шудааст?
3. Шумо аз мазмуни ин ҳикоя чӣ хулоса мебароред?

## ДАРСИ 16

### СИФАТ

**Машқи 89.** Иборахои зеринро нависед ва савол гузоред:

**дари устувор**
**деворҳои пурхор**
**сӯрохи фарох**
**сӯрохи танг**
**рӯбоҳи борикмиён**
**гурги бузургшикам**
**заҳмати фаровон**
**ангурҳои гуногун**
**меваҳои рангоранг**
**рӯбоҳи зирак**
**гурги ғофил**
**гурги нодон**

Намуна:
– Чӣ?
– Дар.
– Дари чӣ хел?
– Дари устувор.

**Машқи 90.** Шеъри зеринро хонед ва гӯед, ки дар васфи Кофарниҳон чиҳо гуфта шудааст? Чаро аввали калимаи Кофарниҳон бо ҳарфи калон навишта шудааст?

## РӮДИ РАВШАН

Кофарниҳон, Кофарниҳон,
Эй рӯди дарё дар ниҳон,
Тунд ои аз шахҳои кунд
Дар оби хеш озар ниҳон.
Хурду бузургу сабзу сурх –
Паҳлуи ту биншаста санг.
Гӯё, ки дарёдамкашон
Лаб бар лабонат баста санг.

Мепарварам бо оби ту
Гулбоғи бахти сабзи хеш.
Набзи туро чун обсанҷ
Ман бишмарам бо набзи хеш.
Кофарниҳон, сарҷӯи сабз –
Дар домани сабзи Ватан.
Хоҳам, ки дар ҷонам тапад
Набзи ту чун набзи Ватан.

*Раҳмат Назрӣ*

**ЛУҒАТ:**
***Ниҳон*** – паноҳ.
***Тунд*** – тез.
***Озар*** – дурахшон, шӯъла.
***Набз*** – ҳарорат.

**Савол ва супориш:**

1. Мисраи «Гулбоғи бахти сабзи хеш» чӣ маъно дорад?
2. Ба сифатҳои хурд, бузург, сабз, сурх савол гузоред ва гӯед, ки онҳо ба кадом исм тааллуқ доранд?

**Машқи 91.** Шеъри зеринро нависед, ба зери калимаҳое, ки ба волҳои чӣ хел? чӣ гуна? ҷавоб мешаванд, хат кашед.
Чаро шоир мегӯяд, ки тирамоҳ рӯи хандон, чашми сер, домани ...бор дорад?

Шӯҳрати бисёр дорад тирамоҳ,
Номи лангардор дорад тирамоҳ.
Дасти боло, рӯи хандон, чашми сер
Домани пурбор дорад тирамоҳ.

*Мирзо Турсунзода*

## ДАРСИ 17

### ҲИКОЯТИ МАРДИ ОЛИҲИММАТ

Ҳотамро пурсиданд, ки:

– Ҳаргиз аз худ каримтар касе дидӣ?

Гуфт:

– Бале, рӯзе ба хонаи ятиме омадам. Ӯ даҳ сар гӯсфанд дошт. Филҳол як сар гӯсфандро кушт ва пеши ман овард ва маро ҷое аз он хуш омад. Бихӯрдам ва гуфтам: «Валлоҳ, ки ин бисёр хуш бувад». Он писар берун мерафт ва як-як гӯсфандонро мекушт ва он мавзеъро мепухт ва пеши ман меовард ва ман аз он огоҳ не. Чун берун омадам, ки савор шавам, дидам, ки хуни бисёр рехтааст.

Пурсидам:

– Ин чист?

Гуфтанд, ки:

– Вай ҳама гӯсфандони худро кушт. Вайро маломат кардам, ки чаро чунин кардӣ.

Гуфт:

– Субҳоналлоҳ, туро чизе хуш омад, ки ман молики он бошам ва агар дар он бахилӣ кунам, ин зиштсиратӣ бошад дар миёни араб.

Пас, Ҳотамро пурсиданд, ки:

– Ту дар муқобилаи он чӣ додӣ?

Гуфт:

– Сесад шутури сурхмӯй ва панҷсад гӯсфанд.

Пас гуфтанд, ки:

– Ту каримтар бошӣ!

Гуфт:

– Ҳайҳот! Вай ҳар чӣ дошт, дод ва ман аз он чӣ доштам, андаке беш надодам.

## ҚИТЪА

Чун гадое, ки ними нон дорад,
Ба тамомӣ диҳад зи хони хеш.
Бештар з-он бувад, ки шоҳи ҷаҳон
Бидиҳад ниме аз хазонаи хеш.

**ЛУҒАТ:**

***Карим*** – босаховат, олиҳиммат.

***Филҳол*** – даррав, дарҳол, базудӣ.

### Савол ва супориш:

1. Ҳотам чиро нақл кард?
2. Саволу ҷавоби байни Ҳотаму ҳамсӯҳбатони ӯро бори дигар хонед.
3. Барои чӣ Ҳотам он ятимро аз худ олиҳимматтар ва ҷавонмардтар шуморид?
4. Мазмуни ин ҳикояро бо «Марди бузургҳиммат»-и Саъдӣ муқоиса кунед.

## ДАРСИ 18

**Машқи 92.** Ба калимаҳои «олиҳиммат» ва «сурхмӯй» савол гузоред ва гӯед, ки онҳо ба кадом исмҳо тааллуқ доранд?

**Машқи 93.** Хонед. Гӯед, ки дар матн дар бораи ҳаво, саҳро, боғҳо, шапалакҳо чиҳо гуфта шудааст?

## БОҒҲОИ ДИЛКУШО

Ҳаво форам. Саҳрои васеъ, боғҳои дилкушо ва қирҳои зебо ороста гардидаанд. Рӯи онҳо бо алафҳои кабуд, гулҳои сурх, киштҳои гуногун ва бо пахта пӯшида шудааст. Шапалакҳои сурх, зард, сиёҳ ва сафед парида мегарданд. Парандаҳо ба деворҳои пасту баланд, бомҳо ва ба рӯи гулҳои рангоранг менишинанд, бо овозҳои шӯх месароянд.

*Садриддин Айнӣ*

**Машқи 101.** Хонед. Гӯед, ки шоир дар эҷоди шеър аз кадом сифатҳо истифода бурда аст.

## ГУНҶИШК

Гунҷишкаки зебоякак,
Зебояки доноякак.
Ҳар гоҳ равад бар обу дон,
Бо селаи гунҷишкакон.
Бӯсида фарзандони худ,
Албатта таъин менамуд:
– Се хоҳари барнои ман,
Се додари донои ман,
Дарвозаро маҳкам кунед,
Ғавғои худро кам кунед,
То ки наёбад ҳеҷ гоҳ,
Мори сиёҳ бар лона роҳ.

*Убайд Раҷаб*

**Машқи 102.** Матне навишта, ба он «Диёрамонро зеботар мегардонем» сарлавҳа гузоред. Матнро ин тавр сар кунед:

Диёри мо басо зебо ва дилписанд аст...

**Супориш:**

Матни навиштаатонро хонда, гӯед, ки кадом сифатҳоро ба кор бурдед?

## ДАРСИ 23

## «БАДБАХТОН САНГ МЕХӮРДААНД...»

Рӯзе дар фасли баҳорон бо ҷамъе аз дӯстон ва ёрон ба ҳавои гашт ва тамошои саҳрову дашт берун рафтем. Чун дар мавзее хуррам манзил сохтем ва суфра андохтем, аз дур саге онро дид ва зуд худро ба он ҷо расонид. Яке аз ҳозирон пораи санг бардошт ва чунон ки нон пеши саг андозанд, пеши вай андохт. Саг онро бӯй

кард ва бе таваққуф бозгашт. Ҳарчанд овоз доданд, илтифот накард. Ҳозирон аз он мутааҷҷиб шуданд.

Яке аз он миён гуфт:

– Медонед, ки ин саг чӣ гуфт? Гуфт, ки «Ин бадбахтон аз бахилӣ ва гуруснагӣ санг мехӯрдаанд, аз хони эшон чӣ таваққӯъ тавон дошт ва аз суфраи эшон чӣ таматтӯъ тавон бардошт?!»

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

**ЛУҒАТ:**

***Суфра*** – дастархон.
***Илтифот*** – таваҷҷӯҳ.
***Таваққӯъ*** – умед, чашмдошт.
***Таматтӯъ*** – тӯъма, фоида.

**Савол ва супориш:**

1. Як гурӯҳ дӯстон ба куҷо рафтанд?
2. Онҳо чӣ кор карданд?
3. Саг чӣ кор кард?
4. Яке аз дӯстон чӣ кор кард?
5. Чаро саг дигар бознагашт?
6. Аз бознагаштани саг яке аз дӯстон чӣ хулоса баровард?

## ДАРСИ 24

**Машқи 103.** Ибораи «мавзеи хуррам»-ро нависед ва ба исму сифат савол гузоред. Ба сифати «хуррам» боз исмҳои мувофиқ ёбед. Мисол: боғи хуррам ...

**Машқи 104.** Ба саволҳои зерин ҷавоб гардонед ва баъд навишта, ба сифатҳо савол гузоред.

Шаб торик мешавад, рӯз чӣ?
Дарахт баланд мерӯяд, бутта чӣ?
Осмон баланд аст, замин чӣ?
Намуна: шаб торик мешавад, рӯз равшан.

**Машқи 105.** Хонед. Гӯед, ки шумо ба кирмак барги тут доданро дидаед?

### ШАПАЛАКИ КИРМАК

Матои нафису зебо – шоҳиро ҳамаи шумо медонед. Шоҳиро аз торҳои нафиси пилла мегиранд. Шапалак хокистаррангу шикамкалон,

вале қанотҳояш хеле беҷон аст. Ин шапалакро шапалаки кирмак меноманд. Шапалак дар зимистон тухм мегузорад. Баҳорон аз онҳо кирмакҳо мебароянд. Онҳо танҳо барги тут мехӯранд. Ин кирмакҳо чунон пурхӯранд, ки баҳорон барои хӯрондани онҳо тамоми барги дарахтони тутро мебуранд. Фасли тобистон аз барг сер мешаванд ва дар муддати кӯтоҳ худро бо торҳои сафеди абрешимӣ мепеҷонанд. Ин торҳоро худи кирмак тайёр мекунад. Дере нагузашта, дар атрофи кирмак пилла ҳосил мешавад.

**Супориш:**

Исмҳоро бо сифатҳояшон нависед ва савол гузоред. Намуна: матои нафису зебо: ...

## ДАРСИ 25

### ЗОҒИ ТАҚЛИДКОР

Зоғаке дид арса ба домони кӯҳ,
Арзадеҳи махзани пинҳони кӯҳ...
Нодира кабке ба ҷамоли тамом –
Шоҳиди он равзаи фирӯзафом.
Хушравишу хушпаришу хушхиром...
Зоғ чу дид он раҳу рафторро
В-он равишу ҷунбиши ҳамворро.
Бо диле аз дур гирифтори ӯ,
Рафт ба шогирдию рафтори ӯ.
Бозкашид аз равиши хеш пой,
Дар паи ӯ кард ба тақлид ҷой.
Бар қадами ӯ қадаме мекашид,
В-аз қалами ӯ рақаме мекашид.
Дар паяш алқисса, дар он марғзор
Рафт бар ин қоида рӯзе се-чор.
Оқибат аз хомии худ сӯхтӣ,
Раҳравии кабк наёмӯхтӣ.
Кард фаромӯш раҳу рафтори хеш,
Монд ғароматзада аз кори хеш...

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

**ЛУҒАТ:**

***Нодира*** – камёб, кам дучоршаванда, ноёб.
***Равзаи фирӯзафом*** – боғи кабудранг.
***Ғароматзада*** – ҳасратзада, пушаймоншуда, аламзада.

**Саволу супориш:**

1. Шеърро бурро ва ифоданок хонед ва ба саволҳои зер ҷавоб гардонед:
   а) Зоғ чиро ошкор кард?
   б) Рафторҳои кабкро номбар кунед.
   в) Зоғ аз чӣ пушаймон шуд?
2. Шумо аз ин ҳикоя чӣ хулоса мебароред?
3. Калима ва ибораҳои зеринро нависед ва савол гузоред: зоғи тақлидкор, махзани пинҳон, ҷамоли тамом, равзаи фирӯзафом, хушравиш, хушпариш, хушхиром, ҷунбиши ҳамвор.

**Машқи 106.** Гӯед, ки сифати «ҳамвор»-ро боз ба кадом исмҳо нисбат дода метавонем.

Мисол: роҳи ҳамвор.

## ДАРСИ 26

## ҲИКОЯТ

Овардаанд, ки дар боғе булбуле дар шохи дарахте ошёна дошт. Иттифоқан, мӯре заиф дар зери он дарахт ватан сохта ва аз баҳри чандрӯза мақом маскане пардохта. Булбул шабу рӯз гирди гулистон дар парвоз омада. Мӯр ба ҷамъи нафақот лайлу наҳор машғул гашта ва ҳазордастон дар чамани боғ ба овози хеш ғарра шуда. Булбул бо гул рамзе мегуфт ва боди сабо дар миён ғамза мекард. Чун он мӯри заиф ниёзи гул ва овози булбул мушоҳида мекард, ба забони ҳол мегуфт: «Аз ин қилу қол чӣ кушояд, кор дар вақти дигар падид ояд».

Чун фасли баҳор бирафт ва мавсими хазон даромад, хор ҷои гул бигирифт ва зоғ дар мақоми булбул нузул кард, боди хазон дар вазидан омад, на ранги гул дид, на бӯи сунбул шамид, забонаш бо

ҳазордастон лол бимонд... Ба ёдаш омад, ки охир на рӯзе мӯре дар зери ин дарахт хона дошт ва дона ҷамъ мекард, имрӯз ҳоҷат ба дари ӯ барам ва сабаби қурбдор ва ҳаққи ҷавор чизе талабам.

Булбули гуруснаи даҳрӯза пеши мӯр ба дарюза рафт.

Гуфт:

– Эй азиз, саховат нишони бахтиёрист ва сармояи комгорӣ.

Ман умри азиз ба ғафлат мегузоштам, ту зиракӣ мекардӣ ва захира меандӯхтӣ, чӣ шавад, агар имрӯз насибе аз он маро каромат кунӣ?

Мӯр гуфт:

– Ту шабу рӯз дар қол будӣ ва ман дар ҳол, ту лаҳзае ба таровати гул машғул будӣ ва даме ба назораи баҳор мағрур, намедонистӣ, ки ҳар баҳореро хазоне ва ҳар роҳеро поёне бошад?

*Саъдӣ*

**ЛУҒАТ:**

**Нафақот** – ризқу рӯзӣ, хӯрока.
**Хазон** – тирамоҳ.
**Нузул** – фуруд, поин.
**Қурбдор** – арзанда.
**Ҷавор** – ҳамсоя, наздик.
**Дарюза** – гадоӣ, талбандагӣ.
**Ғамза** – ишва, худситоҳ, худнамо.
**Қилу қол** – баҳс, сухан.
**Лайл** – шаб.
**Наҳор** – рӯз, субҳ.
**Ғарра** – фахр, худписанд, худнамо.
**Рамз** – тавсифу таъриф.
**Сабо** – саҳар.

**Машқи 107.** Ҳикояро хонед. Мазмуни онро нақл кунед. Ҷумлаи дуюмро нависед, ба зери сифат хат кашед ва ба он савол гузоред.

## ОБИ РАВОН

Деҳқонон ва боғдорон ба оби равон муҳаббат ва эътиқоди бузург доранд: файзу таровват ва хайру баракат ҳама аз об аст, мегӯянд. Омадани об дар ягон ҷӯйбори нав нафақат одаму заминро, балки гӯё осмон, кӯҳҳо, абрҳо, дарёҳо... хулоса, тамоми табиатро шоду сарфароз мекунад, ба рақс меорад.

*Абдусалом Деҳотӣ*

**Машқи 108.** Ба саволҳо ҷавоб гардонед ва нависед. Талабаеро, ки одобу ахлоқи нағз дорад, чӣ хел талаба мегӯем? Одамеро, ки аз

сояи худаш метарсад, чӣ хел одам меномем? Дарахтҳоеро, ки барои ороиши кӯчаҳо мешиноннанд, чӣ хел дарахт меномем?

Дарвозаеро, ки аз чӯб сохтаанд, чӣ хел дарвоза меномем?

## ДАРСИ 27

### НАСИҲАТ БА ФАРЗАНД

Шоирону нависандагони мо як умр ба фарзандони худ насиҳат кардаанд. Яке аз нависандагони машҳури халқамон Амир Унсурулмаолии Кайковус асаре бо номи «Қобуснома» менависад, ки онро хазинаи панду насиҳат меноманд. Насиҳатҳое, ки нависанда ба писараш кардааст, ба мову шумо ҳам тааллуқ доранд.

Инак, ин насиҳатҳоро бихонед ва сармашқи зиндагии худ қарор диҳед.

### ДОНИСТАНИ ҲАҚҚИ МОДАРУ ПАДАР

Бидон, эй писар, ки... воҷиб аст асли худро шинохтан ва ҳурмат доштан. Асли фарзанд падару модар аст.

Ва зинҳор, эй писар, ки ранҷи падару модар хор надорӣ. Пас, ҳаққи модару падар агар аз рӯи дин нанигарӣ, аз рӯи хираду мардумӣ бингар, ки падару модар мунтиҷи некиву асли парвариши нафси туанд. Чун ту дар ҳаққи эшон муқассир бошӣ, чунон бувад, ки ту сазои ҳеҷ некӣ набошӣ ва он кас, ки вай ҳақшиноси некии асл набошад, некии фаръро ҳам қадр надонад. Бо носипосон некӣ кардан аз хирагӣ бошад ва ту низ хирагии худ маҷӯй ва бо падару модари худ чунон бош, ки аз фарзандони худ тамаъ дорӣ, ки бо ту бошанд. Зеро, ки он ки аз ту зояд, ҳамон тамаъ дорад, ки ту аз падар дорӣ, ки ба масал одамӣ ҳамчун мева аст ва модару падар ҳамчун дарахт. Ҳарчанд дарахтро тааҳҳуд беш кунӣ, мева аз вай накӯтару беҳтар ёбӣ. Ва зинҳор, ки аз баҳри мерос марги падару модар нахоҳӣ, ки бе марги падару модар он чӣ рӯзии ту бошад, ба ту бирасад.

...Ба касе манигар, ки ҳоли ӯ беҳтар аз ҳоли ту бошад, ба касе нигар, ки ҳоли ӯ аз ҳоли ту бадтар бошад... Ва агар ба мол дарвеш

гардӣ, ҷаҳд кун то ба хирад тавонгар бошӣ, ки тавонгарии мол беҳтар ва ба хирад мол тавон ҳосил кард ва ба мол хирад ҳосил натавон кард. Ва ҷоҳил аз мол зуд дарвеш гардад ва хирадро дузд натавонад бурдан ва обу оташ ҳалок натавонад кардан. Пас, агар хирад дорӣ, бо хирад ҳунар омӯз, ки хирад бе ҳунар чун тане бошад бе ҷома ва шахсе бувад бесурат.

**ЛУҒАТ:**
***Мунтиҷ*** – мӯҳтоҷ.
***Муқассир*** – гунаҳгор.
***Тамаъ*** – умед.
***Тааҳҳуд*** – парвариш.
***Дарвеш*** – камбағал.
***Ҷоҳил*** – нодон.
***Ҷаҳд*** – кӯшиш, ҳаракат.
***Хирад*** – ақл, дониш, заковат.

## Савол ва супориш:

1. Асли фарзандон киҳоянд?
2. Нависанда дар боби шинохтану донистани ҳаққи падару модар чӣ мегӯяд?
3. Ҳаққи падару модар, яъне чӣ?
4. Баъзеҳо барои боигарӣ, мерос шуда, марги бемаҳали падару модари худро мехоҳанд, шумо чӣ фикр доред?
5. Ба чӣ гуна касон бояд нигоҳ кунему диққат диҳем?
6. Молу хирад: нависанда кадомашро ҷонибдорӣ мекунад? Шумо чӣ? Барои чӣ?

## ДАРСИ 28

**Машқи 109.** Сифатҳои нек, бад, ҳақшинос, ҳақношинос, сипосгузор, носипос, бохирад, бехирад-ро ба кадом исмҳо метавон нисбат дод?

**Машқи 110.** Хонед. Мазмуни матнро нақл кунед.

## ГУРГ ВА БУЗҒОЛА

Гурги гуруснае бузғоларо дид, ки болои теппаи баланде мечарад. Гург ҳар қадар кӯшиш кард, ба он баландӣ баромада натавонист.

Гуфт:

– Эй бузғолаи зебо, хубтараш поён фаро, мабодо аз он ҷои хатарнок наафтӣ. Баъд, дар поён алафи тару тоза зиёдтар аст.

Бузғола ҷавоб дод:

– Не, дӯстам, ман поён намефароям, медонам, ки ту ғами маро не, ғами худатро мехӯрӣ.

### Савол ва супориш:

1. Бузғола дар куҷо мечарид?
2. Гург ба вай чӣ гуфт?
3. Бузғола чӣ ҷавоб дод?
4. Мазмуни матнро бо ҷумлаҳои худатон нависед ва ба зери сифатҳо хат кашед.

**Машқи 111.** Хонед ва баъд ибораҳои исму сифатдорро навишта савол гузоред.

### ЧАШМА ВА САНГ

Ҷудо шуд яке чашма аз кӯҳсор,
Ба раҳ гашт ногаҳ ба санге дучор.
Ба нармӣ чунин гуфт бо санги сахт:
– «Карам карда роҳе деҳ, эй некбахт!»
Гарон санги тирадилу сахтсар,
Задаш силию гуфт:
– «Дур, эй писар!
Наҷунбидам аз сели зӯрозмой,
Киӣ ту, ки пеши ту ҷунбам зи ҷой?!»
Нашуд чашма аз посухи санг кард,
Ба кандан дар истоду ибром кард.
Басе канду ковиду кӯшиш намуд,
К-аз он санги хоро раҳе баркушуд.
Зи кӯшиш ба ҳар чиз хоҳӣ расид.
Ба ҳар чиз хоҳӣ, камоҳӣ расид.
Бирав, коргар бошу умедвор,
Ки аз яъс ҷуз марг н-ояд ба кор!
Гарат пойдорист дар корҳо,
Шавад саҳл пеши ту душворҳо.

*Баҳор*

**ЛУҒАТ:**
***Силӣ*** – торсакӣ.
***Ибром*** – (кардан) – исрор кардан, истодагарӣ кардан.
***Камоҳӣ*** – чунон ки лозим аст.

## ДАРСИ 29

### ДАР БОБИ СУХАНДОНӢ ВА ВАҚТИ СУХАН ГУФТАН

Бидон, эй писар, ки аз ҳама ҳунарҳо беҳтарин ҳунар сухан гуфтан аст... Бояд, ки мардум сухандону сухангӯй бувад ва аз бадон сухан нигоҳ дорад. Аммо ту, эй писар, сухан рост гӯй ва дурӯғгӯй мабош ва хештан ба рост гуфтан маъруф кун.

Сухан, ки бар мардумон намой, накӯтарин намой то мақбул бувад. Мардумон дараҷаи ту бишиносанд, ки бузургону хирадмандонро ба сухан бидонанд, на суханро ба мардум, ки мардум ниҳон аст зери сухани хеш. Ва сухан бувад, ки бигӯянд ба иборате, ки аз шунидани он рӯҳ тоза шавад ва ҳамон сухан ба иборате дигар битавон гуфт, ки рӯҳ тира гардад.

### ҲИКОЯТИ «ТАЪБИРИ ХОБ»

Шунидам, ки Ҳорунаррашид хобе дид бар он ҷумла, ки пиндошт, ки ҷумлаи дандонҳои ӯ аз даҳон берун афтодӣ ба якбор. Ба имдод муаббиреро бихонд ва пурсид, ки таъбири ин хоб чист?

Муаббир гуфт:

– Зиндагонии амирулмӯъминин дароз бод! Ҳама ақрабои ту пеш аз ту бимиранд, чунон ки кас аз ту намонад. Ҳорунаррашид гуфт:

– Ин муаббирро сад чӯб бизанед, ки вай ин чунин сухани дарднок чаро гуфт дар рӯи ман. Чун ҷумла ақрабои ман пеш аз ман бимиранд, пас он гоҳ ман кӣ бошам?

Хобгузори дигарро фармуд оварданд ва ин хобро бо вай бигуфт:

Хобгузор гуфт:

– Бад-ин хоб, ки амирулмӯъминин дидааст, далел кунанд, ки амирулмӯъминин дароззиндагонитар аз ҳама ақрабо бошад. Ҳорунаррашид гуфт:

– Далели хирад якест.

Таъбир аз он берун нашуд. Аммо аз иборат то иборат бисёр фарқ аст. Ин мардро сад динор фармуд...

Пас пушту рӯи сухан нигаҳ бояд дошт ва ҳар чӣ гӯӣ, ба накӯтарин ваҷҳе бояд гуфт, то ҳам сухангӯй бошиву ҳам сухандон. Ва агар сухане гӯиву надонӣ чӣ ту бошӣ чӣ он мурғ, ки ӯро тӯтӣ хонанд, ки вай низ сухангӯй аст, аммо сухандон нест. Ва сухангӯю сухандон он бувад, ки ҳар чӣ ӯ бигӯяд, мардумонро маълум шавад то аз ҷумлаи оқилон бошад...

Ва сардсухан мабош, ки сухани сард чун тухмест, ки аз вай душманӣ рӯяд.

Ва агарчи доно бошӣ, худро нодон шумор, то дари омӯхтан бар ту кушода гардад. Ва ҳеҷ суханро машикан ва маситой то нахуст айбу ҳунари онро маълум нагардонӣ.

**ЛУҒАТ:**

***Суд*** – манфиат, нафъ, фоида.
***Муаббир*** – баёнкунандаи хоб.
***Имдод*** – мадад, ёрӣ.
***Ақрабо*** – наздикон, хешон.

**Савол ва супориш:**

1. Кайковус ба писари худ чӣ насиҳат мекунад?
2. «Ҳикоят»-ро хонда бигӯед, ки аз шунидани сухани кадоме аз хобгузорон рӯҳ тоза мешавад?
3. Пораи охири матнро хонда, оид ба сухангӯиву сухандонӣ нақл намоед.
4. Дар бораи сухангӯиву сухандонӣ боз кадом ҳикоя, панд ё зарбулмасале медонед?

## ДАРСИ 30

**Машқи 112.** Матни болоро бори дигар хонда, гӯед, ки ба калимаи «одам» боз кадом сифатҳоро нисбат додан мумкин?

Намуна: Одами ростгӯй...

**Машқи 113.** Иншои як талабаи синфи чорумро, ки бо номи «Дарвози мо» навиштааст, хонед.

Дарвоз гулистон ва бӯстони Боми Ҷаҳон аст. Иқлими рӯҳбахш, табиати зебо, манзараҳои дилкушо, меваҳои шакарин – ҳамаи ин хоси Дарвоз аст. Вале агар аз ман боз мепурсиданд, ки бештар кадом мавзеи Дарвоз хуштар аст, мегуфтам: Роғак! Мехоҳам, ки тамоми деҳаҳои мо монанди ин деҳа пур аз боғу гулзори хушнамуд бошанд...

## Супориш:

Иборахои зеринро нависед.

Иқлими рӯҳбахш. Табиати зебо. Манзараҳои дилкушо. Меваҳои шакарин. Гулзори хушнамуд.

Сифат бо исмҳо алоқаманд аст. Алоқаи сифатро бо исм бандаки изофӣ таъмин менамояд.

**Машқи 113–а.** Дар сутуни якум исмҳо ва дар сутуни дуюм сифатҳо дода шудаанд. Онҳоро бо ҳам алоқаманд намоед ва шарҳ диҳед, ки ин алоқа ба воситаи чӣ ба амал омад.

| | |
|---|---|
| **Боғ** | **шавқовар** |
| **Об** | **хуб** |
| **Рафиқ** | **сиёҳ** |
| **Китоб** | **даванд** |
| **Асп** | **соф** |
| **Абрҳо** | **хуррам** |

**Машқи 114.** Хонед. Гӯед, ки дар бораи устод Садриддин Айнӣ чӣ гуфта шудааст?

## ТАШАККУР БА ХАЛҚИ ТОҶИК

Симои Айнии маҳбуб ҳамеша дар пеши назари ман аст. Садриддин Айнӣ бо нафаси гарми асарҳои худ наслҳои ҷавони моро тарбия мекунад. Айнӣ на танҳо падар ва устоди адабиёти тоҷик, балки падар ва устоди адабиёти халқҳои тамоми Осиёи Миёна мебошад. Ташаккури самимӣ ба халқи тоҷик, ки ба дунё чунин истеъдоди тавоно додааст!

*Бердӣ Карбобоев*

**Супориш:**

Матнро нависед, ба зери ибораҳои исму сифат хат кашед ва гӯед, ки сифатҳои маҳбуб, гарм, ҷавон, самимӣ, тавоно бо исмҳои симо, нафас, наслҳо, ташаккур ва истеъдод ба воситаи чӣ алоқаманд шудаанд?

## ДАРСИ 31

### ПИРИВУ ҶАВОНӢ

Эй писар, ҳарчанд ҷавонӣ, пирақл бош. Нагӯям, ки ҷавонӣ макун. Валекин хештандор бош ва аз ҷавонони пажмурда мабош, ки ҷавони шотир некӯ бувад. Ва низ аз ҷавонони ҷоҳил мабош, ки аз шотирӣ бало нахезаду аз ҷоҳилӣ бало хезад.

Аммо, эй писар, ҳушёр бош ва ба ҷавонӣ ғарра машав. Ва нишастухез ҳама бо ҷавонон макун. Бо пирон низ муҷоласат кун ва рафиқону надимони пиру ҷавон омехта дор, ки агар ҷавоне дар мастии ҷавонӣ муҳоле кунад ва гӯяд, пир монеи он муҳол бошад. Аз он ки пирон чизҳое донанд, ки ҷавонон надонанд. Агарчи одати ҷавонон чунон бувад, ки бар пирон пешӣ ҷӯянд ва беҳурматӣ кунанд. Зеро, ки агар пирон дар орзуи ҷавонӣ бошанд, ҷавонон низ бешак дар орзуи пирӣ бошанд.

### ҲИКОЯТИ ПИРИ САДСОЛА

Шунидам, ки пире буд садсола, пушткӯзу дуто гашта ва бар асо такя карда меомад.

Ҷавоне ба тамохара вайро гуфт:

– Эй шайх, ин камонак ба чанд харидӣ? То ман яке бихарам. Пир гуфт:

– Агар умр ёбиву сабр кунӣ, худо ройгон ба ту бахшад. Ва то ҷавонӣ, ҷавон бош ва чун пир шудӣ, пирӣ кун, ки дар вақти пирӣ ҷавонӣ назебад. Чунон ки ҷавононро пирӣ кардан назебад.

**ЛУҒАТ:**

***Шотир*** – *чусту чолок.*
***Муҷоласат*** – *ҳамнишинӣ.*
***Муҳол*** – *ношуданӣ, номумкин.*
***Тамохара*** – *шӯхӣ, ҳазл.*

### Супориш:

1. Панду насиҳатро бодиққат хонда, дар бораи рафтори пириву ҷавонӣ маълумот диҳед.
2. Мазмуни ҳикояро нақл кунед.
3. Дар бораи ҳаёт ва кору бори бобою момоҳоятон ҳикоя кунед.
4. Мувофиқи саволҳои зерин мазмуни ҳикояро бо ҷумлаҳои худатон нависед:
5. Пири садсола чӣ кор мекард?
6. Ҷавоне шӯхиомез ба вай чӣ гуфт?
7. Пир чӣ ҷавоб дод?

## ДАРСИ 32

**Машқи 115.** Аз панди «пириву ҷавонӣ» ибораҳои зеринро нависед ва савол гузоред:

**ҷавонони пажмурда** **ҷавони ҷоҳил**
**ҷавони шотир** **пири садсола**

**Машқи 116.** Хонед. Гӯед, ки дар бораи оҳуча чиҳо гуфта шудааст?

### ОҲУЧА

Ман ҳар рӯз говро ба ҷои сералаф бурда, ба яккамех мебастаму болои бистари махмалини майсаю себаргаҳо дароз кашида, машғули тамошои манзараҳои дилрабои табиат мешудам. Гов фаш – фашкунон алаф мехӯрд. Оҳуча низ аз очааш ақиб мондан намехост. Вай бо дандонҳои тези нозукаш себаргаҳоро канда, қирт-қирт мехӯрд. Баъд шиками оҳуча сер мешуду чорхез зада, ба чор тараф бозӣ мекарду ман аз ин завқ мебурдам.

### Супориш:

Ибораҳои ҷои сералаф, бистари махмалин, манзараҳои дилрабо, дандонҳои тез-ро навишта, бо онҳо ҷумла тартиб диҳед.

**Машқи 117.** Матнро нависед, ба зери исму сифатҳо хат кашед ва савол гузоред.

## ОФТОБИ ОЛАМТОБ

– Ассалом, эй Офтоби оламтоб! – гуфтам бо овози баланд. – Фарзандони мусофиратро ба оғӯш гир! Мо туро ёд кардем, ба нури ҷонбахши ту ташнаем. Қувваи ҷозибаатро пурзӯр куну аз фазои беохир моро ба паҳлуи худ каш.

Баъди ин таъсири қувваи ҷозибаи Офтоб дар ҳақиқат ҳам гӯё зӯртар шуду киштии мо суръати парвози худро зиёд кард.

*Абдумалик Баҳорӣ*

## ДАРСИ 33

## ҲИКОЯТИ ПУРХӮР

Овардаанд, ки Кисроро писаре буд бисёрхӯр ва ҳамеша хаставу бемор. Ҳеҷ кас сабаби бемории ӯ намедонист. Табибе ҳозир оварданд аз Яман сабеҳсурате, малеҳсирате, софимизоҷе, шофиилоҷе. Ранҷуронро аз дами ӯ осоише ва маҷрӯҳонро аз қадами ӯ оромише. Даст бар набзи ӯ ниҳод, донист, ки иллате тухма аст ва сабаби ӯ бисёрии нуқлҳо. Ба иҷтиёъ илоҷаш кард. Кисро пурсид, ки ӯро чӣ додӣ, ки беҳ шуд?

Гуфт:

– Гурӯснагӣ.

***Агар сиҳати ҷисм хоҳӣ мудом,***
***Махӯр ҷуз ба қадри зарурат таом.***

***Чунин гуфт Буқрот гоҳи илоҷ:***
***– Ки аз хилти меъдаст суъулмизоҷ.***

*Маҷди Хофӣ*

**ЛУҒАТ:**

***Кисро*** – шакли арабишудаи «Хусрав».
Хусрав лақаби Хусрави Анӯшервон ва шоҳони Сосонӣ пас аз Анӯшервон.
***Тухма*** – касалии меъда ва пурхӯрӣ.
***Суъулмизоҷ*** – бадмизоҷӣ, нотобӣ.
***Сабеҳсурат*** – хушрӯ, зебо.
***Софимизоҷ*** – поктабиат.
***Иҷтиёъ*** – гурӯснагӣ.
***Малеҳсират*** – хушрафтор, хушфеъл.
***Шофиилоҷ*** – шифодиҳанда.
***Хилт*** – омезиш, таркиб.

### Савол ва супориш:

1. Писари Кисро аз чӣ сабаб бемор шуд?
2. Табиб ба бемор чӣ гуна табобат фармуд?
3. Сифатҳои табибро номбар кунед.
4. Сифатҳои хушрӯ, зебо, хушрафтор, поктабиат, шифобахш ба кадом исм тааллуқ доранд? Сифатҳои бисёрхӯр, пурхӯр, хаста ва бемор чӣ?

## ДАРСИ 34

**Машқи 118.** Аз калимаҳои баланд, теппа, ҷой, коргар, либос, хатарнок, ҷавон, нав, сурх, чароғ, зебо, иқлим, табиат, мӯътадил аввал ибораҳои мувофиқ созед, баъд он ибораҳоро дар ҷумлаҳо кор фармоед.

Намуна:

| ибора | ҷумла |
|---|---|
| Коргари ҷавон | Коргари ҷавон кори падарро давом дод. |

**Машқи 119.** Хонед. Гӯед, ки имрӯз машғулияти бачаҳо дар кучо мегузашт. Чаро мо бояд гулҳоро наканем?

## МУРАББИЯ

Имрӯз машғулияти бачаҳо дар ҳавои кушод, дар хиёбони сабзу хуррами шаҳр мегузашт. Бачаҳо аз чорроҳа ба хиёбон омаданд. Буттаҳои сабз, гулҳои шукуфон хиёбонро чун боғи дилкушо нишон медоданд. Бачаҳо аз зебоии гирду атроф чашм канда наметавонистанд. Мехостанд, ки болои майсаи махмалин ғел зада, бозӣ кунанд, ё аз гулҳо кананд. Вале мураббии сахтгири онҳо фаҳмонд, ки ҳар бача яктой гул канад, буттаҳои гул холӣ мешаванд. Сонӣ хиёбони бе гул оё мисли ҳозира зебо менамояд?

### Супориш:

1. Худатонро санҷед: ибораҳои «буттаҳои сабз» ва «буттаҳои гул»-ро бо ҳамдигар муқоиса кунед ва гӯед, ки дар кадоми он сифат ҳаст?

2. Ду ҷумла тартиб дода нависед, ки дар онҳо ибораҳои «буттаҳои гул» ва «буттаҳои сабз» омада бошанд.

**Машқи 120.** Хонед. Гӯед, ки ғайр аз китобҳои дарсӣ боз кадом китобҳо доред?

## ДӮСТИ БЕҲТАРИН

Китоб ганҷи бебаҳо, хазинаи шеъру суханҳои оқилона, макони илму дониш ва рафиқу бародари мост.

Ба китобхонӣ ман аз хурдӣ шавқу ҳавас пайдо карда будам. Ҳоло вақтҳои холиамро бо хондани китобҳо мегузаронам. Дар синфи мо китобдӯстон бисёранд. Мо дар синф ҳар ҳафта дар бораи асарҳои хондаамон сӯҳбат мегузаронем.

Шавқи китобхонӣ маро маҷбур кард, ки китобхонаи шахсии худамро ташкил намоям. Дар давоми чор сол шумораи китобҳоям қариб ба 400 адад расид. Аз китобхонаи шахсии ман мисли китобхонаи мактаб рафиқонам истифода мебаранд.

**Супориш:**

Матнро нависед ва худатонро санҷед: ибораҳои «хазинаи шеър» ва «суханҳои оқилона»-ро бо ҳам муқоиса кунед, сифатҳои муайян намуда, савол гузоред.

## ДАРСИ 35

## ҲУСАЙН ВОИЗИ КОШИФӢ

Ҳусайн Воиз зодаи Сабзазори Хуросон аст. Ӯ дар он ҷо дон омӯхта, илмҳои замони худро аз бар кардааст. Ҳусайн де нагузашта дар илми воизӣ – нотиқӣ, сухангӯӣ шӯҳрат пай мекунад.

Асарҳои ӯ «Ҷоми Ҷам», «Ахлоқи Мӯҳсинӣ», «Анвори Суҳайлӣ («Калила ва Димна») ва ғайра мебошанд.

«Калила ва Димна» асари пандомез аст. Инак, чанде а ҳикояҳои пандомезро аз «Калила ва Димна» мутолиа мекунем.

## ҲИКОЯТИ ЗОҒ ВА КАБӮТАРОН

Овардаанд, ки дар ноҳияи Кашмир мавзее дилпазир ва марғзоре беназир буд.

Ва ба сабаби он ки дар он марғзор шикор фаровон буд, сайёдон ба он ҷо бисёр омадурафт мекарданд. Дар он беша Зоғе бар дарахти бузурге ошён гирифта буд. Рӯзе бар болои дарахт нишаста, зеру боло менигарист ва ба росту чап назар меафканд. Ногоҳ сайёде дид, ки доме ба гардан, тӯрбае бар пушт ва асое дар даст ба таъҷили ҳар чӣ тамомтар ба сӯи ҳамон дарахт меомад. Зоғ тарсид ва ба худ гуфт:

***Ё раб, ин шахсро чӣ афтодаст,***
***Ҳеҷ маълум нест, к-аз чӣ сабаб***
***Ки бад-ин изтироб меояд?***
***Инчунин бошитоб меояд.***

Эҳтимол, бар қасди ман камар баста бошад, ҳоло аз рӯи эҳтиёт ҷое пинҳон шавам ва бубинам, ки вай чӣ кор мекунад.

Зоғ дар паси барги дарахт пинҳон шуд. Сайёд ба пои дарахт омада, дом бозкашид ва донае чанд болои он пошида, дар камингоҳ нишаст. Соате гузашта буд, ки гурӯҳи кабӯтарон омад. Сардори онҳо Мутаваққа кабӯтари зирак ва хушфаҳм буд ва тамоми кабӯтарон ӯро эҳтиром мекарданд ва ба ӯ итоат менамуданд. Чашми кабӯтарон, ки ба дона афтод, оташи гуруснагӣ шӯъла задан гирифта, инони ихтиёр аз кафи иқтидорашон берун бурд. Мутаваққа онҳоро аз таъҷил боздошт.

***Зи роҳи ҳирс батаъҷил сӯи дона марав,***
***Ба ҳуш бош, ки домест зери ҳар дона!***

**ЛУҒАТ:**
***Кашмир*** – номи вилояте дар Ҳиндустон. ***Камингоҳ*** – хилватгоҳ, ҷои пинҳон.

**Саволу супориш:**

1. Мавзеъ чӣ гуна буд?
2. Чаро сайёдон он ҷо бисёр омадурафт мекарданд?

3. Рӯзе зоғ киро дид?
4. Сайёд чӣ кор мекард?
5. Зоғ чиро мушоҳида кард?
6. Мутаваққа ба кабӯтарон чӣ гуфт?
7. «Оташи гуруснагӣ шӯъла задан гирифт» чӣ маъно дорад?
8. Ибораҳои зеринро нависед ва ба исму сифатҳо савол гузоред.

**мавзее дилпазир**
**марғзоре беназир**
**дарахти бузурге**
**кабӯтари зирак ва хушфаҳм**
**оташи гуруснагӣ**
**роҳи ҳирс**

## ДАРСИ 36

**Машқи 121.** Мазмуни матнро бори дигар ҳикоя кунед ва мувофиқи нақшаи зерин нақл нависед:

1. Ба марғзор омадани сайёд.
2. Гумони зоғ ва пинҳон шудани он.
3. Дом гузоштани сайёд.
4. Парида омадани кабӯтарон.
5. Огоҳии Мутаваққа – сарвари кабӯтарон.

**Супориш:**
Дар нақли навиштаатон зери сифатҳо хат кашед.

## ДАРСҲОИ 37–38

### ШАРОФАТИ ИТТИФОҚ

Аммо кабӯтарон насиҳати ӯро гӯш накарданд. Мутаваққа дид, ки онҳоро бо насиҳат аз роҳ боздошта наметавонад, хост аз онҳо канора гирифта, ба гӯшае берун равад, аммо дер шуда буд. Кабӯтарон ба сӯи дона фуромада буданд, ки ба доми сайёд печиданд. Мутаваққа фарёд баркашид:

– Ба шумо нагуфтам, ки оқибати шитобкорӣ ва бетааммул дар корҳо шурӯъ кардан хуб нест.

Кабӯтарон хиҷолат кашиданд ва хомӯш шуданд. Сайёд аз камингоҳ берун омада, бо шодии тамом давон шуд, то ки онҳоро ба даст оварда, ба манзилаш баргардад. Кабӯтарон сайёдро дида, ба изтироб даромаданд ва ҳар як аз онҳо дар халосии худ кӯшида, парубол мезаданд. Мутавакқа гуфт:

– Эй ёрон, шумо ҳар як дар халосии худ кӯшида, аз халосии дигар ҳамдамон бехабар мондаед. Дӯстиву муҳаббат он аст, ки кас бояд халосии ёронро аз халосии худ муҳимтар донад. Агар шумо шароиту имконияти ба ҳамдигар ёрӣ додан надошта бошед, ҳамагӣ якҷоя амал кунед, шояд ки ба шарофати ин иттифоқ дом аз ҷой баргирифта шавад ва мо ҳама раҳо ёбем.

Кабӯтарон фармон ба ҷо оварда, ҳама дар қувват муттафиқ шуданд ва ба ин ҳила домро барканда, халосӣ ёфтанд. Сайёд бо вуҷуди ин ҳол бар паи онҳо медавид ва ба умеди он ки охир дармонда меафтанд, ба ҳаво дида дӯхта мерафт. Зоғ бо худ андеша кард, ки эҳтимол як вақте бо ман ҳам чунин ҳодисае рӯй диҳад, беҳтар он аст, ки баробари онҳо шитофта, маълум кунам, ки оқибати кори онҳо ба чӣ анҷомад ва он таҷрибаро захираи рӯзгори худ сохта, дар вақти эҳтиёҷ ба кор барам.

**ЛУҒАТ:**

***Бетааммул*** *– беандеша.*

***Ҳамдамон*** *– ҳамфикр, рафиқон, дӯстон.*

**Савол ва супориш:**

1. Чаро Мутвакқа хост, ки аз дигар кабӯтарон ҷудо шавад?
2. Ӯ ба кабӯтарон чӣ гуфт?
3. Сайёд чӣ кор карданӣ шуд?
4. Мутавакқа чӣ маслиҳат дод?
5. Кабӯтарон мувофиқи маслиҳати Мутавакқа амал намуда, домро чӣ кор карданд?
6. Сайёд чӣ кор кард?
7. Зоғ чӣ меандешид?
8. Чаро ин қисми ҳикояро «Шарофати иттифоқ» номидем?
9. «Ба ҳаво дида дӯхта мерафт» чӣ маъно дорад?
10. Ба исмҳои кабӯтар, зоғ сифатҳо муайян карда, ба воситаи бандаки изофии – «и» алоқаманд намоед. Намуна: зоғи доно...
11. Бо забони худ навиштани мазмуни ҳикояро давом диҳед.

**Нақша:**

1. Ба дом печидани кабӯтарон.
2. Маслиҳати Мутавақҷа.
3. Халос ёфтани кабӯтарон.
4. Шарофати иттифоқ.

## ДАРСҲОИ 39–40

## БА СӮИ ОБОДОНИҲО

Зоғ дар пайи онҳо парвоз кард. Мутавақҷа бо қавми худ домро бардошта медавид ва сайёди ҳариси шӯхчашм дида ба онҳо гузошта, роҳ мепаймуд. Мутавақҷа чун дид, ки ҳанӯз сайёд дар паи онҳост, рӯй ба ёрон кард ва гуфт:

– Ин ситезарӯй ба ҳадди тамом ба қасди мо камар барбастааст, то ба чашми ӯ нопадид нашавем, дил аз мо барнагирад. Хубаш он аст, ки ба сӯи ободониҳо майл кунем ва ба ҷониби боғҳову дарахтҳо парвоз намоем, то назари вай аз мо канда шавад ва навмеду хиҷолатзада бозгардад.

Кабӯтарон аз рӯи ишорати ӯ роҳ битофтанд ва аз ҷониби дашту саҳро ба тарафи иморатҳо шитофтанд. Сайёд чун онҳоро надид, ба ҳасрати тамом бозгардид. Зоғ бошад, ҳамчунон мерафт, то чигунагии халосии онҳоро маълум кунад.

Кабӯтарон аз дағдағаи сайёд эмин шуда, барои халосии худ ба Мутавақҷа рӯй оварданд ва он хирадманди росттадбир ҷавоб дод:

– Аз ин маҳлака (ҳалокат) бе ёрии дӯсти вафодор халос шудан мумкин нест. Дар ин наздикӣ Зирак ном муше аз дӯстони ман зиндагӣ мекунад, эҳтимол бо мададгории ӯ аз ин банд раҳоӣ ёбем.

Пас ба вайронае, ки маскани муш буд, рафта ҳалқаи дар биҷунбониданд. Садои Мутавақҷа ба гӯши Зирак расид, берун омад. Чун ёри худро банди бало дид, ҷӯи хуноба аз чашмаи чашм бар сафҳаи рухсора равон сохт ва оҳи дардолуд аз ҷигари сӯхта ба авҷи сипеҳри кабуд расонид ва гуфт:

*Чӣ ҳол аст ин ки мебинам, чӣ ҳол аст?*
*Дар ин ҳолат шикебоӣ муҳол аст!*
*Ман, эй ёрон, чӣ сон фориғ нишинам,*
*Чу ёри хешро дар банд бинам?!*

Эй ёри азиз, бо кадом ҳила дар ин банд афтодӣ ва ба чӣ сабаб ба ин ранҷ гирифтор шудӣ? Мутавақҷа сурати воқеаро нақл намуд.

**ЛУҒАТ:**

***Ситезарӯй*** *– якрав, бадхулқ.*
***Сипеҳри кабуд*** *– осмон.*
***Шикебоӣ*** *– сабру тоқат.*
***Муҳол*** *– номумкин, мушкил.*

**Савол ва супориш:**

1. Мутавақҷа бо қавми худ чӣ кор мекард?
2. Ӯ ба ёрони худ чӣ маслиҳат дод?
3. Кабӯтарон роҳи худро ба кадом тараф баргардонданд?
4. Чаро онҳо назди Зирак рафтанд?
5. Зирак кабӯтаронро дар дом дида, чӣ гуфт?
6. Ҷумлаеро, ки дар он нолаи Зирак ифода ёфтааст, бори дигар хонед ва шарҳ диҳед.
7. Ибораҳои зеринро нависед ва гӯед, ки сифатҳо бо исмҳо ба воситаи чӣ алоқаманд шудаанд?

**сайёди ҳариси шӯхчашм** — **ҷӯи хуноба**
**ҳасрати тамом** — **оҳи дардолуд**
**дӯсти вафодор** — **ҷигари сӯхта**
**банди бало** — **сипеҳри кабуд**

8. Навиштани нақлро давом диҳед.

**Нақша:**

1. Роҳ сӯи ободониҳо.
2. Ноумед шудани сайёд.
3. Ба назди Зирак рафтани кабӯтарон.
4. Фиғон ва ҳасрати Зирак.

## ДАРСҲОИ 41–42

## ЗОҒ ВА МУШ

Зирак ба буридани бандҳои Мутавақҷа сар карда буд, ки ӯ гуфт:

– Эй Зирак, агар ризои ман металабӣ, шарт он аст, ки аввал ёрони маро аз банд раҳоӣ диҳӣ. Метарсам, ки агар дар кушодани уқдаҳои ман сар кунӣ, зуд хаста шавию ёрони ман дар банд монанд.

Зирак бандҳои ёронро бурид ва аз ҳама охир гардани Мутавaққаро аз тавқи бало халос дод. Кабӯтарон ӯро видоъ карда, ба ошёнаи худ бозгаштанд ва муш ба сӯрох фурӯ шуд.

Чун зоғ дастгирии муш ва буридани бандҳоро мушоҳида кард, рағбаташ ба дӯстӣ ва ҳамдамии муш зиёд шуд ва оҳиста ба дари сӯрохи муш омада, овоз дод. Муш пурсид, ки «кист?» Зоғ гуфт: ки «ин ман, зоғ ҳастам, бо ту кори заруре дорам». Зирак муши хирадманде буд, ки гарму сарди рӯзғор дида ва неку бади айём мушоҳида карда. Дар он ҷо барои гурезгоҳ чандин сӯрох омода карда ва аз ҳар як ба дигаре роҳ бурида буд. Чун овози зоғ шунид, ба худ печид ва гуфт:

– Туро бо ман чӣ кор ва маро ба ту чӣ нисбат? Зоғ сурати ҳол аз аввал то охир нақл намуд ва гуфт:

Ба ман камоли мурувват ва ҳақгузории ту маъқул шуд ва донистам, ки самараи дустӣ ва натиҷаи муҳаббат ба онҳо чӣ гуна расид ва ба баракати дӯстиву рафоқати ту аз ҳалокат халосӣ ёфтанд. Ман ҳам омадаам, ки бо ту дӯст шавам.

Муш гуфт:

– Дар байни ману ту роҳи дӯстиву муҳаббат нест, бирав, оҳани сард беҳуда макӯб.

Зоғ гуфт:

– Ин сухан нагӯй, касони карампеша одамони эҳтиёҷмандро аз марҳамати худ маҳрум намекунанд. Ман аз ҳодисаҳои замон паноҳ бурда, ба даргоҳи ту омадаам.

*Ҷуз остони туам дар ҷаҳон паноҳе нест,*
*Сари маро ба ҷуз ин дар ҳаволагоҳе нест.*

Муш гуфт:

– Эй зоғ, ҳила бигзор ва донаи фиреб бар рӯи доми зарқ маяфкан, ки ман табиати шумо мардумро медонам. Дар ҳеҷ сурат ман бар ту эмин нестам ва ҳар касе, ки ба одами боварӣ надоштааш дӯстӣ варзад, ба ӯ он воқеа рӯй диҳад, ки ба Кабки дарӣ рӯй дода буд.

## ЛУҒАТ:

***Уқда*** – банд.

***Мурувват*** – муҳаббат, меҳрубонӣ, роҳи шафқат.

***Зарқ*** – фиреб, ҳила, макр.

## Савол ва супориш:

1. Мутаваққа ба Зирак чӣ гуфт?
2. Зирак кадом корҳоро анҷом дод?
3. Зоғ аз мушоҳидаҳои худ чӣ хулоса баровард ва барои чӣ назди Зирак омад?
4. Зирак чӣ ҷавоб дод?
5. Зоғ чӣ гуфт?
6. Бачаҳои азиз, агар фаҳмидан хоҳед, ки ба Кабки дарӣ чӣ воқеа рӯй дода буд, китоби «Калила ва Димна»-ро хонед.
7. Ибораҳои зеринро нависед ва савол гузоред:

| | |
|---|---|
| **тавқи бало** | **оҳани сард** |
| **кори заруре** | **касони карампеша** |
| **муши хирадманд** | **одамони эҳтиёҷманд** |
| **самараи дӯстӣ** | **донаи фиреб** |
| **роҳи дӯстӣ** | **кабки дарӣ** |

8. Навиштани нақли хаттиро давом диҳед.

**Нақша:**

1. Хоҳиши Мутавакка.
2. Бандҳоро буридани Зирак.
3. Баргаштани кабӯтарон ба ошёнаи худ.

## Супориш:

Ҳамаи чор нақли навиштаатонро дар як ҷо рӯнавис кунед ва хонед.

## ДАРСИ 43

## ИМЛО ВА ҶАМЪБАСТИ ЧОРЯКИ II

# ЧОРЯКИ III

## ДАРСИ 1

### ЗОҒИ ТАҚЛИДКОР

Овардаанд, ки рӯзе зоғе дар парвоз буд. Кабкеро дид, ки дар рӯи замин мехиромид ва ба он рафтори ширину хиромидани зебо дили назорачӣ сайд мекард.

Зоғро хиромидани кабк хуш омад ва орзуи рафтани ӯ дар замири дилаш ҷой гирифт. Пас ба хидмати кабк камар баста, тарки хобу хӯрд гирифта, дар паи он тақопӯй пайваста, аз паси кабк медавид ва тамошои ҷилваҳои ӯ мекард.

Эй кабки дарӣ, ҷилвакунон мегузарӣ,
Лангон-лангон ман аз ақиб меоям.

Рӯзе кабк гуфт:

– Эй тирарухсор ва сиёҳтар аз дег мебинамат, ки ҳамвора гирди ман мегардӣ, мақсади ту чист?

Зоғ гуфт:

– Эй хандонрӯи зеботар аз ҳама парандагон!

Бидон, ки маро хоҳиши рафтори ту дар сар афтода, муддатест, ки аз паси ту мегардам, ки он рафторро омӯзам ва пеши ҳамсафони худ фахр кунам.

Кабк қаҳ-қаҳа зад ва гуфт:

– Ҳайҳот-ҳайҳот, оё ту куҷову мо куҷоем. Роҳи ман бар вазъи дигар аст ва равиши ту бар вазъи дигар.

Аз ин хаёл бигзар ва ин андешаро аз даст бидор. Зоғ ҷавоб дод:

– Ман, ки ба коре азм кардаам, ба афсуну афсона тарк нахоҳам кард.

Бечора зоғ муддате дар ақиби кабк бидавид, вай рафтори ӯ наомӯхта, рафтори худ низ фаромӯш кард.

*Ҳусайн Воизи Кошифӣ*

**Савол ва супориш:**

1. Зоғ чиро орзу мекард?
2. Кабк аз зоғ чӣ пурсид ва зоғ чӣ ҷавоб дод?

3. Зоғ аз чӣ пушаймон шуд?

4. Аз мазмуни ҳикоя шумо чӣ хулоса мебароред?

5. Мазмуни ин ҳикояро бо ҳикояи «Зоғи тақлидкор»-и Ҷомӣ муқоиса кунед.

## ДАРСИ 2

**Машқи 122.** Ибораҳои зеринро навишта, ба сифатҳо савол гузоред:

**зоғи тақлидкор**
**рафтори ширин**
**дили назорачӣ**
**кабки дарӣ**
**зоғи сиёҳтар аз дег**

### Супориш:

Таркиби калимаҳои «сиёҳтар» ва «зеботар»-ро муайян кунед: сиёҳ-тар, зебо-тар.

Пасванди -тар бо сифатҳо меояд.

**Машқи 123.** Ба сифатҳои ширин, баланд, калон, зӯр пасванди -тар илова намуда, ҷумла созед.

**Машқи 124.** Хонед. Гӯед, ки дар ин шеър сухан дар бораи чиҳо меравад? Шоир аз кадом сифатҳо истифода кардааст?

### БАХТИ ҶОВИДОН

Чӣ ғам дорам, диёри беҳтар аз бӯстон дорам,
Қавиазму зафарэҷод халқи қаҳрамон дорам.
Ба болои сарам мурғи саодат мекунад парвоз,
Замини сабзу хуррам, обҳои зарфишон дорам.
Дар оғӯши Ватан фазлу камоли нав ба нав ёбам,
Ҷаҳон донад, ки бе зулму асорат ман ҷаҳон дорам...
Замини тоҷикон гул кард, боғи тоҷикон гул кард,
Дили хуррам, сари сабз аз баҳори тоҷикон дорам...

*Мирзо Турсунзода*

**Супориш:**

1. Ибораҳои зеринро нависед: бахти ҷовидон, диёри хуштар, халқи қаҳрамон, мурғи саодат, замини сабзу хуррам, обҳои зарфишон, фазлу камоли нав, дили хуррам, сари сабз.

2. Ба сифатҳои сабз, хуррам пасванди -тар илова намоед ва бо ҳар яки он ҷумла тартиб диҳед.

## ДАРСИ 3

## ҲАСУД ХАСМИ МАРДУМ БОШАД

Овардаанд, ки се кас бо якдигар ҳамроҳ буданд ва ба рафоқат ҳамдастон шуда, рӯй ба роҳ оварданд. Он ки аз ҳама бузургтар буд, ба он ду рафиқи дигар гуфт:

– Шумо чаро аз шаҳру манзили худ берун омадед ва сабаби тарки ватан чист, ки машаққати мусофирати худро ба худ раво дидед?

Яке аз онҳо гуфт:

– Дар он ҷое, ки ман будам, ҳодисаҳое воқеъ мешуд, ки нетавонистам бинам ва ҳасад бар ман ғалаба мекард, пайваста дар оташи рашк месӯхтам, бо худ хаёл бастам, ки ду-се рӯза тарки ватан гирам, шояд ки нодиданиҳо дида нашавад.

Рафиқи дигар гуфт:

– Маро низ ҳамин дард домангир шуда, тарки ватан ихтиёр кардаам. Рафиқи хурдтар гуфт:

– Шумо ҳарду ҳамдарди манед. Ман низ аз ин ғусса рӯй ба саҳро ниҳодаам.

Чун маълум шуд, ки ҳар се ҳасуданд, бо якдигар хуш баромада мерафтанд. Рӯзе дар миёни роҳ халтаи зар афтода буд. Ҳар се тан ба иттифоқ он ҷо фуруд омаданд ва гуфтанд:

– Биёед, то ин зарҳоро қисмат кунем ва аз ин ҷо ба ватанҳои худ баргашта, ду-се рӯза ба фароғат гузаронем.

Ҳар якро раги ҳасад дар ҳаракат омада, розӣ набуданд, ки ба дигаре баҳра расад. Мутаҳаййир фурӯ монданд – на ҳиммати он ки аз сари он зар бигзаранд ва дар миёни роҳ бигзоранд ва на қуввати он ки бар якдигар қисмат намоянд. Як шабонарӯз дар миёни биёбон ташнаву гурусна гузарониданд ва хобу хӯрд бар

худ ҳаром карда, ҷангу фасод менамуданд, аммо кори онҳо файсал наёфт.

Рӯзи дигар бомдод малики он навоҳӣ ба шикор берун омада буд. Бо ҷамъе аз наздикон ба он макон расид ва он се танро дар миёни саҳро нишаста дид. Аз кайфияти ҳол пурсон шуд, сурати воқеа ба ростӣ гуфтанд, ки «мо ҳар се тан ба сифати ҳасад ороста ва ба ин сабаб аз ватани худ ҷудо афтода, саргардон мегардем. Ин ҷо низ ҳамон ҳол пеш омада, кор ба изтироб анҷомида, ҳокиме мехостем, ки дар қисмати ин зар миёни мо ҳукм фармояд».

Подшоҳ фармуд, ки «шумо ҳар як сифати ҳасади худро баён кунед, то аз рӯи ҳамон зарро байни шумо қисмат кунам».

Яке гуфт:

– Ҳасади ман ба мартабаест, ки ҳаргиз намехоҳам, ки дар ҳаққи касе эҳсоне ё шафқате кунам, ки он кас хушвақт гардад.

Дигаре гуфт:

– Ту марди некӯ будаӣ ва аз ҳасад баҳра надоштаӣ. Ҳасади ман ба дараҷаест, ки дида наметавонам, ки каси дигаре эҳсоне кунад ва аз моли худ ба касе бидиҳад.

Сеюмӣ гуфт:

– Шумо ҳар ду аз ҳасад насибе надоштаед ва даъвои шумо бемаънӣ будааст. Ман чунонам, ки ҳаргиз нахоҳам, ки касе дар ҳаққи ман марҳамате кунад ё бо ман накӯӣ намояд, то ба дигаре чӣ расад.

Малик ангушти таҳайюр ба дандони тафаккур гирифт ва аз гуфтугӯи он табоҳкорон дар тааҷҷуб шуда гуфт:

– Аз рӯи гуфти шумо ин зар ба шумо ҳаром аст. Ҳар яки шуморо мувофиқи ҳолатон ҷазо додан лозим аст. Ҷазои он ки намехоҳад дар хаққи каси дигар эҳсон кунад, ҳамон аст, ки аз давлати мукофот бебаҳра монад ва дар ҳар ду ҷаҳон маҳрум бошад. Ҷазои он ки эҳсони дигареро ба дигаре таҳаммул карда наметавонад, он аст, ки ӯро бикушанд ва бори ин меҳнат аз рӯи ҷони вай бардоранд. Они дигаре, ки ба худ ҳасад мебарад ва дар ҳаққи худ накӯӣ намехоҳад, сазовори он аст, ки ба анвои азобу уқубат гирифтор гардад ва пас аз ин азобҳо бимирад.

*Ҳусайн Воизи Кошифӣ*

**ЛУҒАТ:**

***Мутаҳаййир*** – ҳайрон.
***Эҳсон*** – некӣ.
***Таҳайюр*** – ҳайрат.
***Шафқат*** – меҳрубонӣ, дилсӯзӣ.
***Таҳаммул*** – сабру тоқат доштан.

**Савол ва супориш:**

1. Чаро он се дӯст тарки ватан намудаанд?
2. Аз чӣ сабаб байни дӯстон ҷангу ҷидол шуд?
3. Ин се рафиқ ба подшоҳи он мулк асли воқеаро чӣ тавр баён карданд ва байни онҳо чӣ гуфтугӯ баргузор гардид?
4. Дар охир подшоҳ ба кадом қарор омад?

## ДАРСИ 4

**Машқи 125.** Аз ҳикоят сифатҳои «бузургтар» ва «хурдтар»-ро нависед ва таркиби калимаҳоро таҳлил кунед.

**Машқи 126.** Ба сифатҳои хуб, бад, борик, ғафс, паст, кӯтоҳ пасванди -тар илова кунед ва бо исмҳои мувофиқ ибора созед.

**Супориш:**

Калимаҳои муқобилмаъноро муайян намоед:

**Машқи 127.** Матнро нависед, зери сифатҳо ва калимаҳои ҳамсадои такрордор хат кашед.

### ПАЛАНГИ КӮҲӢ

Паланги кӯҳӣ ҳокими қуллаҳои баландтарини барфпӯш аст. Ин ҳайвон ба хунукӣ ниҳоят пурбардошт мебошад. Вай бисёр чусту чолок ва далер аст. Паланг аз дамгоҳи қуллаҳову бағали пиряххо, ки барои дигар ҳайвонот дастнорас аст, моҳирона гузашта метавонад.

Дар кӯҳҳои мушкилгузар, ки ҳатто тобистон ҳам он ҷойҳо барфпӯшанд, палангги кӯҳӣ ба умеди сайди бузҳои кӯҳӣ поён намефуроядд.

## ДАРСИ 5

### ДУ ДӮСТ

Овардаанд, ки ду шарик буданд, яке оқил, дигаре ғофил. Яке аз ғояти зиракӣ ва нақшбозӣ ҳазор найранг бар об мезад ва ӯро Тезҳуш мегуфтанд. Дигаре аз фарти аблаҳӣ ва нодонӣ суду зиён аз ҳам фарқ намекард ва ӯро Хуррамдил мегуфтанд. Онҳо хоҳиши бозаргонӣ намуда, ба иттифоқи якдигар рӯй ба сафар оварда, манзилҳо тай мекарданд. Иттифоқо, дар роҳ халтаи зар ёфтанд ва онро ғанимат шумурда аз роҳ бозистоданд. Шарики доно гуфт:

– Эй бародар, дар ҷаҳон суд нокарда бисёр аст, ҳоло ба ин халтаи зар қаноат кардан ва дар гӯшаи кошонаи худ ба фароғат ба сар бурдан беҳтар менамояд.

Пас баргаштанд ва наздики шаҳр расида, ба манзиле фуруд омаданд. Шарики ғофил гуфт:

– Эй бародар, биё ин зарро қисмат кунем ва аз дағдаға халос ёфта, ҳар як ҳиссаи худро ба ҳар чӣ хоҳем харҷ намоем. Шарики оқил ҷавоб дод:

– Ҳоло қисмат кардан дуруст нест, беҳтар он аст, ки он миқдор, ки барои харҷ лозим аст, бардорем ва боқӣ ба эҳтиёти тамом дар ҷое пинҳон кунем ва ҳар чанд рӯз омада, ба қадри эҳтиёҷ аз он бардошта, боқимондаро ба ҳамон дастур нигоҳ дорем.

Шарики нодон ба ин афсун фирефта шуда, бар ин ваҷҳ, ки мазкур шуд, нақд бардошта, боқӣ дар зери дарахте ба иттифоқ дафн карданд ва рӯй ба шаҳр оварда, ҳар як ба мақоми худ қарор гирифтанд. Рӯзи дигар он шарик, ки даъвии зиракӣ мекард, ба пои дарахт рафт ва зарҳоро аз зери замин берун бурд. Шарики ғофил нақде, ки дошт, ба харҷи он машғул шуд, то чизе боқӣ намонд. Пас пеши оқил омада гуфт:

– Биё, то аз он дафина чизе бардорем, ки ман бағоят мӯҳтоҷ шудаам.

Он марди зирак худро ба нодонӣ зада гуфт: «Хуб шудааст». П… ҳар ду ба иттифоқ ба пои дарахт омаданд ва чандон ки бе… ҷустанд, камтар ёфтанд. Тезҳуш даст бар гиребони Хурра… зад, ки «ин зарро ту бурдаӣ ва каси дигар хабар надошт». Б… чандон ки савганд хӯрд, ба ҷое нарасид. Алқисса, кори о…

ҷангу ҷидол ба муҳокима анҷомид. Шарики зирак он ғофилро ба хонаи қозӣ оварда, даъво кард ва мазмуни қиссаро ба қозӣ гуфт. Баъд аз он ки Хуррамдил мункир шуд, қозӣ аз Тезҳуш гувоҳ талабид. Тезҳуш гуфт:

– Ман ғайр аз он дарахт, ки зар дар зери он пинҳон аст, дигар гувоҳе надорам. Умедворам, ки худои таоло ба қудрати комилаи худ он дарахтро ба сухан оварад, то ки бар дуздии ин хоини беинсоф шоҳид гардад.

Қозӣ аз ин сухан дар ҳайрат шуд. Баъд аз қилу қоли бисёр ва гуфтугӯи фаровон бар он қарор доданд, ки рӯзи дигар қозӣ ба пои дарахт ҳозир шуда, аз дарахт гувоҳӣ талабад. Чун гувоҳии ӯ мувофиқи муддао бошад, аз рӯи ҳамон ҳукм кунад.

**Савол ва супориш:**

1. Ду шарик чӣ гуна сифатҳо доштанд?
2. Онҳо бо кадом мақсад ба сафар баромаданд?
3. Онҳо дар роҳ чӣ ёфтанд ва ба кадом хулоса омаданд?
4. Шарики зирак зарҳоро чӣ кор кард?
5. Шарики ғофил ба зирак чӣ гуфт?
6. Чаро дӯстон назди қозӣ рафтанд?
7. Тезҳуш ё шарики зирак чӣ гувоҳ овард?
8. Матнро бори дигар хонед ва сифатҳоро навишта савол гузоред.

## ДАРСИ 6

**Машқи 128.** Аз исму сифатҳои зерин ибора тартиб дода, савол гузоред ва нависед:

| | |
|---|---|
| **хона** | **халқӣ** |
| **меҳнат** | **барфӣ** |
| **вазифа** | **баҳорӣ** |
| **дарвоза** | **дастӣ** |
| **асбобҳо** | **хонагӣ** |
| **бобо** | **чӯбин** |
| **кишт** | **хиштин** |

Намуна: хонаи хиштин. Чӣ хел?
Ба исмҳо кадом пасвандҳои калимасозро илова кардед?
Аз исм кадом ҳиссаи нутқ сохтед?
Пасвандҳои -и, -ин, -гӣ дар охири исмҳо омада, сифат месозанд.

**Машқи 129.** Калимаҳои зеринро муқоиса карда, савол гузоред:

**сим – симин** **равған – равғанин**
**чӯб – чӯбин** **ранг – рангин**
**тирамоҳ–тирамоҳӣ** **пӯлод – пӯлодин**

Намуна: чӣ? Сим. Чӣ гуна? Симин.

**Машқи 130.** Бо ибораҳои зерин ҷумлаҳо тартиб дода нависед: асбобҳои халқӣ, дари оҳанин, либоси тирамоҳӣ.

**Машқи 131.** Дар мавзӯи «Ман вазифаи хонагиамро чӣ тавр иҷро менамоям?» иншо нависед.

## ДАРСИ 7

### ҲИРСИ МОЛ

Шарики зирак ба хона рафт ва тамоми қиссаро ба падар боз гуфта, парда аз рӯи кор бардошт ва гуфт:

– Эй падар, ман ба эътимоди ту хаёли гувоҳии дарахт бастаам. Акнун тамоми кор ба шафқати ту вобастааст. Агар мувофиқат намоӣ он зар бибарем ва чандон дигар бистонем, боқимондаи умрро ба рафоҳияту фароғат гузаронем.

Падар гуфт:

– Он чӣ дар ин кор ба ман вобастааст, чӣ хоҳад буд?

Писар гуфт:

– Миёни он дарахт кушода аст, ба дараҷае, ки агар ду тан он пинҳон шаванд, онҳоро дидан мумкин нест. Имшаб ба с бирав ва дар миёни дарахт пинҳон шав, то фардо, ки қозӣ б ва гувоҳӣ талабад, ту шаҳодат ба адо бирасон.

Падар гуфт:



– Эй писар, аз сари макру ҳила бигзар. Зеро бисёр ҳилаҳо ба соҳибаш бало гаштааст...

Писар гуфт:

– Эй падар, сухан кӯтоҳ кун ва андешаи дуру дароз бигзор, ки ин кор ба андак меҳнат манфиати бисёр медиҳад.

Пири бечораро ҳирси мол ва дӯстии фарзанд аз сарманзили диёнат ба бодияи ҷабру хиёнат кашид ва ба чунин кор камар баст. Дар он шаби тира дар миёни дарахт ҷой гирифт. Субҳдам қозӣ бо гурӯҳе аз одамони худ ба пои дарахт ҳозир шуд ва халқе анбӯҳ ба наззора саф кашиданд. Қозӣ рӯй ба дарахт карда, баъд аз шарҳи даъвои даъвогар ва инкори ҷавобгар сурати ҳол аз дарахт пурсид. Овозе аз миёни дарахт баромад, ки «зарро Хуррамдил бурдааст ва ба Тезҳуш, ки шарики ӯст, зулм кардааст». Қозӣ ҳайрон шуд, ба фаросат донист, ки дар миёни дарахт касе пинҳон аст ва ошкор кардани ӯ лозим аст.

Пас фармуд, ки то ҳезуми бисёре оварда, дар назди дарахт ниҳоданд ва оташ дар он заданд, то он нопухтаи хомкорро дуд аз хонумон баровarданд. Пири ҳарис соате сабр намуда, чун дид, ки кор ба ҷону корд ба устухон расид, амон хост ва қозӣ ӯро берун оварда, тасаллӣ дода, ҳақиқати ҳолро пурсид. Пири нимсӯхта сурати воқеа ба ростӣ гуфт. Қозӣ аз сурати воқеа воқиф гашта амонат ва кӯтоҳдастии Хуррамдил ва хиёнату нобакории Тезҳушро ба халоиқ гуфт. Дар ҳамин вақт пирамард бимурд ва писар баъд аз он ки адаби бисёр дида буд, падари мурдаашро бар гардан ниҳода рӯй ба шаҳр овард. Хуррамдил аз рӯи сидқу ростӣ зари худро гирифта, ба саранҷоми кори худ машғул гашт.

*Ҳусайн Воизи Кошифӣ*

**ЛУҒАТ:**

***Рафоҳият*** – осоиш, хушҳолӣ.
***Диёнат*** – диндорӣ, ростӣ, бовиҷдонӣ, ҳалолкорӣ.
***Бодия*** – биёбон, саҳро.
***Ҳарис*** – тамаъкор, гурусначашм.

**Савол ва супориш:**

1. Дӯсти нодон аз чӣ фиреб хӯрд?
2. Марди зирак барои аз худ кардани зарҳо кадом ҳилаю найрангро истифода бурд?

3. Пири бечорaро чӣ маҷбур кард, ки ба кори найрангу фиреб даст занад?
4. Оқибати найрангбозӣ ба чӣ оварда расонд?
5. Аз мазмуни ин ҳикоя ба чӣ хулоса омадед?
6. Сифатҳои зирак, дуру дароз, бисёр, бечора ва тира ба кадом исмҳо тааллуқ доранд?

## ДАРСИ 8

**Машқи 132.** Хонед. Танкҳои ҳозиразамонро бо он танкҳои чӯбин муқоиса намоед.

### ТАНКҲОИ ЧӮБИН

Одамон аз замонҳои қадим боз дар бораи танк фикр мекарданд. Албатта, онҳо айнан танкҳои ҳозираро дар назар надоштанд. Дар он вақт ҳанӯз мотор ихтироъ нашуда буд. Ҳатто оҳан ҳам ба таври даркорӣ вуҷуд надошт. Одамони давраи қадим танкро асосан аз чӯб месохтанд. Ҷанговарон ба даруни «танк» аз ҳамлаи душман бехавфу хатар нишаста, тир мепаррониданд.

**Супориш:**

Калимаҳои «чӯб ва чӯбин»-ро бо ҳамдигар муқоиса кунед.
Чӯб кадом ҳиссаи нутқ аст? Чӯбин кадом ҳиссаи нутқ аст?
Барои чӣ?

**Машқи 133.** Хонед. Гӯед, ки акаи савориаш аз бозор чиҳо меорад?

### ЧӢ МЕОРӢ?

– Эй акаи саворӣ.
Аз бозор чӣ меорӣ?
– Як шаддаи марворӣ.
Як кафшаки булғорӣ,

Як камзӯлаки адрас,
Як тоқии зардӯзӣ,
Як рӯмоли гулдӯзӣ,

**Супориш:**

Ибораҳои зеринро нависед ва савол гузоред: акаи саворӣ, кафшаки булғорӣ, тоқии зардӯзӣ, рӯмоли гулдӯзӣ.

**Машқи 134.** Нависед. Ҷавоби чистонро ёбед ва ба зери сифат хат кашед.

Дидам мурғи оҳанин.
Панҷаҳояш аз резин.
Ҷон надорад, мепарад
Мехӯрад обу бензин.

**Супориш:**

Аз калимаҳои «оҳанин», «резин» ва «бензин» кадомаш сифат аст?

## ДАРСИ 9

## БУД НАБУД, ФИЛАКЕ БУД...

Вай бо падару модараш дар яке аз ҷангалҳои сабзу хуррами кишвари Ҳиндустон умр ба сар мебурд. Филак ҳар рӯз бо очааш алаф мехӯрд, бозӣ мекард. Ҳаво, ки аз ҳад гарм шуд, бобояш, фили пир рамаи онҳоро назди дарё мебурд. Филҳо оббозӣ мекарданд, ташнагиашонро мешикастанд. Очааш бо хартумаш ба филак об мепошид. Баъди «салқин» шудан рама боз аҳлона ба «хона» бармегашт. Филак ҳам барои он ки очаашро гум накунад, бо хартумчааш аз думи ӯ дошта мерафт. Филҳо дарунтари ҷангал даромада, шабро рӯз мекарданд. Онҳо аз душмани ягонаашон – Одам метарсиданд. Шабона, ки ҷангал салқин мешуд, филак ба бағали очааш даромада мегирифт – бағали очааш гармакак!

Рӯзҳо паи ҳам мегузаштанд. Филак калон мешуд. Яке аз рӯзҳои офтобӣ душман омад. Одам омад. Ӯ ҳамроҳи бисёре дошт. Онҳо филакро танҳо диданд. Пайти мувофиқе буд барои ӯро бурдан...

Филакро ба шимол оварданд. Дар боғи ҳайвоноти сарде мезист. Хонаи ӯ сард набуд, вале ҳеҷ гоҳ мисли ватанаш гарм намешуд. Очаашро ёд мекард, бағали гарми очаашро ёд мекард. Мардум ба

5. Ибораҳои зеринро нависед ва ба исму сифатҳо савол гузоред:

сафари дур, шаҳри офтобӣ, мошини калон, пойҳои сутунмонанд, панҷараи оҳанин, бачаҳои беадаб.

## ДАРСИ 12

**Машқи 138.** Ба исмҳои зерин пешвандҳои -но, -бо, -ба, -бе, -ро илова намуда, калимаҳои нав бисозед: шинос, ақл, канор, кас, ғайрат, адаб, кор, хатар.

**Супориш:**

Калимаҳои сохтаатонро дар ибора кор фармоед ва савол гузоред.

Намуна: ношинос. Одами ношинос:

Пешвандҳои но-, бо-, бе- пеш аз исм омада сифат месозанд ва бо калима якҷоя навишта мешаванд.

**Машқи 139.** Матнро навишта, ба зери сифатҳо хат кашед ва баъд таркиби сифатҳои «нобино», «нодон», «кӯрдил», «бехирад»-ро ҷудо кунед.

### НОБИНО ВА БИНОИ ЛАҚҚӢ

Нобиное дар шаби торик чароғ дар даст ва кӯзае дар дӯш мерафт. Лаққие ба ӯ расиду гуфт:

– Эй нодон, рӯзу шаб пеши ту як сон аст, равшанӣ ва торикӣ дар чашми ту баробар. Пас, ин чароғро фоида чист? Нобино бихандид ва гуфт:

– Ин чароғ на аз баҳри худ аст, аз барои чун ту кӯрдилони бехирад аст, то ба ман паҳлу назананд ва кӯзаи маро нашикананд.

## ДАРСИ 13

### Ӯ ЧӢ ГУНОҲ ДОШТ?

Писарбачаҳо дар ӯ мергании худро санҷиданӣ мешуданд. Бо камонғулак сӯяш санг мепарронданд. Боре яке аз санги фалахмон

ба чашмаш зад. Акнун ӯ нағз намедид – дунёро, хӯрокеро, барояш меоварданд, обро, одамонро.

Ҳатто амакҳои ришу бурутдор ӯро азоб дода, пас ба ҳолаш механдиданд. Яке аз онҳо рӯзе санги калонеро зӯр зада аз ҷояш кӯчонид. Пас сӯи Раҷ ҳаво доданӣ шуд. Дар канори панҷара ду фарзанди он мард инро тамошо мекарданд. Ӯ мехост ба онҳо нишон диҳад, ки чӣ хел «дадаи зӯр» доранд. Вале санги калон ба панҷара нарасида ҳамон ҷо ҳамроҳи ӯ ғалтид. Корманди боғ, ки ин лаҳза аз назди онҳо мегузашт, суол дод, ки чаро ба сари фил санг заданист? Мард бо истеҳзо механдид, фарзандонаш дар паҳлуяш истода, «тарбия меёфтанд».

Одам барои фил боз душман шуд, ҳамон душмане, ки ӯро аз модар ҷудо кард, асир карду акнун ҳар рӯз таҳқиру масхара мекунад.

Пас аз чанд вақт назди Раҷ филеро оварданд. Вай Инга лақаб дошт ва минбаъд Инга шарики умри Раҷ буд. Дукаса зиқ намешуданд. Ба «зарба»-и одамон ҳам якҷоя тоб меоварданд. Солҳо гузаштанду Инга вафот кард. Раҷ се рӯз дар назди Инга нишаста гирист. Нагузошт, ки рафиқи ҳаётиашро баранд. Баъд аз наздаш дур рафт ва коркунони боғи ҳайвонот ҷасади Ингаро гирифта бурданд. Боз рӯзҳои танҳоӣ оғоз ёфтанд. Тамошобинон меомаданду мерафтанд. Яке қанд медод, дигаре санг.

**Савол ва супориш:**

1. Бачаҳо ва ҳатто одамони калонсол филро чӣ тавр азоб медоданд?
2. Боре марде санги калонро чӣ кор карданӣ шуд?
3. Як рӯз назди фил киро оварданд?
4. Ба Инга чӣ воқеа рӯй дод?
5. Матнро бори дигар хомӯшона хонда, ба исмҳои санг ва рӯзҳо сифат интихоб намоед.

## ДАРСИ 14

Аз рӯи ҳикояи «Ӯ чӣ гуноҳ дошт» нақл нависед.

Аз рӯи ҳик

### Супориш:

Чистонҳои зеринро нависед, ба зери сифатҳо хат кашед ва гӯед, ки онҳо чӣ тавр сохта шудаанд?

**1. Дегчаи пурҷазза,**
**Ошакаш бомазза.**

**2. Паҳмаки бомазза**
**Дар тирамоҳ мепаза.**

**3. Таг табақ, рӯ табақ,**
**Миён фатири бенамак.**

**4. Чист он бесояву бедаст.**
**Аз кӯҳ баланд, аз алаф паст.**

## ДАРСИ 13

Ва рӯзе Раҷ ба бадӣ бо бадӣ ҷавоб дод. Писарбачаеро, ки аз панҷара гузашта рӯи ҳавлиаш даромад, бо ҷаҳл зери по кард. Аламҳои чандин таҳқирҳои одамонро аз ӯ гирифт. Писарбача ҳалок гашт. Акнун аз фил метарсиданд. Кормандони боғ бо як тарсу ҳарос наздаш даромада, хӯрок мегузоштанд.

Дар шаҳре, ки ӯ мезист, қиматӣ шуд, қаҳтӣ шуд, ҷанг шуд, хунрезӣ шуд. Ва аз ин лиҳоз фили бечора ҳам гурусна ё нимгурусна рӯз мегузаронд.

Рӯзҳои даҳшатнок гӯё гузаштанд. Кормандони боғ илоҷе карда, обу алафи филро мерасонданд. Вале Раҷ бемор шуд, хеле лоғар гашта буд, гӯё синнаш мисли бобояш ба 80 расида бошад, пири фартут менамуд. Вале ӯ ҳамагӣ нисфи умри бобояшро дида буд. Ва Раҷ, ки сӣ сол пеш озоду бедард дар ватанаш, ҷангалҳои Ҳиндустон мегашт, як рӯзи зимистон дар боғи ҳайвоноти шаҳри Душанбе вафот кард. Инсон нақши душманонаи худро ба фил то ...хир иҷро карда буд. Оҳанпораву сангу чӯб, меху калидҳо, ҳар ...ви нолозиме, ки баъди кушодани ҷасади Раҷ аз меъдааш ...анд, шоҳиди ин буданд.

...ар ватани Раҷ – Ҳиндустон филҳо ёрирасони корҳои хоҷагии ...он ҳастанд. Ҳатто дар хона вақти ба кор рафтани модарон ...конро нигаҳбон мешаванд. Филҳо агар дар ҷангал филбачаи ...робонро ёбанд, ҳатман ба рама ҳамроҳ мекунанд ва ҳеҷ гоҳ ...епартоянд. Агар очаашро ёбад, бо ӯ меравад, агар наёбад, дар ...ма калон мешавад. Вале инсон... Як филакеро, ки рӯзе аз очааш

ҷудо сохта, ба кишвараш овард, наметавонист ғамхораш бошад. Қариб сӣ сол Раҷ дар шаҳри Душанбе зист, қариб сӣ сол аз дасти инсон азоб кашид ва оқибат худ ҳам сабабгори фоҷиа гашт.

Аҷиб. Раҷ пеш аз маргаш хобе дида буд? Очаашро, ҷангалу дарёи ватанашро? Писараки аз алами дигарон зери по кардаашро? Мардеро, ки сӯяш санги бузурге партофтан мехосту лекин ҳамроҳи сангаш ғалтид? Духтарчаеро, ки сӯяш себ дароз мекард? Танкҳоеро, ки дар шаҳр ғулғула меандохтанд?

Раҷ ба ҷангу ҷидоли байниҳамдигарии одамони ин кишвар тоб наовард, ба хунрезиву хунталабӣ тоб наовард, ба қаҳтиву қиматӣ тоб наовард, ба бераҳмиву беадабиву бемаданиятӣ, ба таҳқиру масхара тоб наовард.

Фил нобуд шуд. Ба ваҳшонияти инсон тоб наовард. Ҳатто фил!!!

*Нигор Талъат*

### Савол ва супориш:

1. Ниҳоят фил ба бадӣ бо чӣ ҷавоб дод? Яъне, ӯ чӣ бадӣ кард? Чӣ ӯро ба ин маҷбур сохт?
2. Дар шаҳр чӣ воқеа рӯй дод?
3. Фил дар куҷо вафот кард? Аз меъдааш чиҳо баромад?
4. Дар Ҳиндустон филҳо ба кадом корҳои одамон ёрӣ мерасонанд?
5. Раҷ пеш аз маргаш чӣ хоб дид?
6. Фил ба чӣ тоб наовард?
7. Аз ин афсона чӣ хулоса мебароред?
8. Ба ин қисми афсона худатон сарлавҳа гузоред.

## ДАРСИ 16

**Машқи 140.** Матнро хонда, ибораҳои зеринро нависед ва савол гузоред:

фили бечора, рӯзҳои даҳшатнок, пири фартут, нақши душманона, чизи нолозим, корҳои хоҷагӣ, филбачаи бесаробон, санги бузург.

**Машқи 141**. Шеърро навишта, таркиби калимаҳои «беғубор» «беканор»-ро ҷудо кунед.

**Дар берун ҳаво хуб аст,**
**Фазо ҳам беғубор аст.**
**Дар палатаи ҳаштум,**
**Шодии беканор аст.**

*Файзулло Ансорӣ*

**Машқи 142.** Хонед. Гӯед, ки бачаҳо бо кадом корҳо машғул буданд?

## «ЗИНДА БОД СУЛҲ!»

Рӯзе Фарҳод ном ҳамдеҳаамон аз лаби сой сангчаҳои ҳархеларо чида омада, бо онҳо дар қуллаи баланди теппа номи худро навишта монд. Ин ба ҳамаи мо хеле аҷоиб намуд. Мо ҳам аз Фарҳод ибрат гирифта, тозон рафта дар доманамон санг чида омадему ҳамаамон номи худамонро ба санг навишта мондем. Дар як нафас теппа аз номамон пур шуд.

Камол ном бачае гуфт:

– Ин корамон нашуд, номамонро вайрон карда, бо сангҳо ягон ҷумлаи хуб менависем.

– Дуруст, ягон сухани бомаънӣ ёфта менависем, – гуфтем. Баъди каме фикр кардан Азиз якумин шуда:

– «Зинда бод сулҳ!» менависем, – гуфт. Ин фикри Азизро ҳамаамон маъқул кардем.

### Супориш:

1. Ибораҳои зеринро навишта гиред: сангчаҳои ҳархела, қуллаи баланд, ҷумлаи хуб.
2. Таркиби калимаи «бомаънӣ»-ро ҷудо кунед.

**Машқи 143.** Мақолро хонед ва мазмунашро гӯед.

**Олими беамал – занбӯри беасал.**

**Машқи 144.** Шеъри зеринро аз ёд кунед.

## НАСИҲАТИ ФАРЗАНД

Биё, эй ҷигаргӯша фарзанди ман,
Бинеҳ гӯш дар гавҳари панди ман...

Шунав панду дониш ба он ёр кун,
Чӣ донистӣ, он гоҳ ба он кор кун...
Ҳамекун ба пирони бекас касӣ,
К-аш ин шева донам, ба пирӣ расӣ...

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

**Супориш:**

Шеърро рӯбардор намуда, зери калимаи «бекас» хат кашед ва таркиби онро ҷудо кунед.

## ДАРСИ 17

### ИМЛО

## ДАРСИ 18

### СӮҲБАТИ БОЗ ВА КАБК

Овардаанд, ки кабки дарие дар домани кӯҳе мехиромид ва ғулғулаи садои қаҳ-қаҳааш бар гунбади сипеҳр мепечид. Иттифоқан бози шикорие дар он ҳаво мегузашт, чун кабки дариро дид, дилаш ба муҳаббати ӯ моил гашт ва ба худ андешид, ки дар ин олам ҳар касе бояд ёри мувофиқ ва рафиқи меҳрубоне дошта бошад.

Ва ин кабк ёри хушманзар, хандонрӯй, сабукрӯҳ, ширинзабон ва латифҳаракат аст, дил дар сӯҳбати чунин рафиқе тозаву хуррам гардад.

Пас оҳиста ба ҷониби кабк моил шуд ва кабкро назар ба вай афтод ва ҳазаркунон худро ба шикофи санге расонид. Боз аз ҳаво фаромада, пеши он сӯрох нишаста гуфт:

– Эй кабк, пеш аз ин аз ҳунарҳои ту ғофил будам ва фазлу камоли ту ба ман зоҳир набуд. Имрӯз ба воситаи қаҳ-қаҳаи ту кушоише дар дили ман падид омад ва хиромидани дилфиребй ту маро сайд кард. Умед аст, ки минбаъд аз ман тарсону ҳаросон набошӣ ва ба сӯи ман майл намоӣ.

Кабк овоз дод, ки: «Эй қаҳрамони комрон, даст аз ин бечораи меҳнатзада боздор, ҳар гоҳ ки обу оташ ба ҳам якҷоя шаванд, ману ту рафиқ шуда тавонем...»

Боз гуфт:

– Эй азиз, худ андеша кун, ки ман аз дӯстӣ бо ту ҳеҷ ғаразе надорам. Ту аз сӯҳбати ман чандин фоидаҳо хоҳӣ дид. Аввалан, чун дигар бозҳо мебинанд, ки ту дар сояи парвариши ман ҳастӣ, ба ту зулм намекунанд ва бо дидаи ҳурмат ба ту менигаранд. Дуюм, ман туро ба ошёнаи худ мебарам ва ту аз кабкҳои дигар чӣ қадарҳо баланд зиндагӣ мекунӣ. Сеюм, аз кабкҳо ҳар кадомашро, ки хоҳӣ наздат меорам, бо вай бо хушиву хурсандӣ рӯз мегузаронӣ.

Кабк гуфт:

– Ту амири мурғонӣ ва ихтиёри мурғон ба дасти туст ва ман яке аз заҳматкашони ту ҳастам. Агар аз ман кирдори зиште содир шавад, ки мувофиқи табъи ту набошад, пас сарпанҷаи ғазаби ту маро ба ҳалокат расонад. Беҳтар ин аст, ки дар гӯшаи хилват биншинам.

Боз гуфт:

– Эй бародар, нашунидаӣ, ки дидаи дӯстӣ айбро намебинад ва ҳар зиштие, ки аз дӯст падид ояд, бағоят зебо менамояд.

Ман, ки кирдори туро ба дидаи муҳаббат мебинам, дар гуфтушуниди ту чӣ гуна хати хато кашида метавонам?

Дидаи дӯст айббин набувад.

*Ҳусайн Воизи Кошифӣ*

### Савол ва супориш:

1. Кабки дарӣ дар куҷо мехиромид ва овозаш бар куҷоҳо мепечид?
2. Боз кабкро дида чӣ андешид ва чӣ гуфт?
3. Кабк чӣ ҷавоб дод?
4. Дафъаи дуюм боз чӣ гуфт ва кабк чӣ ҷавоб дод?
5. Боз дафъаи сеюм чӣ гуфт?
6. «Кабкро назар ба вай афтод» чӣ маъно дорад?
7. Сархати дуюмро хонда, сифатҳои кабкро номбар кунед ва савол гузоред.

## ДАРСИ 19

### ФЕЪЛ

**Машқи 145.** Калимаҳои зеринро нависед ва саволҳои чӣ кор мекард? чӣ кор кард-ро? гузоред?

**мехиромид** **дид**
**мепечид** **моил гашт**
**мегузашт** **андешид**

**Машқи 146.** Саволу ҷавоби зеринро хонед ва ба саволҳо ҷавоб нависед.

Муаллим мепурсад, талаба чӣ кор мекунад? Ҳаво хунук мешавад, барф чӣ кор мекунад? Барф меборад, ҳаво чӣ мешавад? Одамон дар ҷойҳои худ нишастанд, автобус чӣ кор кард?

Намуна: Муаллим мепурсад, талаба ҷавоб медиҳад.

**Машқи 147.** Матнро нависед ва ба зери калимаҳое, ки ба саволҳои чӣ кор мекард? чӣ буд? чӣ кор мекарданд? ҷавоб медиҳанд, хат кашед.

### СЕБАК

Дар кунҷи боғ як дарахти пастакаки себ мерӯид. Вай аз дигар дарахтони себ фарқ мекард. Дар таги ин себак як ҳавзча буд. Дар ҳавзча моҳичаҳо шино мекарданд. Кӯдакон ҳар рӯз омада, дар таги ин себак бозӣ мекарданд ва ба моҳичаҳо нонреза мепартофтанд.

*Акобир Шарифӣ*

## ДАРСИ 20

### БАҲОНА

Кабк ҳарчанд узрҳои писандида мегуфт, боз ҷавобҳои маъқулу дилпазир дар муқобили он меовард. Дар охир ба аҳду паймон кабкро аз сӯрох берун овард ва Боз онро бардошта, ба ошёнаи худ бурд. Ҳар ду бо якдигар хуш омада, рӯзҳоро ба айшу тараб мегузарониданд.

Ду-се рӯз аз миён гузашт. Кабк ба боз тамоман бовар карда, далерона сухан мегуфт ва беибо қаҳ-қаҳа мезад. Боз ҳам худро ба ношуниданӣ зада, аз сари интиқом дармегузашт, аммо кинаи он дар синааш ҷо мегирифт.

Рӯзе боз каме бемор шуд ва барои хӯрок аз ҷой ҳаракат карда наметавонист. Ҳама рӯз дар ошёна буд, чун шаб даромад, хеле гурусна монд ва кинаҳои кабк, ки ба мурури замон ҷамъ шуда буд, Бозро хашмолуд сохт. Ҳарчанд аҳду паймонҳои гузашта ба хотираш меомад, аммо ҳеҷ ба ақлаш қабул намешуд ва барои хӯрдани кабк баҳона меҷуст. Кабк осори ғазаб дар башараи ӯ мушоҳада намуда, ба ақлу хирад ҳалоки худро медид ва оҳи сард аз дили пурдард кашида, бо худ мегуфт: «Дареғ, ки аз аввали ҳол назар ба поёни кор наяфкандам ва бо ғайри ҷинси худ пайвастам. Бинобар ин киштии умрам имрӯз ба гирдобе дарафтода, ки маллоҳи тадбир аз халоси он оҷиз аст».

Боз бошад, чанголи озор кушода ва минқори хунхор ба заҳри ситам об дода, баҳонаҷӯӣ мекард. Кабк аз рӯи эҳтиёт риояти одоб менамуд ва аз ин сабаб баҳонае барои боз пайдо набуд. Охируламр, боз бетоқат шуда аз рӯи асаб ба кабк гуфт:

– Оё раво бошад, ки ман дар офтоб бошаму ту дар соя нишинӣ?!

Кабк гуфт:

– Эй амири ҷаҳонгир, ҳоло шаб аст ва ҳама оламро сояи зулмат фурӯ гирифта, Шумо аз тоби кадом офтоб ба заҳматед ва ман дар сояи чӣ чиз истироҳат дорам?

Боз гуфт:

– Эй беадаб, маро дурӯғгӯй месозӣ ва сухани маро рад мекунӣ, сазои туро додан лозим аст, – инро гуфту кабкро аз ҳам дарида хӯрд.

**ЛУҒАТ:**

***Маллоҳи тадбир*** – чораҷӯй, тадбирҷӯй, маслиҳатдиҳанда.
***Башорат*** – мужда, хабари хуш.
***Навид*** – хабари хуш, хабари умедбахш, навигарӣ.

**Савол ва супориш:**

1. Дар ошёнаи боз рӯзҳои аввал кабк чӣ хел рӯз мегузаронд?
2. Боз барои хӯрдани кабк дар охир чиро баҳона кард?

## ДАРСИ 21

**Машқи 148.** Ҷумлаҳоро хонда, ҳаракати одамон ва чизҳоро мувофиқи саволҳо нависед.

1. Бо хоҳиши муаллим Шариф аз ҷояш хест, назди тахтаи синф омад, бурро гирифт ва навишт.
2. Комбайн медаравад ва мекӯбад.
3. Себ мепазад, мепӯсад, мерезад.
4. Ҳаво гарм мешавад, хунук мешавад.

| **Чӣ кор кард?** | **Чӣ кор мекунад?** | **Чӣ мешавад?** |
|---|---|---|
| **Хест** | **медаравад** | **гарм мешавад** |
| **Омад** | **мекӯбад** | **хунук мешавад** |
| **Гирифт** | **мепазад** | **мепӯсад** |
| **Навишт** | **мерезад** | |

Феълҳо ба саволҳои чӣ кор кард? чӣ кор мекунад? чӣ мешавад? ҷавоб мешаванд.

**Машқи 149.** Хонед. Гӯед, ки амалиёти «кабк»-ро чӣ тавр мефаҳмем?

### АМАЛИЁТИ «КАБК»

Зимистони ҳамон сол дар деҳаи Работ ва атрофи он барфи бисёре борид. Ҳаво ҳам аз пештара хунук шуд. Аз сармо ба бисёр ҷонварон хафви нобудшавӣ таҳдид мекард. Худи хонандагони мактаб диданд, ки чӣ тавр дар қади роҳҳо кабкҳои бечора афтода мондаанд.

Мувофиқи хоҳиши талабагон сарвари мактаб қарор дод, ки дар миқёси мактаб амалиёти «Кабк» гузаронида, ин парандаи зебо ва дигар ҷонварон муҳофизат карда шаванд. Ин ташаббус зуд дар байни дигар мактабҳои ноҳия низ паҳн гардид. Ҳамон зимистон талабагони шаҳри Турсунзода аз хонаҳояшон обу дон ва нону нонреза бароварда, ба кӯҳсор, ба ҷойҳои муайян рехтанд, ба дӯстони болдори худ лонаҳо сохтанд. Ҳатто аз кӯҳсор парандагони хунукзадаро ба хонаҳояшон оварда, нигоҳубин карданд.

**Супориш:**

1. Калимаҳои зеринро навишта гиред, савол гузоред ва гӯед, ки онҳо чиро мефаҳмонанд? борид, хунук шуд, таҳдид мекард, диданд, афтода мондаанд, қарор дод, муҳофизат карда шаванд, паҳн гардид, рехтанд, сохтанд, нигоҳубин карданд, начот ёфтанд.
2. Дар охири ҳамаи ин феълҳо кадом овоз талаффуз карда мешавад?

**Машқи 150.** Хонед. Мазмуни матнро нақл кунед ва гӯед, ки чаро он «Ёрии бамаврид» номида шудааст. Баъд навишта гиред ва ба зери феълҳо хат кашида, савол гузоред.

## ЁРИИ БАМАВРИД

Чашмам ногоҳ ба оғилхонаи оташгирифтаи ҳамсояамон афтод. Мо фурсатро аз даст надода, ба ҷои воқеа расидем ва ба ҳомӯшкунӣ сар кардем. Аз даруни оғил садои гову гӯсола ва гӯсфандон беист шунида мешуд. Пас аз фурсате ҳамсояҳо низ ба ёрӣ омаданд.

## ДАРСИ 22

## САНГПУШТ ВА КАЖДУМ

– Сангпуште бо каждуме дӯстӣ дошт ва онҳо ҳамеша рафиқу ҳамдам буданд.

Вақте иттифоқ афтод, ки аз рӯи зарурат мебоист ватани худро тарк кунанд. Ҳар ду ба ҷои дигар равона шуданд. Гузори онҳо ба наҳри калоне афтод ва ҷӯи оби бузурге аз пеши онҳо падид омад. Чун каждум аз он об гузашта наметавонист, ҳайрон шуд.

Сангпушт гуфт:

– Эй ёри азиз, туро чӣ шуд, ки андӯҳгин гардидӣ?

Каждум гуфт:

– Эй бародар, андешаи гузаштан дар ин об маро дар гирдоби ҳайрат афкандааст, на аз об гузаштан муяссар аст ва на тоқати фироқи дӯстон мумкин.

Сангпушт гуфт:

– Ҳеҷ ғам махӯр, ки ман туро бе кулфате аз об гузаронида, ба соҳил мерасонам ва аз пушти худ завраҷе сохта, синаро сипари боли ту месозам.

Пас сангпушт каждумро бар пушт гирифта, сина бар об афканда, равон шуд. Дар асnoи шиновари овозе ба гӯши сангпушт расид ва ков-кове аз ҳаракати каждум ҳис кард. Пурсид, ки «ин чӣ овоз аст, ки мешунавам ва ту чӣ кор карда истодаӣ?» Каждум ҷавоб дод, ки «нӯги неши худро бар ҷавшани вуҷуди ту озмоиш мекунам». Сангпушт барошуфт ва гуфт:

– Эй бемурувват, ман ҷони худро барои ту дар гирдоби хатар афкандаам ва ба киштии пушти ман аз ин об мегузарӣ. Агар ҳаққи дӯстии қадимаро ба эътибор нагирӣ, сабаби неш задан чист? Ҳарчанд аз ин ҳаракати ту осебе ба ман нахоҳад расид ва неши дилхароши ту дар пушти хоромисли ман таъсире нахоҳад кард.

Каждум гуфт:

– Табиати ман майли неш задан дорад, хоҳ захм бар пушти дӯст бошад, хоҳ бар синаи душман.

Сангпушт бо худ андешид, ки ҳукамо рост гуфтаанд: «Нафси хасисро парвардан обрӯи худ барбод додан аст ва сарриштаи кори худ гум кардан».

*Ҳусайн Воизи Кошифӣ*

**ЛУҒАТ:**

***Фироқ*** – ҷудоӣ, дурӣ аз ҳамдигар.
***Барошуфтан*** – дар ғазаб шудан.
***Бе кулфат*** – бе сахтӣ, бе азоб.
***Бемурувват*** – бадрафтор, бераҳм.

**Саволу супориш:**

1. Каждум аз чӣ ҳайрон шуд?
2. Сангпушт ба дӯсташ чӣ гуфт?
3. Дар асnoи шиноварӣ каждум ба чӣ кор машғул шуд?
4. Каждум ба саволи сангпушт чӣ ҷавоб гардонд?
5. Гӯед, ки сангпушт бо худ чӣ андешид ва он андешаро маънидод кунед.
6. Доир ба рафтори баду нек боз чиҳо медонед?

## ДАРСИ 23

**Машқи 151.** Феълҳои зеринро нависед ва савол гузоред:

Падид омад, ҳайрон шуд, мерасонам, месозам, равон шуд, расид.

**Машқи 152.** Мувофиқи мазмуни ҳикояи «Сангпушт ва каждум» ба саволҳои зерин ҷавоб нависед:

1. Сангпушт чиро ҳис кард?
2. Ӯ ба каждум чӣ гуфт?
3. Каждум чӣ ҷавоб дод?

### Супориш:

Ба зери феълҳои матни навиштаатон хат кашед ва савол гузоред.

**Машқи 153.** Матнро нависед ва ба зери феълҳо хат кашед.

Боре ҳодисаеро дидам. Мошини боркаши пурборе тасодуфан сангпуштеро зери чархаш монда гузашт. Ман хаёл кардам ки сангпушти бечора майда-майда шуд. Мошин гузашт, вале сангпушт зинда буд. Тақрибан панҷ дақиқа вай бе ҳаракат истод. Баъд якбора ҷунбид ва чун ҳарвақта шитоб накарда, оҳиста-оҳиста қадам гузошт.

## ДАРСИ 24

### ЗАРДУШТ

Ин воқеа се ҳазор сол пештар рӯй дода буд.

Ҷавони қоматбаланди пуррапайкаре савори уштури зард аз шаҳр ба шаҳру аз деҳа ба деҳа мерафт. Вай чашмони зебо, нигоҳи ҷиддӣ, рухсораҳои устухонбарҷаста, абрӯвони ғулии шикаста, мӯйсари дарози ба ақиб шонахӯрда дошт.

– Ту кистӣ? – мепурсиданд ӯро дар роҳ.

– Ман Зардуштам, соҳиби уштури зардам, писари Повурушасп, яъне соҳиби аспи бодпо! – ҷавоб медод ӯ – ман қосиди Аҳуро Маздоям. Аҳуро Маздо худои ман аст!

– Худои ту дигар будаст, – мегуфтанд одамон ва кунҷковона мепурсиданд: – Хӯш, Аҳуро Маздои ту чиҳо мефармояд?

– Аҳуро Маздо мефармояд, ки агар ангуштон мушт нагарданд, шикастанашон осон аст – агар бародарон аҳл набошанд, ободу осуда зиндагӣ намекунанд!

Ҳамин тавр сӯҳбат авҷ мегирифт. Зардушт ба одамон исбот мекард, ки онҳо аҳлу тифоқ нестанд: ҳама аз як авлоданд – мардуми эронзаминанд, вале ҷудо-ҷудо зиндагӣ мекунанд. Як қабила қабилаи дигарро бад мебинад, чунки қабилаҳо як худо надоранд. Яке ба деву париҳои хаёлӣ, дигаре ба шамолу барқу борон, сеюмӣ ба офтобу абру дарахтон саҷда мекунад. Ҳар кас худои худро муқаддасу зӯр меҳисобад ва худои қабилаи дигарро эътироф намекунад.

– Яъне ҳамсоя ба ҳамсоя кина дорад, ҷанг мекунад, – мегуфт Зардушт ба одамон. – Худои ман мегӯяд, ки ин айбу гуноҳ аст. Мардуми эронзамин муттаҳид бояд бошад, вагарна ғуломи бегонагон мешавад...

Ба маслиҳати Зардушт аввал шоҳи Бохтар Виштосп, ки аз авлоди ковиён буд, гӯш дод. «Аҳуро Маздо худои некандешу хайрхоҳ будааст!» – гуфт вай. Баъд бисёр қабилаҳо ба маслиҳати Зардушт гӯш дода, муттаҳид шуданд. Тоҷикони қадим – суғдҳо низ Зардуштро пайғамбари худ дониста, оташпараст шуданд. Лекин баъзе қабилаҳо Зардуштро бад диданд ва таъқиб ҳам карданд. Зардушт ба дарбори Виштосп паноҳ бурд.

Яке аз душманони Зардушт шоҳи кӯчиҳои сакоӣ (сакҳо) Арҷосп буд. Вай бо Виштосп пайваста меҷангид, дар як набард Зардушти ҳафтодуҳафтсоларо аскарони ӯ куштанд.

Марги Зардушт ба бохтариён алам овард. Паҳлавони онҳо Сипандидод қасам хӯрд, ки интиқоми Зардуштро мегирад ва ба мақсад ҳам расид. Ӯ Арҷоспро асир кардӯ гӯшу дастонашро бурид ва ба хари бедум савор карда, ба ватанаш фиристод, ки шарманда шавад.

Таълимоти Зардушт дар китоби «Авесто» гирд омадааст. Ин китоби муқаддас аст. Оташпарастон ҳозир ҳам ҳастанд. Онҳоро порсҳо ва габрҳо мегӯянд, ки дар шаҳрҳои Калкуттаву Бомбайи Ҳиндустон ва Язду Кирмони Эрон зиндагӣ мекунанд.

Зардушт ҷангу ҷидолро намехост. Вай тарафдори пиндори нек, гуфтори нек, кирдори нек ва ободиву амният буд. Аз ин сабаб Зардушт қаҳрамони халқ аст!

*Таҳияи Ҳазрат Сабоҳӣ*

**Саволҳо:**

1. Ҷавон аз рӯи кадом хусусияташ номи Зардуштро гирифтааст?
2. Зардушт ба одамон чиро исбот мекард?
3. Пеш аз ҳама кӣ ба маслиҳати Зардушт гӯш дод ва чӣ гуфт?
4. Зардушт аз тарафи кӣ кушта шуд?
5. Интиқоми Зардуштро кӣ гирифт?
6. Чаро «Авесто»-ро китоби муқаддас меҳисобанд?
7. Аз чӣ сабаб Зардушт қаҳрамони халқ ба шумор меравад?

## ДАРСИ 25

## НАҚЛИ ХАТТӢ

## ДАРСҲОИ 26–27

## ШЕРАКИ ДАЛЕР

Дар замонҳои хеле қадим подшоҳи мамлакати бегона ба хоки ватани муқаддаси мо ҳуҷум кард.

Шерак ном ҷавони нотарсу далер, ки дар кӯҳу пуштаҳо чӯпонӣ мекард, анбӯҳи бешумори душманонро дида, ашк рехт, ғамгин шуд. Вале ӯ маъюс нагардид. Ӯ корди чӯпониашро аз ғилоф кашида, гӯшу биниашро бурид ва чанд ҷои баданашро хуншор карду гирёну нолон ба истиқболи лашкари душман тохт. Вақте ки ба гурӯҳи пешдастаи душман наздик шуд, худро ба замин партофта, ба фиғон даромад. Гурӯҳи аскарони душман ӯро аз замин бардоштанд ва ба ҳалқаш шамшерро монданд ва дод заданд:

– Эй лаин, бигӯ, ту кистӣ ва чаро дар ин ҳолӣ?

– Ман Шерак, ҷавони бекасу кӯям. Рамаи подшоҳи золимро посбонӣ мекунам. Бар ивази заҳмати пурмашаққатам ҳар рӯз мушту лагад мехӯрам. Дирӯз золимон кулбаамро сӯхта, худамро

ба ин аҳвол гирифтор карданд. Шунидам, ки шумо қадами муборакатонро ба мулки мо гузоштаед, ба пешвози шумо омадам, ки дар паноҳатон умр ба сар бибарам ва бо ёрии шумо аз подшоҳи золим қасос гирам.

– Агар ин тавр бошад, ту наздиктарин роҳро ба мо нишон деҳ, – дӯғ зад саркарда.

Гурӯҳи душман дастони Шеракро баста пешандоз карданд ва ба назди сарлашкарашон бурданд.

Шерак ба сарлашкари хунхор сохтакорона таъзим кард ва ҳамаи гапҳояшро такрор намуд. Ӯ аз золимию бедодии саркардаҳои подшоҳи кишвараш чунон шикоят кард, ки ҳама бовар намуданд. Сарлашкари душман фармон дод, ки дастҳояшро кушоянд ва шикамашро сер кунанд.

Шерак пешопеш, лашкари душман аз қафои ӯ мерафтанд.

Аввал ӯ ба анбӯҳи ҷангале бурд, ки аз он гузаштан амри маҳол буд. Аскарон аз байни ҷангали касногузар, байни хорҳои марғелон базӯр роҳ мепаймуданд. Пойҳо ва бадани як қисмашон хуншору захмин шуда, дар ҷо-ҷо меғалтиданд ва тӯъмаи шеру палангон мегаштанд...

Баъди чанд рӯз Шерак душманро ба лаби дарёе бурд, ки шӯху маст ба рӯи харсангҳо кафкзанон пеш мерафт. Шерак гуфт, ки барои тезтар расидан аз ин дарё бояд гузашт. Селаи душман худро ба дарё зад, вале на ҳама ба он соҳил гузаштанд.

Шерак дар дил шод мешуд, вале сир бой намедод. Дафъаи сеюм Шераки нотарс душманро ба биёбони бепоёне бурд, ки на об буду на гиёҳе. Чанд рӯз қадам зада, нисфи зиёди душман аз зарби беобию таъсири офтоби сӯзон дар ин биёбон ҷон дод. Шерак аскари боқимондаи душманро дар ҳоли табоҳ дида ба баландие баромад ва ба онҳо хитоб кард:

– Шумо, лашкари ғаддор, мехостед, ки сарзамини ободи моро хароб карда, сарвати онро ғорат кунед ва мардумашро бикушед.

– Ман Шерак, шуморо фиреб дода, ба ҷангал, дарё ва ин биёбони сӯзон овардам ва нисфи зиёдатонро нобуд кардам. Боқимондаатон ҳам ҷон ба саломат нахоҳед бурд. Ман, фарзанди ин диёр, фарзанди халқи тоҷик, ба мақсадам расидам. Акнун ман ба ҷазои шумо тайёрам.

Душманон Шераки ҷасурро ваҳшиёна куштанд. Шераки далер ҷони ширинашро ба рӯи каф гирифта, халқу Ватанашро аз асирию ғуломӣ озод кард. Аз ин воқеа бештар аз 2500 сол гузашта бошад ҳам, халқ номи Шерак ва корнамоии ӯро фаромӯш намекунад.

**Савол ва супориш:**

1. Шерак барои маҳв сохтани душман чӣ чора дид?
2. Шерак душманро ба кадом балоҳо гирифтор кард?
3. Ӯ ба душман муроҷиат карда чӣ гуфт? Аз рӯи нақшаи зерин нақли хаттӣ нависед:
4. Фиреб додани душман аз тарафи Шераки далер.
5. Дар роҳ нобуд шудани душман.
6. Қаҳрамонона ҳалок гардидани Шерак.
7. Ба зери феълҳои матни навиштаатон хат кашед.

## ДАРСИ 28

### ЗАРРИНА

Дар замонҳои пешин дар байни аҷдоди халқи тоҷик занҳо дар ҷамъият мавқеи баланд доштанд. Дар ин бора таърихнависон ба мо маълумот медиҳанд. Яке аз таърихнависони Юнони қадим, ки 2400 сол пеш аз ин зиндагӣ кардааст, китобе менависад, ки дар он аз зиндагии аҷдоди халқи тоҷик нақл мекунад. Дар ин китоб дар бораи занҳо ҳам баъзе маълумотҳо оварда шудааст.

Яке аз ҳамин гуна занҳои далер Заррина мебошад. Ривоят мекунанд, ки Заррина духтари яккаю ягонаи хонаводаи падару модараш будааст. Ӯ дар аспсаворию асптозӣ, шамшерзанию найзабозӣ, камонкашию тирандозӣ аз ҷавонмардон камӣ надошт. Вақте ки шоҳ – падари Заррина вафот мекунад, тоҷи шоҳиро ба сари Заррина мениҳанд ва ӯро ба ҷои падар ба тахти шоҳӣ мешинонанд. Зарринаи далеру нотарс то охири умр халқи худро дар сулҳу амонӣ нигоҳ медорад. Душманон «зан» гуфта, чандин бор ба сарзамини тоҷикон ҳуҷум мекунанд, вале ҳар дафъа ба мақсад намерасиданд. Боре Зарринаи далер либоси ҷангӣ пӯшида, ба аспи сафеди бодпо савор шуда, пешопеши лашкар ҷониби душман метозад. Лашкари

шоҳдухтар аз ин қаҳрамонию нотарсии Заррина шерак шуда, дар як он ба душмани ғаддор ҳуҷум мекунад ва пирӯз мешавад.

Заррина натанҳо душманонро зада пеш мекард, инчунин, халқи кишварашро, ки пештар дар зери зулми подшоҳони бегона буданд, озод мекунад. Вай бо халқ маслиҳат карда, чандин шаҳрҳои нав бунёд, ҷӯйҳо кофта, заминҳои бекору беобро обёрӣ менамояд.

Дар замони ҳукмронии Заррина мулк обод, дили мардум шоду хотирашон ҷамъ буд. Ин буд, ки мардуми оддӣ ҳама ӯро иззату эҳтиром мекарданд.

Дар китобҳо овардаанд, вақте ки Заррина аз олам чашм пӯшид, халқаш ӯро бо эҳтироми калон ба хок супорида, дар болои қабраш мақбараи зебо ва бошукӯҳе сохтанд, ки зиёратгоҳи ҳамқавмони сипосгузораш гардида буд.

*Мазмун аз У. Эшонқулов*

**Савол ва супориш:**

1. Мавқеи занҳо дар замонҳои пеш чӣ тавр буд?
2. Мардум аз чӣ сабаб Зарринаро иззату эҳтиром мекарданд?
3. Дар бораи далерии Заррина нақл намоед.
4. Сифатҳои Зарринаро нависед ва савол гузоред.

## ДАРСИ 29

**Машқи 154.** Матни «Заррина»-ро хомӯшона хонда, мувофиқи саволҳои зерин феълҳо ёбед ва нависед:

– Чӣ кор кард?
– Чӣ кор карданд?
– Чӣ кор мекунанд?

Намуна: Чӣ кор мекунанд? Ривоят мекунанд.

**Машқи 155.** Ҷумлаҳои зеринро навишта, исм, сифат ва феълҳоро муайян намоед.

1. Зарринаи далер хоки худро ҳимоя мекунад.
2. Душманони разил ба мақсад намерасанд.
3. Заррина ба аспи сафеди бодпо савор мешавад.

**Машқи 156.** Хонед. Гӯед, ки шумо дар фасли зимистон ба кадом бозиҳо машғул мешавед? Матнро навишта, ба зери феълҳо хат кашед.

Зимистон бешаву боғ аҷаб зебост! Ҳаво сарду соф, бардамона, осон нафас мегиред. Дар гирду атроф барф медурахшад. Ана ду қатор нуқтаҳои майда. Вай изи муш аст. Охир, муш зимистон ба хоби мавсимӣ намеравад ва аз паи хӯрок, дар ҷустуҷӯи тухму дони ҳар хел растаниҳо худро ба ҳар сӯ мезанад.

**Машқи 157.** Ба саволҳои зерин ҷавоб гардонед.

1. Зимистон аз кадом моҳҳо иборат аст?
2. Дар зимистон одамон ба кадом корҳо машғул мешаванд?
3. Кадом парандаҳо ҳамин ҷо мемонанд?
4. Дар фасли зимистон кадом идҳо ва рӯзҳои таърихиро қайд мекунем?

## ДАРСИ 30

### СИЁҲҶОМАГОН

Дар яке аз деҳаҳо зане зиндагӣ мекард, ки ӯро ном Васила буд. Васила писаре дошт, номаш Беҳзодон. Беҳзодон бачае буд зирак, ҳушёр ва далер. Ӯ ба ҳар кор шитоб намекард, саросема намешуд. Аввал хуб фикр мекард ва баъд ба иҷрои он шурӯъ менамуд.

Беҳзодон дар хурдсолӣ аз падар ятим монд ва дере нагузашта, модараш ҳам аз олам чашм пӯшид. Беҳзодон бисёр ғамгин шуд, вале гиря накард. Рӯзе яке аз ҷӯраҳояш Беҳзодонро таъна зад, ки ту сангдил ҳастӣ: модарат мурд, гиря накардӣ, Беҳзодон гуфт:

– Бале, ту рост мегӯӣ. Вале бидон ва огоҳ бош, ки ман модари дигаре дорам, ки ҳамеша зиндааст ва ҳеҷ гоҳ намемирад. Модари дигарам – Ватани азизам аст. Ман дар оғӯши ин модари меҳрубонам бузург хоҳам шуд. Замоне, ки калон шудам, дашту биёбонҳо, кӯҳу водиҳои сарсабзу хуррами онро посбонӣ хоҳам кард.

Вақте ки Беҳзодон ҷавони баркамол шуд, бо номи Абӯмуслим ва баъдтар Абӯмуслими Хуросонӣ шӯҳрат пайдо кард.

Дар ҳамин вақте ки Абӯмуслим чун ҷавони далеру нотарс ба камол мерасид, як гурӯҳи калони ғоратгарони аҷнабӣ ба талаю тороҷи мардуми камбағал машғул буданд. Даштҳою боғҳои сабзу хуррамро вайрон мекарданд, мардонро мекуштанд, занону духтаронро ба асирӣ мебурданд. Ин аҳволро дида, Абӯмуслим ҷигархун ва ғазаболуд

мешуд. Ӯ ҷавонон ва мардони мисли худаш далерро ба гирдаш ҷамъ намуд ва ба онҳо муроҷиат кард, ки ҳамаи ин торикию бадбахтӣ аз беиттифоқӣ ва номуттаҳидии мо аст. Ҳар гоҳ, ки мо бо ҳам дӯсту муттаҳид шавем ва аз як гиребон сар барорем, ҳеҷ кас наметавонад, ки мулки ободи моро вайрон ва худамонро асир гардонад.

Абӯмуслим ҷомаи сиёҳ пӯшид ва парчами сиёҳро, ки рамзи мотамро ифода мекунад, баланд кард ва мардумро ба давраш даъват намуд. Одамон, ки ӯро дӯст медоштанд ва ба нотарсию далериаш боварӣ доштанд, ба зери парчамаш муттаҳид шуданд ва ҳама ҷомаи сиёҳ пӯшиданд. Аз ин рӯ, ин ҳама дар таърихи ватанамон ба номи «сиёҳҷомагон» ё «сиёҳҷомапӯшон» машҳур аст. Аз байн чанде нагузашта, Абӯмуслим аскари зиёде ҷамъ намуд ва ҳамаи онҳоро бо шамшеру найзаю белу каланд мусаллаҳ кард. Ҳама ба ҷанги аҷнабиён бархостанд. Аҷнабиён ба зӯри аскарони Абӯмуслим ва ғазаби мардум тоб наоварда гурехтанд. Душманон гурехта бошанд ҳам, ҳамеша фикр мекарданд, ки Абӯмуслимро бо кадом роҳ ба даст биёранд ва бикушанд, зеро аз ӯ ва аскаронаш метарсиданд.

Мансур ном халифаи ҳукмрон ба қасди куштани Абӯмуслим роҳи макру найрангро пеш гирифт. Вай Абӯмуслими далерро бо чанд нафар ёронаш ба меҳмонӣ ба қасраш даъват кард. Ҳамин ки Абӯмуслим ба даҳлез қадам гузошт, душманони лаин ҳуҷум намуда, ӯро куштанд.

### Савол ва супориш:

1. Беҳзодон чӣ гуна хислатҳо дошт?
2. Беҳзодон ба таънаи ҷӯрааш чӣ ҷавоб дод?
3. Абӯмуслим бо кадом мақсад одамонро ба гирди худаш ҷамъ мекард?
4. Бо кадом найранг Абӯмуслимро куштанд?
5. Чаро ба ҳикоя «Сиёҳҷомагон» ном гузошта шудааст?

## ДАРСИ 31

**Машқи 158.** Ҷумлаҳои сеюм ва чоруми матни «Сиёҳҷомагон»-ро навишта гиред, ба зери исм, сифат ва феълҳо хат кашед.

**Машқи 159.** Хонед. Гӯед, ки рустоӣ ва уқоб ба ҳамдигар чӣ некӣ карданд?

## РУСТОӢ ВА УҚОБ

Як нафар рустоие дар саҳро мегашт. Уқоберо дид, ки дар доме гирифтор шудааст. Рустоӣ аз уқоб он қадар хушаш омад, ки ӯро ҳатман раҳо кард. Уқоб ин эҳсоси рустоиро фаромӯш накард. Бо ин тартиб, ки рӯзе рустоӣ дар сояи деворе ба хоб рафт ва дастмоли худро ба рӯи худ андохта буд. Девори кӯҳна ва баланд дар ҳоли гаштан буд. Уқоб бо ӯ наздик рафта, дастмолро аз рӯи ӯ бо минқор гирифта, парвоз кард. Вақте рустоӣ ба таъқиби ӯ давид, уқоб дастмолро пойин андохт. Рустоӣ дастмолашро гирифта омад, то сояи ҳамон девор дубора бихобад. Вале дид, ки девор афтодааст. Рустоӣ фаҳмид, ки уқоб некии ӯро бо некӣ мубодила кардааст.

**ЛУҒАТ:**

***Рустоӣ*** – деҳотӣ.
***Минқор*** – нӯл.
***Мубодила*** – иваз.
***Эҳсосот*** – ҳис, муҳаббат.
***Таъқиб*** – аз ақиб.

**Супориш:**

Феълҳои зеринро нависед ва савол гузоред.

Мегашт, дид, гирифтор шудааст, раҳо кард, муҳофизат намуданд, нобуд карданд.

**Машқи 160.** Матни зеринро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

Як гург буд, хеле пурқувват, чаққон ва калон. Гургони дигар онро гург не, «шер» мегуфтанд. Ин таърифҳоро шунида, гург худашро ҳақиқатан ҳам «шер» номид ва даъво кард, ки дигар ӯ бо гургон не, бо шерон зиндагӣ мекунад.

Рӯбоҳи пире назди гурги гумроҳ омад ва гуфт:

– Ту гирифтори кибру ғурур шудаӣ. Ин худтаърифкунию худситоӣ туро масхара мекунад. Дар ҳақиқат ҳам ту байни гургон мисли шерӣ. Вале дар байни шерон ту ғайр аз гурги нотавон беш нестӣ.

чӣ

### Супориш:

Ба саволҳои зерин ҷавоб нависед ва зери феълҳое, ки дар ҷумлаҳоятон истифода мебаред, хат кашед.

1. Чаро гург даъвои шерӣ кард?
2. Ӯ ба гургон чӣ гуфт?
3. Рӯбоҳ ба гург чӣ маслиҳат дод?

## ДАРСИ 32

### СУМБОДИ МУҒ

Чӣ қадар лашкаркашони ватандӯсти моро душман ба ҳила нобуд кардааст! Онҳо ҳама мардони далер буданд, дилу нияти пок доштанд, вагарна ба қасаму ваъдаҳои душман бовар намекарданд.

Қаҳрамони дигари халқи тоҷик Сумбоди Муғ низ қурбони қасами дурӯғи душман шуд.

Соли 756 буд. Сумбоди Муғ шӯриши худро бар муқобили арабҳо дар шаҳри Ҳирот оғоз дод. Шӯришгаронро сурхаламон мегуфтанд, чунки ҳама гирди сари худ банди сурх баста буданд.

Интиқом мегирем! – хитоб мекард Сумбоди Муғ. – Истилогарон беҳтарин фарзандони суғдро куштанд. Мо қасоси онҳоро меситонем!

– Интиқом! Интиқом! Интиқом! – сар то сари Ҳирот шунида мешуд ин сухан.

Шӯришгарон аввал волии Ҳиротро аз тахт сарнагун карданд, чунки вай хушомадгӯи арабҳо буд, ба халқ ҷабр мекард. Волии Ҳирот Сумбоди Муғ таъйин шуд. Ӯ амр кард, ки ба Балху Бодғису Марвезу Нишопур ва Хатлону Бухоро қосид фиристанд. Қосидон аҳли ин шаҳрҳоро ба шӯриш даъват намоянд. Ва ҳамин тавр ҳам шуд: ба зудӣ мавҷи ошӯб Мовароуннаҳру Хуросонро фаро гирифт.

Арабҳо шикаст хӯрданд!

Овозаи ин шикаст ба гӯши халифа Абӯҷаъфар ал-Мансур расид. Абӯҷаъфар андешид, ки бар шӯришгарон ғолиб омада наметавонад. Вай роҳи ҳиларо пеш гирифт. Ба назди Сумбоди Муғ навиҷрон фиристод. Сафирон гуфтанд:

– Халифа қувваи шуморо эътироф мекунад. Ба номи «Қуръон»-и шариф қасам мехӯрад, ки агар шӯришгаронро ором кунед, ӯ Хуросонро ба шумо месупорад.

Сумбоди Муғ андешид, ба худ гуфт, ки халифа ба номи «Қуръон» қасам хӯрда бошад, дурӯғ намегӯяд.

«Қуръон» китоби муқаддас аст ва қасам ба номи ин китоб ношикастанист.

– Ман бояд чӣ кор кунам?

Сафирон гуфтанд:

– Халифа Шуморо ба ҳузури худ мехонад. Ӯ ҳамаашро ба шумо мефаҳмонад.

Сумбоди Муғ ба назди халифа рафт, Халифа ӯро хуш пазируфт.

Ба шарафи ташрифи ӯ зиёфат дод. Вале шабона, вақте ки Сумбоди Муғ ба хоб рафт, ба ҷаллодон амр кард, ки ӯро ба қатл расонанд.

Ҳамин тавр, Сумбоди қаҳрамон кушта шуд. Аммо шӯриш шикаст нахӯрд. Оташи қаҳру ғазаби мардум боло гирифт. Устод Сис, ки аз аҳли Систон буд, сарварии шӯришро бар ӯҳдаи худ гирифт.

*Ҳазрат Сабоҳӣ*

**ЛУҒАТ:**

***Волӣ*** – ҳоким, соҳибихтиёри як вилоят.

***Сафир*** – вакил, миёнарав. ***Пазируфтан*** – қабул кардан.

**Саволҳо:**

1. Шӯришгарон аз рӯи кадом аломат номи сурхаламонро гирифтаанд?
2. Барои куштани Сумбод душман кадом ҳиларо истифода бурд?
3. Пас аз кушта шудани Сумбоди қаҳрамон сарварии шӯришро кӣ ба ӯҳда гирифт?

## ДАРСИ 33

Феълҳо се замон доранд: замони ҳозира, гузашта ва оянда.

Замони ҳозираи феъл ба саволҳои чӣ кор мекунад? чӣ мешавад? чӣ кор карда истодааст? ҷавоб мешавад.

Замони гузаштаи феъл ба саволҳои чӣ кор кард? чӣ шуд? ҷавоб мешавад.

Замони ояндаи феъл ба саволҳои чӣ кор мекунад? ҷавоб мешавад.

**Машқи 161–162.** Ба саволҳои чӣ кор кард? чӣ кор мекунад? чӣ мешавад? сетоӣ феъл нависед.

Намуна: Парид, мехонад, гарм мешавад.

**Машқи 163.** Хонед. Гӯед, ки некӣ карданро дар ҳаққи касе чӣ тавр мефаҳмед?

## БА НЕКӢ–НЕКӢ

...Барои ҷамъ овардани ҳезум ба бодия берун баромада будам. Ва чун рӯз бегоҳ шуд, хостам, ки ҳама қимаҳоро ба як ҷо гирд оварда, мустаҳкам баста, ба манзил муовадат намоям. Аз муқобилам шере падид омад, тарзе, ки асад дар куноми фалакаш аз бими ӯ метарсид. Ҳам чанд говмеше азим ба сӯи ман медавид.

Ман аз ғояти ҳарос ва ҳавл хун дар аъсоб хушк карда, бар ҷои худ сард мондам. Ва чун шунида будам, ки назди мулоқоти шер агар касе забон ба мулоимат ва хушомад кушояд ва худро таслим намояд, шер бар вай тафаҳҳум мекунад. Аз тарси ҷон паҳлу биафтодам ва ба забони гирифта ва лол мегуфтам:

–Шерҷон, Шерҷон, бар ҳоли ман бубахшой ва панҷа ба хуни ман наёлой, ки ман ба қасди ту набаромадаам, балки аз барои ваҷҳи маош омадаам.

Ин гуфта ба пуштвораҳои ҳезум ишора мекардам.

Чун шер тафвиз ва таслими ман мушоҳида кард, шӯрише, ки дошт, таскин ёфта, наздиктар омад ва атрофи маро хуб тааммуқ мекард, ки тир ва туфанг надорам, илло арра ва доси қимабурӣ. Пас дар пеши ман ба сари ду пой биншаст ва бар ман бо чашми хобида менигарист ва ба ямину ясор (чапу рост) кушода медид ва дум меҷунбонид. Ташхис кардам, ки бо ман нармӣ дорад... ишора мекард, ки «пештари ман ой», ман аз ҳавли ҷон намефаҳмидам, то даст ба китфи ман ниҳод. Гумон кардам, ки санги осиё бар дӯши ман ниҳоданд. Онгоҳ дасти маро ба нохун бикашид ва бар болои

Мошинҳои боркаши фашистӣ ба беша... Барф... Бӯрон... Аскарони мо бошанд, дар беша паси буттаҳо... Онҳо роҳи бешаро посбонӣ... Ҳама чизро... Аммо худашон... Хилъати сафед... Атроф ҳам аз барф... Фашистон гумон..., ки онҳо барфтӯдаанд. Вале нохост аз даруни як барфтӯда тирҳо парида... Афсарон ва аскарони фашист ба замин яксон...

**Супориш:**

1. Матнро нависед, ба ҷои нуқтаҳо феълҳои заруриро гузоред.
2. Ҷумлаи зеринро шарҳ медиҳем:

Аскарон хилъати сафед пӯшидаанд.

Аскарон – исм, исми ҷамъ, бо пайвандаки ҷамъсози – он омадааст, ба саволи киҳо? ҷавоб мешавад;

хилъат – исм, аломати сакта дорад, ба саволи чӣ? ҷавоб мешавад;

сафед – сифат, ба саволи чӣ хел? ҷавоб мешавад;

пӯшидаанд – феъли замони гузашта, ба саволи чӣ кор карданд? ҷавоб мешавад.

**Машқи 16[illegible].** Хонед. Мазмуни матнро нақл кунед.

## ҲИКОЯТ

Рӯзе амире ба шикор рафт. Ногоҳ море тарсон пеши ӯ расид ва гуфт:

– Эй амир, маро ҷой бидеҳ, ки пинҳон шавам.

Амир гуфт:

– Чаро тарсон ҳастӣ?

Мор гуфт:

– Душман чӯбе гирифта, дунболи ман меояд.

Амир бар мор раҳм кард ва дар остини худ ӯро ҷой дод. Баъди як лаҳза марде бо чӯб он ҷо расид ва пурсид:

– Мори сиёҳе аз пеши ман гурехта омадааст. Ту оё онро надидаӣ?

Амир гуфт:

– Не.

Он мард ба чап ва рост назар кард, морро надид, роҳи худ пеш гирифт.

Амир гуфт:

– Эй мор, душмани ту рафт, акнун ту низ роҳи худ пеш гир.

Мор гуфт, ки туро хоҳам газид ва хоҳам кушт. Баъд аз он хоҳам рафт. Намедонӣ, ки ман душмани туам. Ту сахт аҳмақ ҳастӣ, ки бар ман эътимод кардӣ ва раҳм намудӣ, маро ба остини худ ҷой додӣ.

Амир гуфт:

– Эй мор, бо ту некӣ кардаам, чаро бо ман бадӣ кардан мехоҳӣ?

Мор гуфт:

– Хирадмандон гуфтаанд, ки бо ҳар кас некӣ кардан хуб нест.

Амир тарсид ва пушаймон гардид ва дар дили худ андешид, ки алҳол чӣ гуна аз дасти ӯ ҷон бадар барам ва инро аз остин берун кунам? Чустӣ ба кор бурд ва морро гуфт:

– Эй мор, море дигар меояд. Ману ту сухан пеши ин мор изҳор кунем. Агар ин сухани ту писанд кунад, пас ҳар чӣ хоҳӣ, бо ман бикун.

Мор чун рӯи худ гардонид ва ба тарафи мори дигар дида дӯхт, филҳол амир фурсат ёфта, санге ба сараш зад ва онро кушт.

*Зайниддин Восифӣ*

**ЛУҒАТ:**

***Эътимод*** – бовар. ***Алҳол*** – ҳоло. ***Бадар*** – раҳо.
***Чустӣ*** – чолокӣ, ҳилла. ***Филҳол*** – фавран, ба тезӣ.

**Супориш:**

1. Амир куҷо рафт?
2. Мор чӣ гуфт?
3. Мард аз амир чӣ пурсид?
4. Амир чӣ гуфт?
5. Мор ба амир чӣ кардан хост ва амир чӣ кард?

**Машқи 169.** Афсонаи зеринро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

Рӯзе байни мору уқоб ҷанги калон рӯй дод. Мор зӯр баромада, худро гирди уқоб печонд. Уқоб беҳол шуд. Шикорчӣ омаду уқобро аз марг наҷот дод.

Мор ба хашм омада, заҳрашро ба шохи гов, ки шикорчӣ бо он об менӯшид, зад. Шикорчӣ, ки аз ин воқеа хабардор набуд, шохро аз оби чашма пур кард ва хост бинӯшад. Дар ҳамин вақт уқоб аз куҷое пайдо шуд ва чанг зада шохро гирифту ба ҳаво парвоз кард.

**Супориш:**

Мазмуни афсонаро нависед ва ба зери феълҳое, ки ба саволи чӣ кор кард? ҷавоб мешаванд, хат кашед.

**Нақша:**

1. Ҷанги байни мору уқоб.
2. Беҳол шудани уқоб.
3. Наҷот додани уқоб аз марг.
4. Ба хашм омадани мор.
5. Қасос гирифтани мор аз шикорчӣ.
6. Пайдо шудани уқоб ва наҷот ёфтани шикорчӣ.

## ДАРСИ 38

## ПЕШВОИ ХАЛҚИ ТОҶИК

Исмоили Сомонӣ пешвои халқи тоҷик мебошад. Ӯ абераи Сомон аст. Аз авлоди Сомон фарзандони зиёде донишманду ватандӯст ба воя расидаанд. Худи Сомон аз аҳли Самарқанд (ба тахмини дигар аз Балх) буд ва дар идораҳои бонуфузи Хуросон адои вазифа мекард. Чор набераи ӯ – Нӯҳ, Аҳмад, Яҳё ва Илёс ҳокими вилоятҳои Самарқанд, Тошканд, Фарғона ва Ҳирот буданд. Яъне сулолаи сомониён аз ҳаминҳо иборат буданд. Онҳо давлати бузургу мустақил доштан мехостанд.

Соли 892 Исмоил ҳокими давлати сомониён шуд ва ҳамоно Бухороро пойтахти ин давлат эълон намуд.

Он вақт ба шаҳру деҳот қабилаҳои тороҷгари туркон зуд-зуд ҳамла меоварданд. Исмоил бар зидди онҳо мубориза сар кард, чунки туркони кӯчиро торумор накарда, ба давлати бузург ҳокимӣ кардан аз имкон берун буд. Ду сол пас, соли 894, туркҳои кӯчӣ шикаст хӯрданд.

Халифаи Бағдод бовар надошт, ки давлати сомониён пурзӯр аст.

Аммо шикаст хӯрдани туркҳо халифаро ҳайрону хавотир кард. «Агар сомониёнро сусту пароканда накунам, – андешид халифа, – минбаъд ба ман итоат намекунанд. Исмоилро тарсондан даркор не! Исмоилро куштан даркор!»

Вале ин кори осон набуд. Халифа аз ғазаби халқ метарсид, зеро Исмоил аллакай маҳбуби ҳамагон гашта буд. Аз ин сабаб халифа дуру дароз пайт поиду андеша кард ва фақат соли 898 ба қароре омад. Яъне вай хост, ки тоҷикро бо дасти тоҷик нобуд созаду макру ҳилаи худро пинҳон дорад. Ӯ ба ҳокими Хуросон Амри Лайс гуфт:

– Агар Исмоилро саркӯб намоӣ, Мовароуннаҳрро мегирӣ! Туро оянда дурахшон аст, ҳокими кишвари бузург хоҳӣ шуд! Шитоб кун!

Амри Лайс ба хотири обрӯ ва эътибор ёфтан як сол ба Бухоро лашкар кашид.

Аз Амри Лайс Исмоил наҳаросид. Вай ба мардуми кишвар рӯ оварду гуфт:

– Мардуми шариф! Амри Лайси хоин мехоҳад, ки моро дубора ғуломи бегонагон созад. Агар инро хоҳед, хомӯш шинед, агар озод будан хоҳед, бар зидди ӯ бархезед!

Аҳли Бухорову Самарқанд ва Фарғонаву Хатлон ба даст силоҳ гирифтанд. Дар қарибии Бухоро ҳарби шадид ба амал омад, ва соли 900 лашкари Амри Лайс иҳотаву торумор карда шуд. Исмоил Хуросонро низ ба давлати худ муттаҳид сохт ва хоки кишваргашро бузургтар намуд. Вай халифаро дигар эътироф нанамуд.

Аз ҳамин аср даври тиллоии давлати сомониён оғоз ёфт ва фарҳангу забони форсӣ-тоҷикӣ дубора эҳё шуд. Бузургони илму фарҳанги мо Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абӯлқосими Фирдавсӣ, Абӯалӣ ибни Сино ва даҳҳо тани дигар маҳз дар ҳамин давр умр ба сар бурдаанд.

*Ҳазрат Сабоҳӣ*

**Саволу супориш:**

1. Номи давлати Сомониён аз куҷо гирифта шудааст?
2. Барои ҳаёти осоиштаи Сомониён киҳо халал мерасонданд?
3. Халифаи Бағдод чӣ мақсад дошт?

4. Исмоил ба мардуми кишвари худ чӣ муроҷиат кард?
5. Ҳарб ба фоидаи кӣ анҷомид?
6. Дар давраи Сомониён кадом бузургони илму фарҳанги мо зиндагӣ кардаанд?

## ДАРСИ 39

**Машқи 170.** Аз матни «Исмоили Сомонӣ» феълҳои зеринро нависед ва савол гузоред:

**ёд мекунанд** — **саркӯб намой**
**пароканда накунанд** — **мегирӣ**
**ҳоким хоҳӣ шуд** — **хомӯш шинед**
**мехоҳад** — **бархезед**

**Машқи 171.** Хонед. Мазмуни ҳикоятро нақл кунед. Гӯед, ки чаро сарватманд гиря мекард, мӯйҳои худро меканд?

### САРВАТМАНДИ ХАСИС

Сарватманди хасисеро ҳикоят кунанд, ки тамоми дороии худро фурӯхт ва дар иваз чанд хишти тилло харид. Хиштҳоро дар назди девори кӯҳнае дафн кард.

Сарватманд ҳар рӯз мерафт ва аҳвол мегирифт, то касе онро набардорад. Яке аз муздурони ӯ аз он ҳаракати ӯ ҳайрон шуд.

Ин муздуркор рӯзи дигар рафт, заминро ковид ва хиштҳоро дуздида, фирор кард. Марди сарватманд омада дид, ки хазонаи ӯро дузд бурдааст. Аз ин сабаб шурӯъ кард ба гиряву зорӣ, ҳатто аз ғуссаи зиёд мӯйҳои худро меканд, бар сару рӯи худ мезад. Яке аз ҳамсояҳо бетобии ӯро дида, насиҳаткунон гуфт:

– Ин қадар ғаму андӯҳро ба худ роҳ мадеҳ, бирав чанд дона сангро дар ҳамон ҷо дафн карда, тасаввур кун, ки ҳамон хиштҳои тиллост.

Барои ниҳодан чӣ сангу чӣ зар.

*Аз Луқмони Ҳаким*

**ЛУҒАТ:**

***Муздур*** – хизматгор.
***Хазона*** – хазина, ҷойи сарват.
***Фирор кард*** – гурехт.

### Супориш:

Феълҳои ҳикоятро пайдо кунед, нависед ва савол гузоред.
Ҷумлаи «Барои ниҳодан чӣ сангу чӣ зар» чӣ маъно дорад?
Ҳамсояи сарватманд ба ӯ чӣ насиҳат кард?

**Машқи 172.** Хонед. Гӯед, ки шумо китобчаи «Пиёлаи гули нор»-ро хондаед? Албатта, хонед.

## МУШ ВА ШУТУР

«...Муш ва шутур дӯсти ҷонӣ буданд. Шутур бовиқор якто-якто қадам мемонд ва оҳиста гап мезад.

Муш ҳам мехост, ки шутур барин бошад. Шутур барин оҳиста қадам монданӣ мешуд, вале аз рӯи одат якбора питир-питиркунон тохта мерафт. Мехост бо овози пасту ғафс гап занад, вале якбора чиррос мезад...»

Чунин беэҳтиётӣ ва беандешагиҳояш ба сари муш азобу кулфатҳои бисёре овард. Рафта-рафта сустпаймонӣ ва фиребгарӣ барин хислатҳои бади муш ошкор шуд ва шутур ҳам оқибат аз муш рӯ гардонд.

### Супориш:

Матнро рӯбардор намоед ва зери феълҳое, ки ба саволҳои чӣ кор мекунанд? ва чӣ мешаванд? ҷавоб мешаванд, хат кашед.

## ДАРСИ 40

## ҚАҲРАМОНИ ХАЛҚИ ТОҶИК ТЕМУРМАЛИК

Дар аввалҳои асри XIII лашкари истилогарони муғул бо сардории ҷанговари бераҳм Чингизхон ба хоки Хуҷанд зада даромаданд. Мардумро ғорат намуда, хонаҳоро месӯзонданд, одамонро бераҳмона мекуштанд. Халқи Хуҷанд бо сардории Темурмалик ба ҳимояи ватани худ бархост.

Темурмалик барои иҷрои ин мақсади худ дар миёнаи оби дарёи Сир ҷазирае ёфта, дар он ҷо як қалъаи мустаҳкам бино намуданро сар кард.

Темурмалик баъд аз тамом намудани сохтмони қалъа он ҷоро бо озуқа ва аслиҳа пур кард. Хубтарин аслиҳаи ҷангии он замон шамшер, ханҷар, найза, табарзин ва камону тир буд. Ғайр аз ин Темурмалик устоҳои дуредгари Хуҷандро ғун карда, 12 киштии бодбонӣ созонид ва вазифаи сармуҳандисиро худаш иҷро менамуд...

Темурмалик наздик расидани чингизиёнро шунида, аз 12 киштии сарпӯшидаи худ 6 киштиро ба сафар тайёр намуд. Вақте ки чингизиён ба канори оби Хуҷанд – дарёи Сир расида, барои худ гузаргоҳ меҷустанд, он шаш киштӣ душманро ба зери тирборон гирифтанд.

Шаб омад. Чингизиён аз канори об дуртар рафта, манзил карданд. Темурмалик ҳам бо киштиҳои худ аз сафи ҷанг ба пеши қалъаи обии худ баргашт. Ӯ як қисм ҷавононро, ки рӯзи гузашта дар ҷанг иштирок накарда буданд, бо яроқу аслиҳа мусаллаҳ гардонда, шабона ба сафар баромад. Дар ҳолате, ки муғулон дар масти хоб буданд, Темурмалик фурсатро ғанимат шуморида, фармон дод, ки якбора ба урдугоҳи душман ҳуҷум оваранд. Ҷанговарон аввал посбононро куштанд ва дар миёнаи қӯшун даромада, лашкаргоҳро зеру забар карданд.

Дар ҷангҳои обӣ Темурмалик ҳеҷ талафот намедода бошад ҳам, дар ҷангҳои шабохунӣ бе талафот намегашт. Муғулон хоҳ дар ҷанги обӣ бошад, хоҳ дар ҳуҷумҳои шабохунии Темурмалик, беандоза талафот медоданд.

Чингизиён баъди аз об гузаштан ба тарафи шаҳри Хуҷанд ҳаракат карданд. Муғулони ваҳшӣ ҳамаи ободиҳоро сӯхта вайрон карда пеш мерафтанд. Шаҳр дар муҳосира монд. Вақте ки шабона муғулон ба сари аҳолӣ ба шаҳр ногаҳонӣ рехтанд, халқи ватандӯст то ҷон доштанд, ҷангида, бисёриҳо дар майдони мубориза кушта шуданд...

Фоҷиаи таслими шаҳри Хуҷанд ва қатли ом карда шудани аҳолии он барои Темурмалик як мусибати пурзӯри ногаҳонӣ шуд...

**ЛУҒАТ:**

***Урдугоҳ*** – лашкаргоҳ.

***Шабохун*** – шабона ба душман ногаҳон ҳамла овардан.

### Савол ва супориш:

1. Дар аввалҳои асри XIII истилогарони муғул ба куҷо зада даромаданд ва онҳо ба чӣ корҳо машғул шуданд?
2. Темурмалик барои ҳимояи ватани худ чӣ корҳо кард?
3. Темурмалик ба чингизиён чӣ гуна зарбаҳо мезад?

## ДАРСИ 41

**Машқи 173.** Матни зеринро нависед, ба зери феълҳо хат кашида, савол гузоред.

### ОЗОДА

Духтарчае ба дугонааш гуфт:

– Ба бетартибию чиркинӣ тобам нест, озодагиро дӯст медорам. Агар дар хона ягон ҷоро чиркин кунам, даррав ба модарам мегӯям, ки тоза карда монанд.

### Савол ва супориш:

Шарҳдиҳӣ. Озода духтарчаи озода мебошад. Оё хуб аст, ки ҷои чиркинкардаи Озодаро модараш тоза кунад?

**Машқи 174.** Аз тиреза берунро мушоҳида намоед ва доир ба обу ҳаво, парандаҳо, дарахтон ҷумлаҳо тартиб диҳед.

**Машқи 175.** Хонед. Мазмуни афсонаро нақл намоед.

### КАБК ВА РӮБОҲ

Боре рӯбоҳ кабки фарбеҳро дида, хост, ки онро дошта хӯрад. Вай лабҳояшро лесид ва бо худ андеша кард: агар ба он ҳамла кунам, парида меравад. Чӣ тадбир ба кор барам, ки гӯшти мулоимро хӯрам?

Оқибат рӯбоҳ гуфт: «Падарҷони марҳуми ман гуфта буд, ки кабк агар чашмонашро пӯшад, аз дигар кабкҳо хуштар мехонад».

Кабк ба рӯбоҳ бовар карда, чашмонашро пӯшид ва хондан гирифт. Рӯбоҳ дарҳол ҷаҳид ва онро бо дандонҳояш қапид.

Кабк фаҳмид, ки рӯбоҳ ӯро фиреб додааст ва гуфт:

– Бародарҷон маълум мешавад, ки тақдири ман чунин будааст, ки ту бояд маро бихӯрӣ. Акнун аввал дар ҳаққи падари ман дуо бихону баъд маро бихӯр.

Рӯбоҳ даҳонашро кушод, то ки дуо бихонад, кабк бошад, фиррӣ парвоз карда рафт.

**Супориш:**

Мазмуни афсонаро нависед ва ба зери феълҳо хат кашед.

**Нақша:**

1. Ба кабк дучор шудани рӯбоҳ.
2. Андешаи рӯбоҳ.
3. Фиреб хӯрдани кабк.
4. Ҳилаи кабк ва наҷот ёфтани он.

## ДАРСИ 42

Баъд аз фоҷиаи Хуҷанд кори Темурмалик рӯз то рӯз душвор шудан гирифт: озуқа ва яроқу аслиҳа аз ҳеҷ ҷо ба ӯ намеомад.

Темурмалик дид, ки дар қалъаи обӣ истодан дигар фоидае надорад. Ӯ қарор дод, ки ба ягон ҷои дигар сафар кунад ва ба душман зарба занад. Бо фармони Темурмалик ҷанговарон ҳар чизеро, ки дар қалъа буд, ба киштиҳои сарпӯшида бор карда, шабона ба сафар баромаданд. Муғулон баъд аз сафед шудани рӯз аз сафар кардани Темурмалик хабардор шуда, роҳашро занҷирбанд карданд. Ҳамин ки киштӣ ба занҷир наздик расид, Темурмалик бо табарзин бо як зарба занҷирро пора-пора кард. Киштиҳо пеш мерафтанд. Чун ӯ дид, ки дар он наздикиҳо аз душман хавфе нест, фармон дод, ки бору бунаҳ ва асбобу аробаҳоро ба хушкӣ бароранд.

Ҷанговарон роҳи биёбонро пеш гирифтанд... Вақте ки Темурмалик сиёҳии душманҳоро дид ва шумораашонро тахмин кард, ҷанговарони худро пеши худ гирд оварда гуфт:

– Ҷавонони қаҳрамони ватандӯст! Имрӯз ин ҷанг дар шароите мегузарад, ки душман аз мо чандин баробар зиёд аст. Дар ин ҷанг

танҳо касе иштирок карда метавонад, ки нисбат ба душмани хунхор ғазаби бисёр дошта бошад, ҷони худро ба кафи даст гирифта, синаашро сипар карда, ба майдон даромада тавонад.

Чун муғулон наздик расиданд, Темурмалик нафарони худро ба тирборон фармон дода, худаш ба тарафи муғулон асп давонда, худро дар қалби душман зад. Ӯ бо ҳамлаҳои паёпай чингизиёнро сар мезад, даст мебурид, по мешикаст.

Вақте ки торикӣ ҳама ҷоро фаро гирифт, муғулони зиндамонда аз майдон баромада рафтанд ва Темурмалик ҳам, ки аз чанд ҷои баданаш захмдор шуда буд, ба қароргоҳи худ омада дид, ки дар он ҷо на бору бунаҳ мондааст ва на аспу одам...

Дар торикии шаб муғулҳо Темурмаликро дастгир карда, ба пурсиш сар карданд:

– Ту Темурмалик нестӣ? – Қатағанӯғлон ба чашмони Темурмалик чашм дӯхта пурсид.

Темурмалик инкор карданро ба шаъну шарафи худ муносиб надида:

– Оре, ман ҳамон Темурмалики хуҷандиам, ки яккаву танҳо ҳазорҳо шумо чингизиёни хунхорро, чунон ки саги газандаро кушанд, куштам! – гуфт...

Муғулҳо шӯрида, бо шамшерҳои луч аз ҷо бархостанд ва бо ишорати Қатағанӯғлон шамшерҳояшонро ба сари Темурмалик ҳавола карданд.

Темурмалик ҳам аз ҷо бархост ва сӯтаи дарвешиашро бар дами теғи муғулон сипар карда, табарзинро ба кор даровард. То захмҳои корӣ хӯрда, ба замин ғалтиданаш чандин муғулро бо зарбаи табарзин ба замин хобонид.

Дар ҳамин вақт ҷавоне барқвор аз дари хонаи сиёҳ даромада аз байни гурӯҳ ба худ роҳ кушода, ба Темурмалик наздик шуда дид, ки ӯ ғалтида, ва дастаи табарзин ҳанӯз дар дасташ аст, ҷавон хам шуда, табарзинро ба даст гирифту дар навбати аввал бо як зарба сари Қатағанӯғлонро монанди ошкадуи лухсида пош хӯронд ва баъд аз он бо зарбаҳои паёпай чандин муғулро аз по афтонд ва бо захмҳои гарон худаш ҳам ба болои мурдаи Темурмалик афтид.

Ин ҷавон писари Темурмалик буд, ки аз паи ҷустуҷӯи падараш баромада буд.

Хуҷандиён пеш аз гӯрондани падари қаҳрамонашон – Темурмалик ва писараш аз миёнбанди Темурмалик халтачае ёфтанд, ки дар вай як каф хок ва як порча коғази хатнок буд. Хатро хонда, диданд, ки дар он ҷо чунин навишта шуда буд:

«Эй он, ки мурдаи ман ба дастат меафтад, агар некхоҳи одамон ва ватандӯст бошӣ, маро ба ин як каф хок гӯрон, ки ин ёдгории ватани азизи ман аст!»

*Садриддин Айнӣ*

**Савол ва супориш:**

1. Баъди фоҷиаи Хуҷанд Темурмалик чӣ қарор дод?
2. Ӯ ба ҷанговарон чӣ муроҷиат кард?
3. Аз диловариҳои Темурмалик нақл кунед.
4. Темурмалик ба саволи муғулон «Ту Темурмалик нестӣ»? чӣ ҷавоб дод?
5. Ба ёрии Темурмалик кӣ омад?
6. Дар вақти гӯрондани Темурмалик аз миёнбанди ӯ чӣ ёфтанд ва дар хат чӣ навишта шуда буд?

## ДАРСИ 43

**Машқи 176.** Ҷумлаи зеринро нависед, зери феълҳо хат кашед ва савол гузоред.

Ӯ чингизиёнро сар мезад, даст мебурид, по мешикаст.

**Машқи 177.** Худатонро санҷед. Дар зер чанд феъл дода шудааст? Шумо онҳоро ба ду сутун ҷудо кунед:

Хӯрад, лесад, мехонад, ҳаловат мебарад, маълум мешавад, гуфт, дӯст медорам, баровард, тайёр мекунам, расм кашид, расм мекашам, эҳтиром мекунанд, суруд хонд, рақс мекунад.

**Машқи 178.** Хонед. Мазмуни афсонаро нақл кунед.

## РӮБОҲИ КАБУД

Рӯбоҳе дар наздики шаҳр хона дошт. Шабҳо вай дар бозор гашт карда, майдапорачаҳои гӯшт ва равғанҳоро мечинд. Як бор вай ба дӯкони рангрез даромада монд ва ҳама ҷояш ранги кабуд шуд.

Бо ҳамин ҳол ба ҷангал рафт. Дар он вақт ҳайвонҳои ваҳшӣ ба худ ӯро подшоҳ интихоб карданд. Рӯбоҳ ба ҳукмронӣ сар кард. Ҳатто паланг ва бабрҳо ба ӯ мутеъ шуданд. Аммо ҳукмронии рӯбоҳ дер накашид. Борон борида, ранги кабуди вай шуста шуд. Он гоҳ рӯбоҳи малларангро ҳама шинохтанд.

**Супориш:**

Мазмуни афсонаро мухтасар нависед ва зери феълҳо хат кашед.

**Нақша:**

1. Ба дӯкони рангрез даромадани рӯбоҳ.
2. Подшоҳ интихоб шудани рӯбоҳ.
3. Шинохтани рӯбоҳ ва шарманда шудани ӯ.

**ДАРСИ 44**

## ШӮРИШИ ВОСЕЪ

...Восеъ дар баландии болои хонаи худ, ки Болои Ҷанорҳо ном дошт, хирман мекӯфт. Мансабдорони беки Балҷувон омада, аз ӯ 4 танга андози «ноҳақона» талаб мекунанд. Восеъ пул надошт. Мансабдорон ба сухани Восеъ бовар накарда, ӯро маҷбур мекунанд, ки андозро супорад. Дар ин вақт Восеъ ба мансабдорон ҳамла намуда, онҳоро аз асп зада меафтонад ва то ба худ омадани онҳо ба тарафи Судара мегурезад.

Ин ҳамлаи қаҳрамонона оғози шӯриши Восеъ гардид.

Восеъ ҳамчун ҷувозкаши равғанфурӯш ба деҳаҳои Ховалингу Балҷувон рафтуо дошт, аз деҳқонон зағир мехарид. Равғани худро ба бозор ҳам мебурд. Бозор маркази ҷамъомади деҳқонон буд ва Восеъ бо корнамоии худ ба халқ писанд омада буд.

Шӯриши Восеъ асосан соли 1888 сар задааст. Восеъ дар оғози шӯриш дар 10 рӯз деҳаҳои Судара ва Шӯробдараро тай карда, мардумро ба шӯриш даъват кардааст.

Дар ибтидои шӯриш дар паҳлуи Восеъ 11 тан ҳамдиёронаш саф оростанд. Дере нагузашта адади шӯришгарон ба 100, баъдтар ба 600 кас расидааст. Онҳо дар бадали 20 рӯз дар Сурсақова манзил

гузошта, ба мубориза тайёрӣ мебинанд. Ӯ интизори ёрӣ аз Кӯлобу Ҳисор будааст. Бо вуҷуди ин ба умеди ёрӣ нашуда, ба бошишгоҳи сарбозон ҳамла меорад. Дар задухӯрди аввал Восеъ ғалаба мекунад. Ин ғалаба рӯҳи шӯришчиёнро бардошт ва сафи онҳо зиёд шуд. Шӯришчиён ба ҳуҷум мегузаранд ва деҳаи Хӯҷаи Балҷувонро мегиранд. Сарбозони Балҷувон аз ғалабаи Восеъ ба тарс афтода, мегурезанд. Ба шӯришчиён муяссар мешавад, ки қалъаи Балҷувонро низ ишғол намоянд. Амлокдори Ховалинг, ки сарбоз надошт, мегурезад. Ҳамин тавр, ҳукмронии Восеъ ва шӯришгарон дар Балҷувон 8 рӯз давом мекунад.

Дар ҷанги дуюм, ки тақрибан ҳазор нафар шӯришгарон иштирок доштанд, Восеъ шикаст хӯрд. Дар ин ҷанг ба ғайр аз сарбозони беки Балҷувон боз сарбозони Кӯлобу Ҳисор низ иштирок кардаанд.

Бекҳо мақсад гузошта буданд, ки Восеъро дастгир кунанд. Восеи шикастхӯрда ба назди ошнояш – Юнус ба деҳаи Гулдара меояд. Юнус ӯро пинҳон намуда, ҳар рӯз ба Восеъ хӯрок бурда медод. Аз ҷои паноҳ ёфтани Восеъ Давлат қаравулбегӣ хабардор мешавад. Восеъ аз ин дарак ёфта паноҳгоҳи худро тарк мекунад. Ӯ ба Девлох ном кӯҳ паноҳ меёбад. Давлат қаравулбегӣ дӯсти бовафои Восеъ Юнусро даст мегирад, ӯро ваҳшиёна ба сараш равғани доғшуда рехта мекушад.

Восеъро бо роҳи ҷанги тан ба тан ҷазо дода натавонистанд. Бинобар он ҳокимон роҳи хиёнатро пеш гирифтанд. Маҳмадалӣ, ки ба ӯ ҷуфти гов ва сарупо ваъда карданд, барои ба Восеъ хиёнат кардан розӣ мешавад. Оқибат Восеъро бо роҳи фиребу найранг асир намуда, ба қалъаи Балҷувон мебаранд ва ба зиндон мепартоянд.

Муборизаи семоҳаи шӯришгарон бо сардории Восеъ бо хиёнати як нафар нобакори буздил сабаби қатли ин марди далеру шуҷоъ дар Шаҳрисабз, дар назди амир Абдулаҳад гардид.

*А. Мухторов*

**Саволҳо:**

1. Сабаби асосии шӯриш дар чист?
2. Оғози шӯриши Восеъ аз чӣ сар зад?
3. Сабаби ба даст афтодан ва қатл шудани Восеъ дар чӣ буд?
4. Ба хотираи Восеъ чӣ корҳо карда шудааст?

## ДАРСИ 45

**Машқи 179.** Хонед. Гӯед, ки дар хусуси Сурайё чӣ гуфта шудааст?

Сурайё аз паси тиреза ба берун назар кард. Осмонро тумани ғафс фаро гирифта буд. Вай берун баромад. Ҳаво нам буд ва ба димоғи одам бӯи борон мерасид.

### Супориш:

1. Матнро нависед ва ба зери феълҳо хат кашед.
2. Шарҳдиҳӣ: Осмонро тумани ғафс фаро гирифта буд.

**Машқи 180.** Феълҳоро хонед ва онҳоро мувофиқи саволҳои чӣ кор мекунад? ва чӣ мешавад? ба гурӯҳҳо ҷудо карда нависед: Мехонад, ором мешавад, месарояд, мерақсад, калон мешавад, медавад, тамошо мекунад, сар мешавад, мерезад, мепазад.

| **чӣ кор мекунад?** | **чӣ мешавад?** |
|---|---|
| **мехонад...** | **ором мешавад...** |

**Машқи 181.** Хонед ва гӯед, ки падар ба фарзандҳояш чӣ супориш медиҳад?

Дар замонҳои хеле қадим падару модаре зиндагӣ мекарданд. Онҳо се писар доштанд. Боре падар ҳар сеяшонро наздаш даъват карда гуфт:

– Фарзандонам, ҳарчанд ману модаратон ҳанӯз пир нашуда бошем ҳам, вале умрамон абадӣ нест, ҳамеша шуморо хӯронда наметавонем. Аз ин рӯ, аз ҳоло қудрату истеъдоди худро нишон диҳед, ки ману модаратон осуда бошем. Аз пагоҳ бачаҳоям, ҳар кадоматон аз паи зиндагии худ шавед. Ба куҷое хоҳед, равед, ҳар коре аз дастатон меояд, кунед. Фақат пас аз як сол ба хонаи худ баргардед ва албатта, бо дасти холӣ не. Тӯҳфае биёред, ки аз ҳама қимат бошад. Чӣ гуна будани тӯҳфаро худатон фикр кунед.

### Супориш:

Шумо ин тӯҳфаи қиматбаҳоро муайян кунед ва дар хусуси аҳамияти он дар зиндагӣ 3–4 ҷумла нависед.

## ДАРСИ 46

### ИДАТОН МУБОРАК!

Рӯзи 8 март дар сар то сари сайёраи мо ид аст. Иди модарон, иди онҳое, ки ҳанӯз аз дақиқаҳои аввалини ба дунё омаданамон меҳру муҳаббат, алфози ширину дастони навозишкорашонро ҳис кардаем. Ин рӯзи саидро иди Баҳор, зебоӣ ва табассум ҳам мегӯянд. Ин идро ҳар яки мо дӯст медорем. Тӯҳфаҳо тайёр мекунем ва онҳоро ҳамчун рамзи меҳру муҳаббати бепоёни худ ба шахсони аз ҳама азизу мӯътабар – модарон, момою хоҳаронамон тақдим менамоем.

Дар ҷумҳурии мо модар ва хоҳаронамон аъзои комилҳуқуқи ҷамъият буда, дар қатори мардон мехонанд, дар соҳаҳои гуногун: маориф, тиб, сохтмон, хоҷагии қишлоқ меҳнат намуда, дар идоракунии давлат фаъолона иштирок менамоянд ва барои ба даст овардани ҳаёти озоду хушбахтона мубориза мебаранд. Модарони дунё баҳри муҳофизати сулҳ, бачагии хушбахтона ба муқобили онҳое, ки дар рӯи Замин тухми адоват ва зулми нажодӣ мекоранд, мубориза сахт бурда истодаанд.

Имрӯз дар диёрамон баҳори нозанин қадам мезанад. Вай ба пешвози Иди модарони мо, иди 8 март омадааст. Тӯҳфаи ӯ замини сабзу хуррам ва боғу чамани гулпӯш аст.

Идатон муборак, модарону хоҳарони азизу ғамхор!

### МОДАР

Модари ман, ҷони ман,
Қуввату дармони ман
Боиси даврони ман,
Мӯнису ғамхори ман.
Меҳри шарарбори ман.
Рӯи ту мисли анор,
Ҳусни базеби баҳор.
По[illegible] дили беқарор,
[illegible] ғамхори ман,
[illegible]арарбори ман.

Ҳар гапи ту ширин аст,
Мазмуни он рангин аст.
Қанду асал барин аст,
Модари ғамхори ман,
Меҳри шарарбори ман.
Панди ту дар ҳуши ман,
Ҳалқаи ду гӯши ман,
Зиндагии хуши ман,
Модари ғамхори ман,
Меҳри шарарбори ман.

*Нӯъмон Розиқ*

Хон доз хон

### Савол ва супориш:

1. 8 март чӣ гуна ид аст?
2. Дар васфи модар чиҳо гуфта шудааст?
3. Рӯи модар ба чӣ монанд карда шудааст?
4. Чаро шоир мегӯяд, ки ҳар гапи ту – модар ширин, рангин, мисли қанду асал аст.

## ДАРСИ 47

**Машқи 182.** Хонед. Мазмуни матнро нақл кунед.

Аз назди ҳавлии мо ҳар сол баҳорону тирамоҳ галаи аспон мегузарад. Он рӯз ҳам мо, бачаҳо, ҷамъ шуда, гузаштани галаро тамошо мекардем. Якбора корвони мошинҳо дар роҳи мошингард пайдо шуда, галабони ҷавонро бесаранҷом кард.

Галабон саросемавор галаро ба сӯи теппа ронд. Ҳамин лаҳза аспе пешпо хӯрду тойчаи зебое, ки дар паҳлуяш буд, якпаҳлӯ афтид.

– Тойча мурд! – дод зад Анвар. Мо ба ҷои воқеа давидем. Ғайри чашмдошт аввал асп боэҳтиёт ва баъд тойчаи ширмаст аз ҷой хеста, ба сӯи гала тохтанд. Аҷибаш ҳамин ки ба тойча осебе нарасида буд. Мо ҳайрон шудем. Наздиктар рафта бинем, дар он ҷо порасанги теғшакле будааст. Маълум шуд, ки асп барои он ки болои тойча афтида, ӯро маъюб накунад, худро болои санг партофтааст. Дар ду тарафи теғаи санг аз зарбаи афтидан мӯйҳои асп рехта буданд.

*Пӯлод Толис*

### Супориш:

Феълҳои ин матнро навишта, савол гузоред ва гӯед, ки кадом замонро ифода мекунанд?

**Машқи 183.** Нависед, ки модар кадом корҳоро анҷом медиҳад. Намуна: Нон мепазад, ...

**Машқи 184.** Хонед. Мазмуни матнро нақл кунед ва расуси Лолаю Раъноро дар синф муҳокима намоед.

## ЛОЛА ВА РАЪНО

Рӯзе ду дугона – Лола ва Раъно ба мактаб мерафтанд, ки аз наздашон кампире дар даст борхалтаи вазнине баромад. Ӯ борхалтаро базӯр мебардошт. Лола ба Раъно гуфт:

– Раъно, биё, ба кампир ёрӣ диҳем, бин, чӣ хел бораш вазни…

Раъно гуфт:

– Чӣ, мехоҳӣ, ки ба дарс дер монем ва ба мо муаллима «… гузоранд? Боз бори вазнинро бардошта бурдан кори осон не.

– Не, ман бояд ба кампир ёрӣ диҳам.

Раъно ба гапи дугонааш гӯш накарда, сӯи мактаб равон шуд. Лола бошад зуд борхалтаи кампирро бардошта, то хонааш бурда монд. Кампир ба Лола ташаккур гӯён, сарашро сила карда монд.

Пас аз сӣ дақиқа Лола ба мактаб омад, ки кайҳо дарс сар шудааст. Вақте ки ба синф даромад, муаллима чизе нагуфта, рухсат дод, ки ба ҷояш бишинад.

Баъд аз чанд рӯзи дигар ба мактаб ҳамон кампире, ки ба ӯ Лола ёрӣ дода буд, омад. Ӯ Лоларо таъриф карда, ба модару падар ва муаллимаашон ташаккур баён намуд. Раъно фаҳмид, ки дугонааш ҳақ будааст.

### Супориш:

Нависед, ки рафтори кадоми инҳо ба шумо маъқул шуд?

## ДАРСИ 48

## МУҲАББАТИ МОДАР

Писар, рав қадри модар дон, ки доим
Кашад ранҷи писар, бечора модар.
Зи ҷон маҳбубтар дораш, ки дорад-т
Зи ҷон маҳбубтар, бечора модар...
Нигаҳдорӣ кунад нӯҳ моҳу нӯҳ рӯз
Туро чун ҷон ба бар, бечора модар...
Агар як атса ояд бар димоғат,
Парад ҳушаш зи сар, бечора модар.
Агар як сурфаи беҷо намоӣ,

Хӯрад хуни ҷигар, бечора модар.
Барои он ки шаб роҳат бихобӣ,
Нахобад то саҳар, бечора модар...
Чу дандон оварӣ, ранҷур гардӣ,
Кашад ранҷи дигар, бечора модар.
Сипас чун по гирифтӣ, то наяфтӣ,
Хӯрад ғам бештар, бечора модар...
Ба мактаб чун равӣ, то боз гардӣ,
Бувад чашмаш ба дар, бечора модар.
Агар як рубъи соат дер ой,
Шавад аз худ бадар, бечора модар.
Набинад ҳеҷ кас заҳмат ба дунё,
Зи модар бештар, бечора модар.

*Эраҷ Мирзо*

**ЛУҒАТ:**

***Маҳбуб*** – дӯстдошта.
***Ранҷур*** – бемор, дардманд.
***Сипас*** – баъд аз он.
***Рубъ*** – чоряк.

**Савол ва супориш:**

1. Дар ин шеър сухан дар бораи кӣ меравад?
2. Шоир писарро чӣ насиҳат мекунад?
3. Ба фикри шумо, барои чӣ фарзандон бояд ба қадри модар бирасанд?
4. Заҳматҳои модарро якояк хонед ва шарҳ диҳед.

## ДАРСИ 49

**Машқи 185.** Хонед. Мазмуни матнро нақл кунед ва гӯед, ки чаро падар қаноатмандона табассум мекард.

## ИЛМ – ҲУНАР

Аслам ба корхонаи падараш рафт. Ӯ ба манзараи кайҳо боз шинос, ки аз кӯдакӣ дида буд, чашм дӯхт.

Падараш – амаки Фозилбой дасту остин бар зада, гили хобондашударо лагад мезад. Бародараш бо шавқи зиёд ба гил

коҳу мӯй ҳамроҳ мекард. Дар саҳни ҳавлӣ танӯрҳои хурду калони тайёр истода буданд.

Аслам хост аз паҳлуи падараш ҷой гирифта, ба ӯ ёрӣ расонад. Аммо Фозилбой – амак ба ӯ гуфт, ки ба танӯрҳои тайёркардашуда нақш бандад.

Бо завқ ба кор сар кардани писаршро дида, амаки Фозилбой табассумкунон гуфт:

– Кулолӣ ҳунари хуб аст, вале дарсҳоятонро ҳам фаромӯш накунед.

– Мо дарсҳоямонро тайёр кардем, – гуфт Аслам. Ӯ ба танӯрҳои нақшин чашм дӯхту якбора онҳо пури лахча, пури нонҳои сурху сафед шуданд. Албатта, дар назараш. Падар бошад, қаноатмандона табассум мекард. Писарони ӯ ҳам илм ва ҳам ҳунар меомӯзанд.

**Супориш:**

Ҷумлаҳои 5-ум ва 11-умро ёфта, исм, сифат ва феълҳои онҳоро ҷудо-ҷудо нависед:

Намуна:

| Исм: | Сифат: | Феъл: |
|---|---|---|
| саҳн, ... | хӯрд, ... | истода буданд |

**Машқи 186.** Бо ибораи «шавқи зиёд», феъли «табассум мекард», сифати «хуб», исми «ҳавлӣ» ҷумлаҳо тартиб диҳед.

**Машқи 187.** Хонед. Гӯед, ки мураббияҳои ҷавон кадом корҳоро анҷом медиҳанд.

## МУРАББИЯҲОИ ҶАВОН

Мо ҳар рӯз баъди дарс ба боғчаи бачагонаи рақами 16 рафта, бо хурдсолон машғулият мегузаронем. Ба онҳо бозичаҳо сохта медиҳем. Афсона мегӯем... Бо ёрии мо бисёр бачаҳои боғча хондану навиштанро низ ёд гирифтанд. Ғайр аз ин мо кабудизор намудани атрофи боғчаро ҳам ба ӯҳда гирифтаем. Мураббияҳои ғамхору мушфиқи боғча аз ёрии мо хурсанданд. Онҳо моро дастёрони худ – мураббияҳои ҷавон мегӯянд.

**Супориш:**

Исм, сифат ва феълҳоро ба саволҳои зерин ҷудо карда нависед.

кӣ? (киҳо?) чӣ хел? чӣ кор карданд?
чӣ? (чиҳо?) чӣ гуна? чӣ кор мекунад?

**Машқи 188.** Шеъри зеринро хонед ва гӯед, ки дар он чӣ васф карда шудааст?

## БАҲОР ОМАД

Баҳор омад, садои булбул омад,
Насими фораму бӯи гул омад.
Либоси сабзро саҳро ба бар кард,
Кулоҳи сап-сафед олу ба сар кард.
Пас аз боридани борони найсон,
Чӣ зебоянд дашту кӯҳсорон.
Баҳор омад, чаман гулпӯш омад,
Дили мо, бачаҳо, дар ҷӯш омад.
Давидему ба сӯи боғ рафтем,
Ҳама монанди гул болида гуфтем:
– Дарахти нав ба боғи нав шинонем,
Дарахти себу шафтолу расонем.
Ба боғи мо дарахти нок рӯяд,
Анори лоларангу ток рӯяд.
Ҳамон соле, ки онҳо бор оранд,
Ба мо хурсандии бисёр оранд.
Мичуринвор бояд ҳар ҷавоне
Намояд кашф сирри боғбонӣ.

*Мирзо Турсунзода*

**Супориш:**

1. Шарҳ диҳед, ки «Либоси сабзро саҳро ба бар кард» чӣ маъно дорад?
2. Чор мисраи аввали шеърро навишта, онро аз ёд кунед. Ба зери исм, сифат ва феълҳо хат кашед.

## ДАРСИ 50

### ИМЛО

## ДАРСИ 51

### БӮИ БАҲОР

Ҷӯя кофтем, об омад,
Себаки холдор омад,
Себака бӯй кардем,
Бӯяки баҳор омад.

### ГУЛИ САВСАН

Баҳорон шуд, баҳорон шуд,
Ба рӯи сабза борон шуд,
Гули савсан намоён шуд,
Тамошое ба тифлон шуд.

### ЧАРО МУСИЧА БЕРӮЗӢ ШУД?

Фасли баҳор, ки омад,
Дунё дар ҷунбуҷӯл шуд,
Мусичаи танбал ҳам
Ба хасковӣ машғул шуд.
Рӯзи дароз аз ҳар ҷо
Мусича хас мекобад,
Сад хасро нӯл занад ҳам,
Як хас базӯр меёбад.
Нӯл мезанад: «Не, ин каҷ»,
Нӯл мезанад: «Не, ин сахт».
«Инаш борик», «Инаш ғафс»,
«Эй, ҳолӣ бисёр аст вақт».
Рӯзи дигар ҳам айнан
Монанди динангина,
Охир лона ҳам созад,
Вай лона не, чигина.
Чор хасакро рӯи ҳам
Бо қадду бар мечинад,
Беҳавсала мусича
Болояш менишинад.
Лекин чӣ суд? Меафтанд
Тухмакҳояш аз лона.
Бечора қариб ҳар сол
Ӯ бебача мемонад.

Мо мепурсем аз Достак,
Аз Гунҷишкак пурсидем,
Аз Зоғу Ҷӯру Майна,
То ба Лаклак пурсидем:
– Чаро дар лонасозӣ
Дасти ҳунар надорад?
Дар пеши ҳар хас гӯё
Ӯ пушти сар мехорад.
Онҳо хандида гуфтанд:
– Ин бошад ҳоло нодон,
Вақте мактаб мехондем
Пеши тахти Сулаймон,
Аз дарси касбу меҳнат
Роҳи гурехтан мекофт.
Кӣ аз мактабгурезӣ
Доно шуду рӯзӣ ёфт?
– Ҳаққасту рост! – бигуфтам,
Танбал нодон мемонад.
Нодон чӣ? Нодон бошад,
Рӯзиро чӣ медонад?
Маълум шуд, ки мусича,
Мусичаи берӯзӣ,
Аз танбалӣ нодон шуд,
Аз нодонӣ – берӯзӣ.

*Ғаффор Мирзо*

**Савол ва супориш:**

Исм, сиф ва нишонаҳои фасли баҳорро ном баред.
нависед. чӣ тавр лона месозад?
кӣ? (киҳо? чӣ мусича беҳунар будааст?
чӣ? (чи: ...рро ифоданок хонед ва мазмунашро нақл кунед.

5. Зарбулмасалҳои зеринро дар хотир нигоҳ доред:
а) Меҳнат – шараф аст.
б) Меҳнат кунӣ, роҳат мебинӣ.
в) Бе меҳнат роҳат муяссар намешавад.

## ДАРСИ 52

## ҶОНИШИН

**Машқи 189.** Мисолҳои зеринро хонед ва гӯед, ки калимаҳои ӯ, мо, онҳо ба ҷои кадом калимаҳо (исмҳо) омадаанд?

Бечора қариб ҳар сол
Ӯ бебача мемонад.
Мо мепурсем аз Достак,
Аз Гунҷишкак пурсидем,
Аз Зоғу Ҷӯру Майна
То ба Лаклак пурсидем.
Онҳо хандида гуфтанд:
– Ин бошад ҳоло нодон.

Дар хотир доред: Ӯ ба ҷои мусича, мо ба ҷои мову шумо, яъне бачаҳо, онҳо ба ҷои Достак, Гунҷишкак, Зоғ, Ҷӯр, Майна ва Лаклак омадааст.

**Машқи 190.** Саволу ҷавоби зеринро хонед ва гӯед, ки бачаҳо дар вақти ҷавоб додан ба ҷои номашон (Қосим, Анвар) кадом калимаҳоро истифода мебаранд? Муаллим аз талабагони синф пурсид:
– Канӣ, бачаҳо, сардори синф кист?

– Ман, – гӯён Қосим аз ҷояш хест.
– Масъули тозагии синф кӣ аст?
– Ман, – ҷавоб дод Анвар.

**Супориш:**

Сӯҳбатро рӯбардор намуда, зери номҳо ва калимаҳои ба ҷои онҳо омада хат кашед.

**Машқи 191.** Хонед. Гӯед, ки чаро гулҳои дӯстӣ номида шудаанд?!

## ГУЛҲОИ ДӮСТӢ

Ба мактаби мо бачагони миллатҳои гуногуни ҷаҳон омаданд. Ману Салим ба ҳар кадоми онҳо яктоӣ гул тӯҳфа кардем. Онҳо гулҳоро мебӯиданд ва миннатдорӣ баён мекарданд. Мо аз хурсандӣ завқ мекардем. Гулҳои дӯстии мо ба тамоми ҷаҳон паҳн шуданд.

**Супориш:**

Матнро рӯбардор намуда, зери калимаҳои ман, онҳо, мо хат кашед ва гӯед, ки ин калимаҳо ба ҷои кадом исмҳо омадаанд.

**ДАРСИ 53**

## РЕЗАБОРОН

Хуршеди панҷатилло,
Дар дашту кӯҳу саҳро
Монанди марди деҳқон
Бикшода дасти эҳсон.
Хандида нур пошид,
Дони сурур пошид.
Чун дид рӯи хуршед,
Барфу ях об гардид,
Онро замин макида,
Бо сабзаи дамида,

Ҳай-ҳай, чӣ нармакак шуд,
Бай-бай, чӣ гармакак шуд.
Бедор шуд табиат,
Пӯшид сабзхилъат,
Боди вазони кӯҳсор
Овард абри бисёр,
Борид резаборон
Дар боғу дашту майдон.
Рафт абри даргузар зуд,
Аз дида ноаён шуд.

Тирукамон баромад,
Меҳри ҷаҳон баромад.
Тирукамон бидида,
Меҳри ҷаҳон бидида.
Духтарчаҳои гулрӯ,
Биншаста дар лаби ҷӯ,
Аз нӯги кокулошон,
Кам-кам бурида шодон,
Гуфтанд ҳар як аз ноз,
Тирукамон барин боз
Кокулдароз гардем,
Чун ғунча боз гардем.
Сонӣ зи ранга гулҳо.
Карданд тоҷи зебо.
Онро ба сар ниҳода,
Дасти ба даст дода,
Бо шавқу шодмонӣ
Карданд шеърхонӣ.
Дар васфи иди Наврӯз,
Иди баҳори фирӯз.

*Мавҷуда Ҳакимова*

**Савол ва супориш:**

1. Шеърро ифоданок хонед.
2. «Хуршеди панҷатилло» чӣ маъно дорад?
3. Тирукамон чӣ хел пайдо мешавад?
4. Чаро духтаракон аз баромадани тирукамон шодӣ мекарданд?

## ДАРСИ 54

**Машки 192.** Хонед. Гӯед, ки шоир кадом ҷонишинҳоро истифода намудааст?

### МОДАР

Модари ғамгусори ман
Шодии рӯзғори ман,
Роҳати ман, мадори ман,
Боғи ману баҳори ман –
Модари ғамгусори ман!
Садқа шавам ба номи ту,
Лоиқи эҳтироми ту,
Мақсади ту, мароми ту –
Мақсади ман, мароми ман,
Модари ғамгусори ман!

*Гулчеҳра Сулаймонова*

Калимаҳои ман, мо, ту, вай, шумо, он, онҳо... ҷонишин мебошанд. Ҷонишинҳо асосан ба ҷои исмҳо меоянд.

**Машқи 193.** Хонед. Гӯед, ки бозӣ ба шумо писанд омад?
**Чистон.** Булбулон дар хонаи кист?

Кӯдакони ман вақти таътил ин бозиро ёд гирифта омаданд. Шабе пушти дар омадам ва баҳсу талоши онҳоро хуб гӯш кардам. «Шаҳратро бой додӣ, акнун ман мегӯям». Ин садои духтари аз ҳама хурдӣ – Ҷонон буд. «Ёфтам! Ёфтам, лекин ту ғиромӣ мекунӣ, ин хел бошад, ман-бозӣ не», – ин овози духтари калонӣ – Райҳон буд. «Ин хел ки бошад, шумо бас кунед, ман мегӯям», ин садои Тобони миёна буд.

*Сорбон*

Дар ин матн нависанда кадом ҷонишинҳоро кор фармудааст? Боз кадом ҷонишинҳоро медонем?

**Машқи 194.** Мисолҳои зеринро нависед ва гӯед, ки ҷонишинҳои вай, онҳо ба ҷои кадом исмҳо омадаанд?

1. Шоир бачаҳоро дӯст медорад.
2. Вай барои онҳо шеърҳо эҷод мекунад.

**Машқи 195.** Матнро нависед, ба зери ҷонишинҳо хат кашед.

Бетонрези номӣ Камол Ҳамсариев ҳам барои дар ин сохтмони азим ҳисса гузоштан аз Норак омадааст. Вай бо аъзоёни бригадааш ба роҳсозӣ машғул мебошад.

Ӯ доимо серташвиш аст. Гоҳ ба аъзоёнаш корро мефаҳмонаду гоҳ пеш-пеши мошинҳо тохта, ҷои рехтани сангу бетонро ба ронандагон нишон медиҳад. Гоҳ ба заводи бетон мераваду гоҳ барои маслиҳат ба назди маъмурияти сохтмон.

Ӯ дилсӯзу ғамхор аст. Бо ҳама як хел муомила мекунад.

## ДАРСИ 55

# ИДИ НАВРӮЗ

Баҳор фасли дилафрӯзи сол аст. Онро ҳама кас дар ҳама ҷо бетоқатона интизор мешаванд. Ин фаслро фасли зиндашавии табиат, арӯси сол меноманд. Дар ҳақиқат ҳам фасли зебову дилрабост фасли баҳор! Кӯҳу дара, саҳрову ҷангал, боғоти мевазор – ҳама сабзу хуррам аст. Бӯи хуши сабзаҳои навхез ва гиёҳҳои гуногуни худрӯй ба тани одам қувваю рӯҳи тоза мебахшад.

Ба истиқболи иди баҳор кӯҳсори сарсафед домани худро бо сабзаю гул пӯшонда, хурсандӣ мекунад. Дашту саҳро ба сар чодари рангин гирифта, ба иди Наврӯз тайёрӣ мебинад. Обшорон таронаи наврӯзӣ мехонанд. Насими форам ба ҳар кӯҳ муждае мебарад.

***Наврӯз шуду ҷумла ҷаҳон гашт муаттар***
***Аз бӯи хуши лолаву райҳону санавбар.***

Наврӯз яке аз ҷашнҳои қадими мардуми тоҷик аст. Онро ҳар сол ба муносибати расидани баҳор ва саршавии киштукор ҷашн мегиранд. Халқи меҳнаткаш дар сурудҳои худ Наврӯзро чун оғози корҳои деҳқонӣ васф менамоянд. Занон суманак мепазанд ва бо ҳар гуна меваю таом дастархон оро медиҳанд, ҷавонон гӯштин мегиранд, буз мекашанд, кӯдакон бо бародарону хоҳаронашон гул мечинанд, марди деҳқон ҷуфт мебандад, замин меронад, ба замин дона мекорад.



Рӯзи Наврӯз мардум либоси наву тоза мепӯшанд, ба тамошо мебароянд, сайри лола мераванд, онҳо якдигарро муборакбод мекунанд, ба якдигар хушбахтӣ мехоҳанд. «Ҳар рӯзатон Наврӯз бод, Наврӯзатон фирӯз бод!» – мегӯянд.

**ЛУҒАТ:**

***Муаттар*** – хушбӯй, тару тоза.

### Савол ва супориш:

1. Чаро баҳорро арӯси сол меноманд?
2. Ҷашни Наврӯзро дар деҳаи шумо чӣ тавр мегузаронанд?
3. Одамон дар ин рӯз ба якдигар чӣ мегӯянд?

## ДАРСИ 56

**Машқи 196.** Сарсатрӣ охирини матни «Иди Наврӯз»-ро хонда, ҷумлаи зеринро нависед:

Онҳо якдигарро муборакбод мекунанд.

### Супориш:

Ба зери ҷонишини «онҳо» хат кашед ва гӯед, ки он ба ҷои кадом исм омадааст?

Дар хотир доред: ҷонишинҳо аз калимаҳои дигар ҷудо навишта мешаванд.

**Машқи 197.** Хонед. Гӯед, ки шоир ба кишвар – Ватан хитоб карда чӣ мегӯяд ва дар ин шеър кадом ҷонишинҳоро кор фармудааст?

### ЭЙ КИШВАРИ МАН

Эй кишвари ман, болу пари ман,
Меҳри дили ман, тоҷи сари ман.
Бо шаршараи ҷӯйҳои пуроб,
Бо тантанаи парвози уқоб,
Аз нав бикунам, шодона хитоб:
Эй кишвари ман, болу пари ман,
Меҳри дили ман, тоҷи сари ман!

*Аминҷон Шукӯҳӣ*

**Машқи 198.** Бо ҷонишинҳои ман, мо, шумо, вай яктоӣ ҷумла тартиб дода нависед.

**Машқи 199.** Матнро рӯбардор кунед, ба зери ҷонишинҳо хат кашед ва гӯед, ки онҳо ба ҷои кадом исмҳо омадаанд?

Пирамарде ба дарави гандум баромад. Ӯ хурмачаро бо ошаш дар буттазор пинҳон карда монд. Рӯбоҳ хурмачаро ёфт. Вай ошро хӯрда, хост ба хонааш равад, аммо сарашро аз хурмача бароварда натавонист. Рӯбоҳ сари худро ҳар сӯ меҷунбонид. Хурма аз сари рӯбоҳ ҳаргиз намебаромад. Рӯбоҳ дар ғазаб шуда, хурмаро ба об ғутонд.

Хурмача пури об шуд ва рӯбоҳро ҳам ба ҷӯй кашид. Рӯбоҳ дар об ғарқ шуд.

**Машқи 200.** Иншои хонагӣ.

Ба саволҳои зерин такя намуда, дар мавзӯи «Ҷашни Наврӯз» иншо нависед.

1. Идҳо дар фасли баҳор.
2. Наврӯз – ҷашни мардуми мо.
3. Тайёрӣ ба ҷашн.
4. Иштироки ман дар ҷашни Наврӯз.

**Супориш:**

Ба зери ҷонишинҳои иншои навиштаатон хат кашед.

## ДАРСҲОИ 57 – 58

### ИМЛО ВА ҶАМЪБАСТИ ЧОРЯКИ III

# ЧОРЯКИ IV

## ДАРСИ 1

### ПЕШОЯНДҲО

### ПАНҶ АНГУШТ

Ба ангуштони дастонатон нигоҳ кунед. Ҳамаи онҳо – хурду калон – панҷ бародари ҳамшир барин менамоянд. Замоне онҳо панҷ писари як падар будаанд. Модар барвақт аз олам гузашта будааст. Падар рӯзе чандрӯза ба сафари шаҳр меравад, ки дар

бозор мавизу қоқи мева фурӯшад ва барои онҳо либосу китоб биёрад. Пеш аз рафтанаш онҳоро ҷамъ карда мегӯяд:

– Дар вақти набудани ман ҳушёр бошед, ки дузд шуморо дар хоб наёбад ва он моле, ки ғун кардаем, набарад, ҳамсояҳо мегӯянд, ки дар ин тарафҳо дузд пайдо шудааст...

Сарангуштро дуруст Бузург меномидаанд, ки қадкӯтоҳу ғафс бошад ҳам, хеле серғайрату пурқувват будааст ва ба ҳама кор баробари бародарони дигар часпида, аз ҳамаи онҳо зиёдтар меҳнат мекардааст. Ӯ доим рӯ ба рӯи додарони худ истода таълим медодааст, ки қади худро бисёр ҳам шамшодвор дароз накунанд, ки инсон ризқи худро аз осмон не, аз замин меёбад.

Чунин сухани ӯ бештар аз ҳама ба Расо – ангушти миёна, ки қадбаландтар будааст, намефоридааст ва ӯ ба Бузург мегуфтааст:

– Ту, ки аз паси модар ба хонаи падари мо омадаӣ ва аз авлоди падари мо наӣ, ба қадҳои дарози мо ҳасад мебарӣ.

Зинҳор ном лелаи қариб ҳамқади ӯ низ камарбанд – ангуштарини заррини худро молида мегуфтааст:

Падарамон ба миёни ман беҳуда ин чанбари зарринро напӯшондааст. Агар туро ақлу дониш бештар мебуд, ин ҳалқаи заррин насиби ман намегардид.

Ангушти Ишорат низ ба сари Бузург дурӯғ задааст:

– Ту аз поён истода ба мо, болонишинҳо, чӣ хоҳӣ омӯхт? Мо аз зоти хеле олӣ ҳастем. Ту, ки аз зоти қадпастҳоӣ, падар хонаатро дар поёни ҳавлӣ сохтааст – дар даромадгоҳ – ҷое, ки одатан боён хизматгоронро ҷой медиҳанд.

Ҳамаи ин гапҳо ба Бузург алам кардаасту ӯ ба Ятимак рӯ оварда гуфтааст:

– Ятимак, ту ҳам гап зан. Эҳтимол дар дили ту низ нисбати ман кинае бошад.

– Эй бародар! – гуфтааст Ятимак, – ман доим мебинам, ки мо чор тан чӣ қадар кор кунем, ту ҳам ҳамон қадар, балки зиёдтар. Бародарӣ пеш аз ҳама дар ҳамдастӣ ва ҳамкорӣ муайян мегардад на дар ҳамхунӣ. Бисёр бародарони ҳамхунро дидаем, ки ...зор талоши тоҷу тахти падар ҳамдигарро куштаанд. Ман мег... қадру қимати бародар дар камарбанди заррин ё чиз...зург узр набуда, дар сари вақт ба ёрии дигарон расидан аст. ... нагирад.

### Саволу супориш:

1. Падар пеш аз рафтан ба фарзандҳояш чӣ мегӯяд?
2. Ангуштҳо чӣ ном доранд?
3. Ангушт – Расо ба Бузург чӣ таъна мезанад?
4. Зинҳор чӣ мегӯяд?
5. Ишорат ба Бузург чӣ дӯғ мезанад?
6. Ятимак – ангушти хурдӣ чӣ мегӯяд?
7. Ба фикри шумо, гапи маъқулро кадоме аз онҳо мегӯяд?
8. Матнро хомӯшона бори дигар аз назар гузаронед ва гӯед, ки калимаҳои бо, аз, дар, чӣ хел навишта шудаанд?

## ДАРСИ 2

**Машқи 201.** Хонед ва гӯед, ки сухан дар бораи чиҳо меравад?

Рӯзе аз мактаб бармегаштам. Ногоҳ чашмам ба парандае афтод, ки дар роҳ рӯи барф мехобид. Онро аз замин бардоштам. Ҷонварак базӯр-базӯр нафас мекашид. Маълум, ки аз хунукию гуруснагӣ ба ин ҳол афтодааст. Ба ҷонварак дилам сӯхта, ба хона овардам. Аз фанеру тахтапораҳо лонаи зебое сохта, ба дарунаш парандаро мондаму ба шохи бед овехтам. Тез-тез аз обу донаш бохабар мешудам. Баъди чанд вақт ҷонвар тамоман сиҳат шуд.

Ин кори маро ҷӯраҳоям дида, ба ман пайравӣ карданд. Ҳоло дар шохаҳои дарахтони рӯи ҳавлии аксари ҳамсинфонамон лонаи тахтагин мавҷуданд, ки дар онҳо дӯстони болдори мо зиндагӣ мекунанд.

### Супориш:

Мисолҳои зеринро навишта гиред: аз мактаб, ба паранда, дар роҳ, аз замин, ба ҷонварак, ба хона, аз фанер, ба шох, ба ман.

Калимаҳои аз, ба, дар пеш аз кадом калимаҳо омадаанд?

Калимаҳои мактаб, паранда, роҳ, замин, ҷонварак, хона, фанер, Ба ман, онҳо кадом ҳиссаи нутқанд?

калон -

панҷ пиши **202.** Бо таркибҳои ба хона, аз хона, аз мактаб, дар боғ будааст. ӏартиб диҳед ва нависед.

**Машқи 203.** Хонед. Сабаби пеш аз омадани баҳор нағмасароӣ кардани парандаҳоро гӯед.

## НАҒМАСАРОИИ ПАРАНДАҲО

Дар рӯзҳои ҳавои соф ва офтобии охири зимистон ба бешазор ё боғ сайр кунед. Гӯш андозед, ки парандаҳо чӣ тавр дар баҳор нағмасароӣ мекунанд. Онҳо ба пешвози баҳори чашмдошташон тайёрӣ мебинанд.

Аз омадани баҳор онҳо чӣ хел шодмонӣ мекунанд!

**Супориш:**

Матнро рӯбадор намоед, ба зери калимаҳои дар, ба, аз хат кашед ва гӯед, ки онҳо аз калимаҳои дигар ҷудо навишта шудаанд, ё якҷоя?

### ДАРСИ 3

## ДАР ЯК САФ

Бародарон оши дегро батамом хӯрданду Бузургро ҳатто ба сари дастархон як бор «биё» нагуфтанд. Ятимак хост, ки як табақча ошро ба Бузург барад, вале Зинҳор аз остинаш сахт кашида гӯшмол дод. Шом шуд. Чор бародар дар хонаи барҳавою васеи боло бо шикамҳои сер хуррок кашида мехобиданд.

Бузург дар хоначаи поёни ҳавлӣ дароз кашида бошад ҳам, ҳушёр будааст. Зеро гапи падарро дар хусуси duздӣ дар хотир доштааст. Шаб ҳамаи додарони болоӣ ба хоби сахт рафтаанд. Ҳамин вақтро дузд интизор будааст, ки аз болои бом оҳиста мефурояду ба хонаи хоби онҳо медарояд.

Ятимак аз ғиҷирроси дар бедор шуда, дод мегӯяд. Бародарон бедор шуда, дар торикӣ дузд гуфта, ҳамдигарро медоранд. Дузд ба поёни ҳавлӣ метозад, вале ин ҷо ӯро Бузург бо ресмон интизор меистод ва бо пояш ба пои дузд зада, вайро меафтонад.

Бародарони хонаи боло – Расо, Ишорат, Зинҳор аз Бузург узр мепурсанд, ки ӯро беҳуда ранҷондаанд ва ба дил кина нагирад.

Бузург дар ҷавоб гуфтааст:

– Албатта, ман ба шумоён кина надорам. Зеро ки гуфтаанд: панҷ ангушт баробар нест.

Агар ҳама баробар амал кунем, на аз дузд боке ҳасту на аз ягон кори мушкил.

Ҳамин тавр, моҷаро бо сулҳу салоҳ анҷом ёфтааст ва бародарон аҳлу тифоқ, ҳамтану якҷон гаштаанд.

Як лаҳза ба ангуштҳои худ нигоҳ кунед. Дар паҳлуи Ятимак Зинҳор бо камарбанди зарринаш, бонии аҳду паймон, дар паҳлуи Зинҳор – Расо бо қади аз ҳама дарозаш, дар паҳлуи Расо – Ишорат, ки ба ину он ишора ва хитоб мекунад, истодаанд. Ҳамаи онҳо чун сарбозони як даста паҳлуи ҳамдигар китф ба китфу дар як сафанд.

Агар ба ҳам печанд, мешаванд як му́ште, ки душмани аз он наметарсидагӣ нест.

Ба ин сабаб, агар касе аз мо пурсад, ки «ҳолат чун аст?» ё «корҳо чӣ хел?» мо қомати сарангуштро рост карда, сари ангуштони дигарро ба зери пои ӯ ба таъзим қат намуда мегӯем:

– Ана ин хел!

Яъне, ки кори мо ва ҳоли мо хеле нағзанд!

*Адаш Истад*

**Супориш:**

1. Бародарон баъди хӯрдани ош чӣ кор карданд?
2. Шабона ба хона кӣ медарояд ва бародарон чӣ кор мекунанд?
3. Дар поён дуздро кӣ интизор буд?
4. Чаро бародарон аз Бузург узр хостанд?
5. Бародари калонӣ чӣ ҷавоб дод?
6. Чаро мегӯянд, ки панҷ ангушт баробар нест. Агар онҳо ҷамъ шаванд, ба чӣ табдил меёбанд?
7. Пандро аз ёд кунед.

**Чун ҷамъ шаванд панҷ ангушт,**
**Гарданд ба фарқи душманон мушт.**
**Ҳар панҷ зи ҳам ҷудо бимонад,**
**Ҳар тифл шикастанаш тавонад.**

## ЧИСТОН

**Ду модар ҳар яке**
**Бо панҷ фарзанд.**

## ДАРСИ 4

**Машқи 204.** Матни «Дар як саф»-ро бори дигар хонда, бинед, ки калимаҳои ба, аз, дар, бо чӣ тавр навишта шудаанд?

Калимаҳои ба, аз, дар, то, бо пеш аз калимаҳо меоянд... Аз ин сабаб онҳо пешоянд номида мешаванд. Пешояндҳо аз калимаҳои дигар ҷудо навишта мешаванд. Мисол ба хона, дар хона, то хона, аз хона, бо бародарам...

**Машқи 205.** Ҷумлаҳои зеринро нависед, ба зери пешояндҳо хат кашида гӯед, ки онҳо пеш аз кадом калимаҳо омадаанд?

1. Алишер бо бародараш дар як мактаб мехонад.
2. Аз хона то мактаб роҳ дур нест.

**Машқи 206.** Ҳодисаи зеринро хонед ва мазмунашро нақл намоед.

## ШУҶОАТИ ҶУМЪА

Ҷумъа ба молҳо хӯрок медод. Нохост садои баланде шунида шуд, ба тарафи садо нигариста, якбора дар ҷояш шах шуда монд: тақрибан сад метр дуртар чор гург меомаданд. «Эҳ, чаро падарам ба қишлоқ рафтанд -а? – афсӯс хӯрд вай. Вале худро гум накард. Тозон ба хона даромада, милтиқи падарашро гирифта баромад. Гурги якум бо як ҷаҳиш худро болои девори оғилхона гирифт. Аммо ба оғилхона даромада натавонист: ҷисми беҷони он аз тири ин писарбачаи нотарс ба замин афтид. Се гурги дигар тарсида гурехтанд. Ҳамин тавр, Ҷумъа молҳои ҷамъиятиро аз хатар эмин дошт.

**Супориш:**

Мазмуни матнро нависед ва ба зери пешояндҳо хат кашед.

## ДАРСИ 5

# ПУШАЙМОНӢ

Овардаанд, ки дар замони қадим подшоҳи шикордӯсте буд ва ин подшоҳ бозе дошт, ки ба як парвоз Симурғро аз қуллаи кӯҳи Қоф фуруд меовард. Подшоҳ ин бозро хеле дӯст медошт ва пайваста ба дасти худ ӯро тарбият мекард.

Рӯзе малик он бозро гирифта, ба шикор рафта буд. Оҳуе аз пеш бархост ва малик аз паи ӯ битохт, аммо оҳуро наёфта, аз ҳамроҳони худ ҷудо афтод. Гурӯҳе аз хизматгорон дар паи ӯ метохтанд, аммо малик чунон гарм меронд, ки ҳатто бод аз паи ӯ расида наметавонист.

Дар аснои ин ҳол оташи ташнагӣ шӯъла мезад. Малик обҷӯён атрофи дашту саҳро мепаймуд. Ногоҳ ба домани кӯҳе расид ва дид, ки аз болои он оби зулоле мечакад. Малик қадаҳеро берун оварда, ба зери кӯҳ омад. Об, ки қатра-қатра мечакид, дар он ҷом ҷамъ кард. Чун пур шуд, хост, ки аз он бинӯшад. Боз пар бизад ва оби ҷомро ба тамом бирехт. Подшоҳ аз он ҳаракат кӯфтахотир гашта, бори дигар ҷом зери кӯҳ дошт, ҷом аз нав пур шуд, хост, ки ба лаб расонад. Дигарбора боз ҳаракате кард ва об бирехт. Шоҳ бозро бикушт...

Рикобдор болои кӯҳ баромад. Дид, ки чашмае воқеъ гардидааст, аммо аз он қатраи об ба чанд ҳасрат берун меояд ва аждаҳое бар лаби он чашма мурда хобидааст. Ҳарорати офтоб ба аждаҳо асар карда, луоби заҳромез ба оби он чашма омехта шуда, қатра-қатра аз кӯҳ мечакид. Даҳшат ба рикобдор ғалаба кард. Саросема аз кӯҳ поён омад ва сурати ҳол ба подшоҳ арз намуд. Подшоҳ асли воқеаро шунида, ашки ҳасрат рехт ва гуфт:

«Сад дареғо, ки чунин ҷонвари азиз[illegible] бечон кардам».

Рикобдор гуфт:

– Эй шоҳ, ин боз балои азимро аз [illegible]у боздоштааст. Беҳтар он буд, ки шоҳ дар куштани он таъҷил намекард, оташи ғазабро ба оби ҳилм таскин медод.

Шоҳ ҷавоб дод:

– Ман аз ин ҳаракати худ пушаймонам. Ҷароҳати ин маломат ба ҳеҷ марҳам даво намеёбад ва то зинда хоҳам буд, доғи ин ҳасрат бар сина хоҳам дошт.

*Ҳусайн Воизи Кошифӣ*

**Савол ва супориш:**

1. Барои чӣ подшоҳ бози шикории худро кушт?
2. Аз чӣ сабаб подшоҳ аз куштани боз пушаймон шуд?
3. Гуфтаҳои рикобдор ва шоҳро аз ёд намуда, дар нақши онҳо бозӣ кунед.

## ДАРСИ 6

**Машқи 207.** Сарсатри аввали матни «Пушаймонӣ»-ро нависед ва ба зери пешояндҳо хат кашед.

**Машқи 208.** Хонед. Мазмунро нақл намоед. Пешояндҳоро номбар кунед ва гӯед, ки онҳо пеш аз кадом калимаҳо омадаанд?

### ИЗИ ПОИ ГУНҶИШК

Боре Манзура дид, ки гунҷишкаке дар рӯи барф нишаста, бо минқоракаш нонрезаи афтодаеро гирифту «фиррӣ!» парида рафт. Манзура дергоҳ, табассумкунон ба гунҷишкаки дар шохи дарахт нишаста ва пойҳои ӯ нигарист. Баъд дар дилаш хоҳише пайдо шуд, ки изи гунҷишкакро дар матои сафед дӯзад.

Ӯ дар дарси меҳнат пинҳонӣ аз ҳама ба кор сар кард. Вале... муаллима аз мақсади духтарак огоҳ шуда, ба ӯ ёрӣ расонд. – Мана, ин навъи кӯкзаниро изи «гунҷишк» меноманд, – гуён ӯ дар рӯи матоъ сӯзанро чанд навъ зада, изи бисёри гунҷишк ҳосил кард.

**Машқи 209.** Хонед, гӯед, ки шумо нонрезаҳоро чӣ кор мекунед? Матнро рӯбардор намуда, зери пешояндҳо хат кашед.

Амаки Ҷӯрабой чизи аз замин бардоштаашро пуф карда, тоза карда, ба ман нишон дод. Дар кафи ӯ нонрезае буд, ки танҳо дар мавриди бодиққат ба замин нигоҳ кардан онро дидан мумкин мегардид. Чашмони хашмгини амаки Ҷӯрабой мегуфтанд, ки нонрезаро надида, аз болояш гузашта рафтан, гуноҳ аст.

*Раҷаб Амонов*

## ДАРСИ 7

# ХИЗМАТИ ХИРСОНА

Як боғбон буд. Вай муддатҳо ба хелҳои зироату дарахтон машғул гардида, умри азизи худро дар бунёди боғу бӯстон сарф намуда буд. Ӯ боғи зебо ва пурмевае дошт. Боғбон на марги падарро медонист, на ғами фарзандро, рӯзғор ба танҳоӣ мегузаронд. Рӯзе аз ваҳшати танҳоӣ ба танг омада, бағоят малул шуд.

Алқисса, аз аламӣ танҳоӣ озурдахотир гашта, ба дашт рафт ва дар домани кӯҳе сайр менамуд. Иттифоқо, хирсе зиштсират, қабеҳсурат, нопоктинат низ ба сабаби танҳоӣ аз фарози кӯҳ рӯ ба нишеб ниҳода буд. Баробари мулоқот намудан аз ду тараф силсилаи муҳаббат дар ҳаракат омад ва дили боғбон ба сӯҳбати хирс моил гардид. Хирси нодида ишораҳои марди деҳқонро мушоҳида намуда, ба куллӣ вобастаи сӯҳбати ӯ шуд ва ба андак ишорате сар дар паи ӯ ниҳода, ба он боғи биҳиштосо даромад. Ба инъом ва ташрифи он меваҳои латиф дӯстӣ дар миёни онҳо маҳкамтар шуда, бехи ниҳоли муҳаббат дар замини дили ҳар як мустаҳкам гашт. Ҳаргоҳ, ки боғбон аз ғояти сустӣ ва мондашавӣ дар сояе сар ба болини роҳат мениҳод, хирс аз рӯи дилсӯзӣ ба сари болини ӯ нишаста, пашшаҳоро аз рӯи ӯ меронд.

Рӯзе аз рӯзҳо боғбон ба одати ҳаррӯза дар сояи дарахте хобида буд. Магаси (пашшаи) бисёре ба рӯи ӯ ҷамъ шуданд. Хирс ба магасронӣ машғул буд. Вале ҳарчанд пашшаҳоро меронд, боз зиёдтар меомаданд ва ба сару рӯи боғбон ҷамъ мешуданд. Хирс ошуфта шуда ва санге ба қадри бист ман бардошта, ба қасди он ки пашшаҳоро мекушад, ба рӯи боғбони бечора зад. Пашшаҳо ба ҳар тараф париданд ва онҳоро осебе нарасид, аммо сари боғбон ба хок яксон шуд. Аз ин ҷо, бузургон гуфтаанд, ки ба ҳар ҳол душмани доно аз дӯсти нодон беҳтар аст.

*Ҳусайн Воизи Кошифӣ*

**Савол ва супориш:**

1. Чаро боғбон рӯ ҷониби дашт ниҳод?
2. Сабаби бо ҳам дӯст шудани боғбону хирс дар чист?

3. Ба боғбон чӣ фалокат рӯй дод?
4. Гуфтаи бузургон: «душмани доно аз дӯсти нодон беҳтар аст»-ро шарҳ диҳед.

## ДАРСИ 8

**Машқи 210.** Матнро хомӯшона аз назар гузаронед ва ҷонишинҳоро дар як қатор, пешояндҳоро дар қатори дигар нависед.

Намуна:
Ҷонишинҳо: ӯ, вай, ... Пешояндҳо: ба, ...

**Машқи 211.** Бо таркибҳои бо минқораш, ба гунҷишкак, дар матои сафед, бо изи пои ҷонварак, дар рӯи матоъ ҷумлаҳо тартиб диҳед ва нависед.

Ҷумлаи зеринро шарҳ диҳед: Муаллима аз мақсади Қодир огоҳ шуд.

**Машқи 212.** Хонед. Мазмуни матнро нақл намоед.

### СУРАТИ РӮДАКӢ

Пирамард лаҳзае абрӯ чин карда, хомӯш монд. Инъомҷон ҳар боре, ки бобояшро дар ин вазъият бубинад, ӯро ба Рӯдакӣ монанд мекард. Риши сафедашон шаршара барин ба рӯи сина рехтагӣ, сарашон баланд, пешониашон пуроҷинг, дар ҳақиқат Рӯдакии зинда! Як рӯз Инъомҷон сурати бобояшро кашид. Ба сурати Рӯдакӣ монанд шуд. Муаллим ҳам сурати Рӯдакӣ гуфтанд.

### Супориш:

Матнро рӯнавис намуда, зери пешояндҳо хат кашед ва онҳоро шарҳ диҳед.

## ДАРСИ 9

### ЗУЛМ ОҚИБАТ НАДОРАД

Дар як биёбон чоҳе буд. Дар он чоҳ ғукони зиёде зиндагӣ мекарданд. Ғукон малике доштанд – номаш Шопур. Шопур

бофаросат, вале хеле золимпеша буд. Ғукони дигар аз зулму ҷабри Шопур ба танг омада, маҷлис оростанд ва ӯро аз сари давлат дур сохтанд ва ба ҷояш ғуки дигарро таъйин намуданд.

Шопур аз молу мулк дур шуд ва аз фарзандону аёл ҷудо афтод ва якбора музтару бечора гашт. Ӯ ҳамеша фикр мекард, бо кадом роҳ аз ғукон қасос бигирад. Ниҳоят, ба хулосае омад, ки ягон душмани зӯр ёфта, дарди дил кунад. Ҳамин гуна душман мор буд, зеро мор ҳамеша ғуконро шикор мекунад ва мехӯрад.

Дуртар аз он ҷоҳ море зиндагӣ мекард, хеле бадҳайбат ва аждарсифат. Шопур бар дари сӯрохи мор рафт ва нарм-нарм овоз додан гирифт. Мор гуфт:

– Ин овози ҷинси мо нест. Ҷинси дигар бар мо баҳри чӣ ояд? Мор сар аз сӯрох берун кард, ғӯке дид истода. Мор бихандиду пурсид:

– Эй, ғук, ин чӣ далерист, ки кардаӣ ва чӣ ҷасорат аст, ки намудаӣ? Ту медонӣ, ки ғукон ҳамеша тӯъмаи моронанд, бар дари мор чӣ гуна ояд ва худро ба пои худ чӣ гуна ба душман диҳад?

Ғук гуфт:

– Сухан ҳамин аст, ки ту мегӯӣ ва ин ҳақ асту рост. Аммо чӣ кунам, ки ҳоҷатмандам ва барои баровардани ҳоҷати худ назди ту омадаам.

Мор гуфт:

– Он ҳоҷат кадом аст? Шопур наздиктар омаду гуфт:

– Ман амири ғукон будам. Душманон омаданду маро аз вазифа гирифтанду мамлакати маро ба дигаре доданд ва ман ба ин хорию зорӣ гирифтор шудам. Инак, пеши ту омадам, ки душманони маро нобуд созию мамлакати маро ба ман баргардонӣ.

Мор гуфт:

– Эй Шопур, ман фикр мекунам, ки ту бар халқат ранҷ кардаӣ ва зулмро шиори худ сохтаӣ. Магар намедонӣ, ки зулм оқибат надорад. Аммо имрӯз ту мазлумӣ. Ҳоҷати мазлумон баровардан корест савоб.

Пас мор аз сӯрох баромад ва ғукро дар канор гирифт ва ҳар ду аҳди дӯстӣ бастанд. Мор ғукро гуфт:

– Бо ман биё ва он ҷоҳ ба ман бинамо ва бубин, ки дар он ҷоҳ чӣ оташе мезанам ва чӣ хунрезӣ мекунам.

Мору ғук ба он чоҳ рафтанд. Мор мисли ресмон дароз шуд ва дар як замон то қаъри чоҳ расид. Ғавғо ва фиғон аз ғукон баромад. Мор чанд рӯз он ҷо монда, ҳама ғуконро бихӯрд. Дар чоҳ Шопур монду ақрабои ӯ. Як рӯз мор назди Шопур омаду гуфт:

– Эй ёри азиз ва эй азизи ботамиз, чоҳ аз ғукон холӣ шуд. Ман гуруснаам. Зуд барои ман хӯроке муҳайё бисоз ва меҳмони худро гурусна магузор.

Шопур фаҳмид, ки аз ин сухан ғарази мор чист, гуфт:

– Ту ҳоҷати мани мискинро баровардӣ ва савоб гирифтӣ. Беҳтар ин аст, ки аз ин ҷо ба сӯрохи худ равӣ ва бо аҳли худ бипайвандӣ.

Мор гуфт:

– Ҳай-ҳай, ин гапҳоро магӯ. Ман бо ту аҳди дӯстӣ кардаам. Дигар аз ин ҷо намеравам ва туро танҳо намегузорам.

Шопур фаҳмид, ки хато кардааст. Як рӯз не, як рӯз мор ӯро ҳам мехӯрад. Назди мор омад ва гуфт:

– Эй ҳоҷатбарори мазлумон, дар ин чоҳ дигар ғук намонд. Дар ҳамин наздикиҳо чоҳи дигарест пур аз ғук ва моҳӣ. Агар иҷозат диҳӣ, он ҷо равам ва онҳоро бо фанду фиреб ин ҷо биёрам, то ки дастархони ту пурнозу неъмат бошад.

Мор гуфт:

– Корест хуб. Бирав ва биёр.

Шопур бо ғаму андӯҳ ва дидаи пурашк аз чоҳ – ватани бобоӣ берун рафт ва дур аз хешу табор аз олам чашм пӯшид.

*Зиёуддини Нахшабӣ*

### Саволҳо:

1. Аз чӣ сабаб ғукон Шопурро аз подшоҳӣ ронданд?
2. Шопур барои аз ғукон қасос гирифтан ба чӣ хулоса омад?
3. Баъди дар чоҳ ба ғайр аз Шопур ва хешонаш ягон ғук намондан мор чӣ хост?

## ДАРСИ 10

## ПАЙВАНДАКИ «ВА»

**Машқи 213.** Бо мисолҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед ва нависед:

Сафар ва Шариф, хирс ва деҳқон, мор ва уқоб, мехонад ва менависад. Намуна: Хирс ва деҳқон бо ҳамдигар ҷӯра шуданд.

**Машқи 214.** Матни зеринро рӯбардор кунед. Гӯед, ки калимаи ва аз калимаҳои дигар чӣ хел навишта шудааст.

Дузде дар шаб хонаи фақире меҷуст. Фақир аз хоб бедор шуд ва гуфт:

– Эй мардак, он чӣ ту дар торикӣ меҷӯӣ, мо дар рӯзи равшан меҷӯем ва намеёбем.

*Убайди Зоконӣ*

**Машқи 215.** Хонед. Мазмуни ҳикоячаро нақл кунед.

Писари як марди обрӯманд ва бузургвор бар гурӯҳе мардумон даровехт ва ҷанҷол кард. Одамон назди падараш омаданд ва аз ӯ шикоят карданд. Падар хост, ки писарашро ҷазо диҳад. Писар гуфт:

– Эй падар, ман аз беақлӣ ва бехирадӣ гуноҳе кардам, ту, ки бохирадӣ, чаро маро ҷазо медиҳӣ? Падарро ин гап хуш омад ва писарашро авф кард.

*Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ*

**Супориш:**

1. Матнро рӯбардор намуда, зери пайвандаки «ва» хат кашед.
2. Таркиби калимаҳои «беақлӣ», «бохирадӣ»-ро ҷудо намоед.

## ДАРСҲОИ 11–12

## МӮРЧА ВА ПАШША

Дар зери шипанги барҳаво рӯи дастархони пур аз нозу неъмат пашшае аз лаълӣ ба лаълӣ нишаста, шираю шарбат мечашид. Нохост чашми пашша ба мӯрчае афтод, ки нонрезаи рӯи дастархонро кашолакунон мебурд. Пашша лаби пиёлаи пури мураббо нишаста, бо ғурур гуфт:

– Эҳ, мӯрчаи бечора! Азобат зӯр! Аз аввали баҳор то худи зимистон аз меҳнат сар намебардорӣ. Ҳамин ҳам зиндагӣ шуд?

Маро бин, ғами дунё надорам. Гули хӯрок мехӯрам ва шираву шарбат мечашам.

Мӯрча аз гапҳои пашша ранҷида бошад ҳам, сир бой надод.

– Чӣ илоҷ, одати мо ҳамин, – бо мулоиматӣ ҷавоб дод мӯрча, – бо меҳнати ҳалолу арақи ҷабин ризқу рӯзиамонро ҷамъ мекунем.

– Меҳнати ҳалол ҳамин бошад, аз ҳафт маҳаллаш безорам, ҳа-ҳа-ҳа, – тамасхур кард пашша ва акнун паридани буд, ки ногоҳ пояш лағжида, ба шира часпида монд.

Ин вақт писарбачае ҳозир шуда, пашшаро аз даруни мураббо гирифта, ба замин зад. Пашша аз зарби сахт дигар наҷунбида монд.

– Ана, оқибати кайфу сафои бемеҳнат, – ба пашша дилаш сӯхта гуфт худ ба худ мӯрча ва нонрезаро кашолакунон ба роҳаш рафт.

**Савол ва супориш:**

1. Пашша чӣ кор мекард?
2. Вай ба чӣ вохӯрд?
3. Пашша ба мӯрча чӣ гуфт?
4. Мӯрча чӣ ҷавоб дод?
5. Оқибати воқеа бо чӣ анҷомид?
6. Мазмуни матнро навишта, зери калимаи ва хат кашед.

Калимаи «ва» пайвандак мебошад. Пайвандаки «ва» монанди пешояндҳо аз калимаҳои дигар ҷудо навишта мешавад. Пайвандаки ва калимаҳоро дар ҷумлаҳо мепайвандад.

Расул ва Акрам, обрӯманд ва бузургвор.

**Машқи 216.** Хонандаи мактаби рақами 53 шаҳри Душанбе Назокат Талбакова дар мавзӯи «Модари меҳрубони ман» иншое навишта, дар баъзе мавридҳо ба ҷои калимаҳо нуқтаҳо гузоштааст. Матнро хонда, ба ҷои нуқтаҳо калимаҳои зарурӣ гузоред ва нависед:

Модари ман муаллима аст. Ӯ қаҳрамон нест, лекин кор, рафтор, гуфтори ӯ барои ман намуна мебошад. Модарам инчунин дар мактаб раиси иттифоқи касаба мебошад. Вай аз вазъияти зисту зиндагонии хонандагон... саломатии муаллимон хабардор шуда меистад.

Модар шахси муқаддас мебошад. Барои ҳар як шахс номи модар аз ҳама азиз... шарафи вай аз ҳама авлотар мебошад, зеро сарчашмаи вуҷуди инсон модар аст.

## ДАРСИ 13

### САЛЛАЮ ҶОМАИ ОШХӮРӢ

Афандӣ бо ҷомаи фақиронаи худ ба тӯйе рафт. Дар тӯйхона ӯро ба пешгоҳ роҳ надоданд. Дар айвоне ҳамроҳи фақирон шинонданд. Барои пешгоҳнишинон ошҳои сергӯшту серравған оварданду ба пеши фақирон, аз ҷумла, ба пеши Афандӣ оши саркути сардшудаи бегӯшт ниҳоданд.

Афандӣ ба ош даст нарасонда, аз ҷо хест. Аз тӯйхона рост ба бозори ҷома рафт. Аз он ҷо як саллаю ҷомаи боҳашаматро киро кард. Дасторро монанди муллоён басту ҷомаро пӯшида оҳиста-оҳиста қадам монда, боз ба тӯйхонаи мазкур омад.

Соҳибони тӯй ин дафъа Афандиро «марҳамат кунед – марҳамат кунед!» гӯён ба пешгоҳи хона гузаронданд. Дар табақи лангарӣ палави сергӯште оварда, аввал ба пеши Афандӣ гузоштанд.

Ҳама машғули ошхӯрӣ шуданд. Аммо Афандӣ остини ҷома ва фаши саллаашро ба рӯи табақи палав оварда:

– Марҳамат кунед, гиред, – гуфтан гирифт. Меҳмоне пурсид:

– Афандӣ, ба кӣ гап мезанед?

– Ба саллаю ҷомаам! – гуфт Афандӣ. – Ин ҳама иззату ҳурмат аз они ҳамин саллаю ҷома аст. Бинобар ин ошро бояд аввал ҳаминҳо хӯранд...

*Убайди Зоконӣ*

**Савол ва супориш:**

1. Афандӣ ба куҷо рафт?
2. Ӯро дар куҷо шинонданд ва бо чӣ зиёфат карданд?
3. Афандӣ чӣ кор кард?
4. Дафъаи дуюм ӯро чӣ тавр пешвоз гирифтанд?
5. Афандӣ ба саволи «ба кӣ гап мезанӣ?» чӣ ҷавоб дод?

## ПИЁЗ

Яке боғаш рафт. Дид, ки дузде пиёз баста, пушт карда, мебарад. Гуфт:

– Дар ин боғ чӣ кор дорӣ?

Гуфт:

– Ба роҳ мегузаштам, ногоҳ бод маро дар боғ андохт.

Гуфт:

– Чаро пиёз баркандӣ? Гуфт:

– Бод маро мебурд, даст ба бехи пиёз мезадам, аз замин бармеомад.

Гуфт:

– Мусаллам, кӣ гирд кард ва пуштвора баст?

Гуфт:

– Валлоҳ, ман низ дар ин фикр будам, ки омадӣ.

*Убайди Зоконӣ*

## ДАРСИ 14

**Машқи 217.** Матни зеринро хонед, мазмунашро ҳикоя кунед ва гӯед, ки пайвандаки «ва» кадом вазифаро анҷом додааст?

## ҶОМАИ ХУД МЕХОҲАМ

Яке аз шоирон пеши сардори дуздон рафт ва ӯро таъриф кард. Амири дуздон фармуд, то ҷомаашро кашида гиранд ва аз деҳ бадар кунанд. Мискин бараҳна ба сармо ҳамерафт. Сагон дар қафои ӯ афтоданд. Хост то санге бардорад ва сагонро дафъ кунад. Замин ях баста буд. Оҷиз шуд. Гуфт:

– Ин чӣ ҳаромзода мардумонанд, сагро кушодаанд ва сангро баста!

Амири дуздон аз болохона бидид, бишунид ва бихандиду гуфт:

– Эй ҳаким, аз ман чизе бихоҳ!

Гуфт:

– Ҷомаи худ мехоҳам, агар инъом фармоӣ.

**Машқи 218.** Хонед. Нақл кунед, ки пирамард ба писараш чӣ насиҳат кард? Баъд матнро рӯбардор карда, ба ҷои нуқтаҳо калимаҳои заруриро гузоред.

Як пири дунёдида ... писараш, ки ба сафар мебаромадааст, чунин насиҳат кардааст.

– Барои наздик шудани роҳи дур ... лаҳлуят бояд дӯстат бошад. Агар чунин рафиқи нағз наёбӣ ... дастат бояд асо дошта бошӣ. Агар роҳ обод, наздик ...ё дур бошад ҳам боке нест. Лекин наздик шавад гуфта, ... роҳи нообод нарав. Ғайр аз ин кӯшиш кун, ки ҳаво торик нашуда ... манзил расида гирӣ.

**Машқи 219.** Матни зеринро хонед, мазмунашро нақл намоед.

## МЕВАҲОИ «МЕҲМОН»

Дар бораи давобахш будани анҷир бисёр гуфтан мумкин. Дар ин ҷо ҳам анҷири сиёҳ ва ҳам анҷири калон парвариш меёбад. Ин дарахти басо гармидӯст дар Қалъаихум макони худро ёфтааст. Тутзори ин мавзеъ ҳам аз анҷиру анорзор кам нест. Тут ҳам мева ва ҳам нон аст, мегӯянд одамон. Солҳои душвори қаҳтӣ ин меваи аҷоиб одамонро моҳҳои дарози баҳору тобистон аз марг нигоҳ доштааст. Одамон аз тут ширинӣ ва ҳатто ҳар гуна хӯрок мепӯхтаанд... Дар Роғак ҳоло «меҳмон»-ҳо ҳам ҳастанд. Инҳо пеш аз ҳама лимӯву мандарин ва афлесун мебошанд. Пас аз чанд вақти нигоҳубин маълум шуд, ки ин ниҳолҳоро дар шароити Дарвоз дар ҳавои кушод парвариш кардан мумкин аст. Ҳоло дар ин ҷо лимӯҳое месабзанд, ки вазни ҳар донаашон то 750–800 грамм мешавад.

**Супориш:**

1. Бо ибораҳои «моҳҳои дароз» ва «ҳавои кушод» ҷумла тартиб диҳед ва нависед.
2. Аз матн ва ҷумлаҳои навиштаатон ҷонишинҳо, пешояндҳо ва пайвандакҳоро ҷудо карда нависед.

## ДАРСИ 15

# БОЗ, ҶУҒЗ, ЗОҒ, РӮБОҲ ВА КАБК

Рӯзе аз рӯзҳо бозе аз ошён боли парвоз кушода баланду пасти ҳар самтро аз назар мегузаронд, то ин ки ҷуғзеро дар девори паст дид. Боз бо шаст худро поён партофт ва ҷуғзро асири сарпанҷаи худ кард ва хост синаашро бишкофад ва як луқмаи хомаш кунад. Ҷуғз гирёну нолон гуфт:

– Эй шоҳбози арсаи баландпарвоз, агар маро нахӯриву каме сабр кунӣ, хушхабаре ба ту бигӯям.

– Бигӯ, – розӣ шуд боз. Ҷуғз гуфт:

– Имрӯз ман ба сарпанҷаи ту афтодам. Мисли ҳамин, чанд рӯз пеш гунҷишкаке ба сарпанҷаи ман афтода буд. Хостам, ки дарҳол бихӯрам ва аз дарди гуруснагӣ биёсоям. Гунҷишкак зорикунон гуфт:

– Маро накуш ва аз як қатра хунам даргузар, ки ман чанд бачаи хурд дорам. Агар ман зинда монам, парандагон ба ту мукофот хоҳанд дод.

Ман ӯро наҷот додам ва то шом ташнаю гурусна мунтазири мукофот нишастам. Чун шом шуд, махлуқе ба мисли симурғ бар фарози харобаи масканам аз ҳаво бар ман гуфт:

– Эй ҷуғз, макони ман, дар авҷи аълост ва ҳар некие, ки одамону парандагону чарандагон дар рӯи замин ба якдигар мерасонанд, ман ...ба он некӣ мекунам. Имрӯз дидам, ки ту гунҷишкакеро аз чанголат ...ардӣ. Инак, барои ту ду кабк ва огоҳ бош, ки ҳар шаб ду кабк ...биҳишт дар ин макон оварда, ба ту тақдим мекунам.

...р он лаҳза яке аз он кабкҳоро хӯрдам. Гӯшти кабк чунон ... буд, ки то кунун чунин гӯшти болаззатро нахӯрдаам. Эй, ... далер, агар ту хунам бирезӣ, аз ҷисми лоғару заифи ман ... гӯшт пайдо намекунӣ, ки тасалло ёбӣ. Беҳтараш, агар ту ...аҳо кунӣ, аз он кабкҳо ҳамарӯза якеро ба ту бахшам.

### Савол ва супориш

1. ...ӯзе боз чиро асир кард?
2. ...уғз гирёну нолон аз боз чиро зориву тавалло намуд?
3. Ӯ ба боз чӣ ваъда дод?
4. Иборахои исму сифатро нависед.

## ДАРСИ 16

### ҶУМЛА

**Машқи 220.** Ҷумлаи зеринро ислоҳ намуда нависед. Гӯед, ки ҷонишинҳои ман, ту ба ҷои кадом исмҳо омадаанд? Ба сарпанҷаи ту ман афтодам имрӯз.

**Супориш:**
Матни навиштаатонро хонед ва гӯед, ки он аз чанд ҷумла иборат аст?

**Машқи 221 – 222.** Хонед. Дар вақти навиштан нуқтаҳоро гузоред ва аввали ҷумлаҳоро бо ҳарфи калон нависед.

Давраи паррончак кардани чӯҷаҳо расид. Чор-панҷ фохта рӯзе чанд бор паси ҳам ба лона парвоз карда меомаданду бо чӯҷачаҳо бозӣ мекарданд. Баъд фохтаота бачагонашро бо нӯли худ нихта карда – нихта карда, аз лона ба навда ва аз навда ба лона меронд. Падар фарзандонашро бодиққат ба парвоз тайёр мекард.

## ДАРСИ 17

### КАБКИ БИҲИШТ

Боз гуфт:

– Эй ҷуғз, ин ҳама найранг аст. Мехоҳӣ, ки ба ин васила а чангам берун равӣ. Бузургон гуфтаанд: чун хасм ба чанг афтад ҳаял накун ва ба ваъдаи дурӯғаш хотир набояд гумошт. Бинобар он, ман ба гапҳою ваъдаи ту бовар надорам.

– Ба ҳар чӣ гӯӣ, қасам мехӯрам, – ҷавоб дод ҷуғз. – Ман пеши ту ғайр аз ростӣ чизе нагуфтаам.

Боз ба умеди кабки биҳишт аз рӯи синаи ҷуғз бархост. Ҷуғз дарҳол худро ба даруни лонааш кашид. Чанде баъд ба худ омад ва дид, ки боз ҳанӯз ҳам ба умеди кабки биҳишт бар дари сӯрох нишаста ва дил ба он ваъдаи хом баста. Ҷуғз гуфт:

– Эй боз, он чиз, ки ман ба ту ваъда карда будам имрӯз ба даст намеояд. Сабаб ин аст, ки ҳамаи хешону таборонам имрӯз хабар

ёфтаанд, ки ман ба чанголи ту афтодаам. Ҳама ба кулбаи маҳзунам омада, дар ҷӯшу хурӯши таъзияи ман буданд. Чун маро ба саломат диданд, ҷумла сар ба саҷдагоҳи дуои ту гузошта, хуррамиҳо намуданд ва кабкеро, ки бояд меоварданд, худашон сарф кардаанд. Имрӯз шумо хона равед, фардо биёед, албатта, кабкҳоро меоранд. Боз пурсид:

– Ақрабои ту аз кадом дар берун хоҳанд рафт? Ҷуғз ҷавоб дод:

– Эй шоҳбоз, шумо абас интизори онҳо мекашед. Равшан аст, ки ҳар гоҳ ба сари яке ҳодисае ояд, дигаронро таҷриба шавад. Аз ҳодисае, ки имрӯз ба ман рӯй дод, дигарон эҳтиёт мекунанд ва дар ғафлат намемонанд.

### Саволҳо:

1. Боз ба ҷуғз чӣ гуфт?
2. Ҷуғз чӣ ҷавоб дод?
3 Вақте ки ҷуғз озод шуд, чӣ кор кард?
4. Вай ба боз, ки дар интизори кабки биҳишт буд, чӣ гуфт?
5. Ҷуғз дар хусуси наздиконаш чӣ гуфт?

## ДАРСИ 18

**Машқи 223.** Калима ва ҷумлаҳои зеринро муқоиса намоед.

| Калимаҳо | Ҷумлаҳо |
|---|---|
| **1. Падар, Шамсия, корхона, дар, кор, мекунад.** | **1. Падари Шамсия дар корхона кор мекунад.** |
| **2. Модар, мева, табақча, ба, гузошт.** | **2. Модар меваро ба табақча гузошт.** |

Калимаҳои алоқаманд ҷумларо ташкил медиҳанд. Дар ҷумла фикр ба охир мерасад.

**Машқи 224.** Калимаҳоро бо ҳам алоқаманд намуда, ҷумла созед ва нависед:

1. Офтоб, нисфирӯзӣ, байн, абрҳо, сафед, баромадан гирифт.
2. Кӯҳсорон, сабза, гул, лабрез, шуданд.
3. Бачагон, фасл, зебо, чидан, гулҳо, мебароянд.

**Машқи 225.** Хонед. Мазмуни матнро нақл кунед.

Ҳалима як даста газетаро таги бағал карда, назди бобояш омад. Аҳмадбобо ба нордбон баромада, мева мечид. Баногоҳ Ҳалима дид, ки море аз таги девор хазида баромада, ба мӯзаи бобояш, ки дар бехи дарахт буд, даромад. Ин ҳолатро Ҳалима ба бобояш хабар дод. Бобо зуд аз нордбон фаромад ва даҳони мӯзаро бо як дасташ дошт, бо пои росташ онро кӯфтан гирифт. Баъд мӯзаро афшонд, аз даруни он мори ало афтид. Мор беҷон буд.

*Пӯлод Толис*

**Савол ва супориш:**

1. Ҳалима ба назди кӣ омад?
2. Ӯ чиро дид?
3. Бобо чӣ кор кард?
4. Мазмуни матнро нависед.

Дар ҳикоячаи навиштаатон аз чанд ҷумла истифода бурдаед? Мо дар бораи ҷумла чӣ медонем?

## ДАРСИ 19

**Машқи 226.** Ҷумлаҳои зеринро мехонем ва таҳлил мекунем:

### БАҲОР

Баҳор омад. Шамоли форам мевазад. Мусичаҳо дар осмони соф парвоз мекунанд.

Ҷумлаи якум – Баҳор омад. Чӣ омад? – Баҳор.

Ҷумлаи дуюм – Шамоли форам мевазад. Чӣ мевазад? – Шамол. Чӣ гуна шамол? – Форам.

Ҷумлаи сеюм – Мусичаҳо дар осмони соф парвоз мекунанд. Мусичаҳо дар куҷо парвоз мекунанд?

– Дар осмон.

Чӣ гуна осмон? – Осмони соф.

– Эй ҷуғз, ман имрӯз ба нияти хӯрдани кабки биҳишт назди ту омадаам. Зуд бош, ки таваққуф ба тӯл анҷомид ва маро имрӯз шуғлҳои дигар зиёд аст. Ҷуғз гуфт:

– Эй шоҳбоз, як лаҳза сабр кунед, то чашми рӯз аз хоби саҳар бикшояд ва бистари тирагии шаб аз арсаи олам ҷамъ шавад.

– Эй ҷуғз, чаро берун намеоӣ, то ба ҳам рӯ ба рӯ сӯҳбат кунем.

– Эй шоҳбоз, – ҷавоб дод ҷуғз, – ман аз падари худ чанд насиҳату васият шунидаам. Афсӯс, ҳар гоҳ ки қадам аз доираи онҳо берун гузоштам ва бар хилофи он роҳ рафтам, дар умри зиндагиам зарарҳо дидам. Яке аз он насиҳатҳо ин аст, ки агар ҳодисаи баде ба сарат ояд ва илоҷе карда аз он халос шавӣ, эҳтиёт бикун, ки бори дуюм ба он гирифтор нашавӣ, зеро агар гирифтор шавӣ, ҳатман хунат мерезад. Дигар ин ки ҳеҷ гоҳ ба қавлу феъли хасм амал накун. Эй боз, мисли мо бечорагон ҳар қадар аз султону амирону зӯроварон дуртар бошем, ҳамон қадар авлотар аст. Боз гуфт:

– Эй ҷуғз, мебинам, ки бо ин гапҳоят аз ман канора меҷӯӣ. Вале бигӯ, ваъдаи кабки биҳишт чӣ шуд? Ҷуғз ҷавоб дод:

– Эй боз, ҳоло рӯз аст ва ман дар ошёнаам чанд бачаи хурдакак дорам. Агар он кабкҳоро биёранд, бачаҳои ман аз рӯи нодонӣ чангу минқор ба он меолоянд. Ман муносиб намедонам, ки нимхӯрдаи онҳоро лоиқи шумо донам. Агар шумо хонаатон рафта, шабона, вақте ки бачаҳо хобанд, биёед, айни мудаост.

**Саволҳо:**

1. Боз бо азобе шабро рӯз карда субҳи барвақт куҷо омад?
2. Ҷуғз бозро дида чӣ гуфт? Боз чӣ даъво кард?
4. Чаро ҷуғз насиҳати падарашро ба хотир овард?
5. Ӯ оид ба кабки биҳишт чӣ баҳона кард?
6. «Хасм риши иштиҳоро шона зад» чӣ маъно дорад?

## ДАРСИ 21

## АЗ РӮИ ҲИКОЯИ «НАСИҲАТИ ПАДАР» НАҚЛИ ХАТТӢ НАВИСЕД

## ДАРСИ 22

Чун боз аз дари сӯрохи ҷуғз дур рафт, ҷуғз худ бо худ андешид: ман бо ин гапҳою бо ин ваъдаҳоям ба сарам бало овардам. Боз душмани пурқувват аст. Ӯ як рӯз не як рӯз аз ман қасд мегирад ва хунамро мерезад. Бузургон фармудаанд: агар кас гирифтори балое шаваду худ ба сарманзили ҷораи он нарасад, ба назди доноёну соҳибақлон биравад ва ба маслиҳати онон гӯш диҳад. Дар миёни тоифаи парандагону чарандагон аз зоғ соҳибшуууртаре нест то ҳанӯз. Бояд назди он соҳибақл биравам ва ҳама ҳодисаро якояк баён кунам. Ҷуғз аз ошёнаш баромада, назди зоғ рафт ва арзи салом кард ва гуфт:

– Эй ҷавҳари сурмаи дидаи тамизу хирадмандӣ, солҳост, ки тӯшакаши роҳи ихлоси туам. Сайёди бадгуҳаре дари сӯрохи ман доми бало гузошта, мехоҳад хуни маро резад. Маро ба ғайр аз сояи ҳимояи ту роҳ ба ҷои дигар нест. Умедворам, ки ба ҳар навъе, ки донӣ ва тавонӣ, ҷонамро аз он балои азим халос кунӣ. Зоғ гуфт:

– Ман тоби панҷаҳои паҳлавони боз надорам, ки биҷангам ва туро халос кунам. Вале бо роҳи тадбир ягон ҷорае меҷӯем. Ман дар беша бо рӯбоҳ ошноям. Ин воқеаро ба ӯ мегӯем. Рӯбоҳ чун дар фанни найрангбозӣ чолоку устод аст, ин балоро рафъ мекунад.

Зоғу ҷуғз ба макони рӯбоҳ рафтанд. Баъди саломи алейк ва аҳволпурсӣ рӯбоҳро аз саргузашти ҳол воқиф сохтанд. Рӯбоҳ гуфт:

– Миннат ба ҷон, ниҳоят, ман ба шеваву тариқаи боз ошно нестам. Намедонам, ки қуввати ҷанги ақлу идроки ӯ ба чӣ мартаба аст. Зоғ гуфт:

– Боз ҷонварест дар камоли шуууру зако, ниҳоят, аз роҳи ҳирс худро пайваста дар доми ҳалокат андозад. Рӯбоҳ гуфт:

– Бас аст, ки ҳамааш маълум шуд. Агар он мурғак, яъне боз тобеи ҳирс асту аз паи ҳирс меравад, метавон ӯро мағлуб кард.

«Ҳирс дар дом афканад бози фалакпарвозро». Ҳоло ба маслиҳати ман гӯш андозед, – гапашро давом дод рӯбоҳ, – ҷуғз, ту ҳар васила, ки тавонӣ, кабкеро аз домани кӯҳу дашт ба ошёнаи худ бибар. Ман низ пеш аз вақт рафта, дар он ҷо ба гӯшае махфӣ ...шавам. Ҳамин ки боз ба талаби кабк омад, кабкро ба баҳонае аз

ошёнаат берун бикун. Боз ҳатман онро шикор мекунад, онгоҳ ман ҷаста сазои бозро медиҳам.

**Савол ва супориш:**

1. Вақте ки боз дур рафт, ҷуғз чӣ андешид?
2. Ӯ назди зоғ рафта чӣ гуфт?
3. Зоғ ба ҷуғз чӣ маслиҳат дод?
4. Рӯбоҳ чӣ маслиҳат дод?

## ДАРСИ 23

**Машқи 230.** Ба саволҳои зерин ҷавоб нависед:

1. Ҷуғз назди чӣ рафт?
2. Зоғ ба ҷуғз чӣ маслиҳат дод?
3. Рӯбоҳ чӣ маслиҳат дод?

**Машқи 231.** Хонед. Гӯед, ки дар матн дар бораи деҳқон чиҳо гуфта шудааст?

### ҶАҲОНРО ХУРРАМӢ АЗ ДЕҲҚОН АСТ

Бачаҳои азиз! Мову шумо дар замони аҷоибе зиндагӣ мекунем. Бароямон ҳама шароит муҳайёст. Зиндагиамон бо сериву пурӣ ва хушиву хурсандӣ мегузарад. Ҳамеша рӯи дастархонамон аз неъмати муқаддас – аз нон сар карда, то дигар хӯрданиҳо пур аст. Оё шумо, бачаҳо, боре фикр кардаед, ки ҳамаи ин нозу неъматҳо аз куҷо меоянд, онҳоро кӣ меофарад?! Сару либосе, ки мо мепӯшем, пеш аз ҳама, аз меҳнати кӣ ба вуҷуд меояд? Ҳамаи он аз меҳнати коркунони хоҷагии қишлоқ – деҳқонону чорводорон ва боғдорон офарида мешаванд. Аз ин рӯ, касби деҳқонӣ аз давраҳои қадим муқаддас ҳисобида мешуд ва ҳама ба он ниёз доштанд. Шоир дар васфи деҳқон мисраъҳои олие гуфтааст:

*Ҷаҳонро хуррамӣ аз деҳқон аст,*
*Аз ӯ гаҳ заръ, гоҳе бӯстон аст.*

**Супориш:**

Ҷумлаеро рӯбардор намоед, ки аъзоҳои он ба саволҳои зерин ҷавоб диҳад:

Кӣ? Дар васфи кӣ? Чӣ гуна? Чӣ кор кардааст?

## ДАРСИ 24

### ҲИЛАИ РӮБОҲ

Ҷуғз рӯбоҳро дуо карда, ба ҷустуҷӯи кабк ба домани даште рафт. Ӯ бо кабке вохӯрда, баъди оини одоб гуфт:

– Эй кабки фархунда ва эй товусбиҳишт, имрӯз ман зан мегирам ва селаи парандагонро ба ошёнаам даъват кардаам, вале ҷои ту холист. Бинобар он худам ба талаби ту омадаам. Дар хонаи ман ҷӯшу хурӯш ва тамошои аҷиб аст. Ҳама шодию хурсандӣ ва нағмасароӣ мекунанд. Чӣ мешавад, ки ба назди меҳмонони ман биёӣ ва бо қаҳ-қаҳи хандаи шакарафшонат димоғи меҳмонони маро масрур гардонӣ?

Кабк чун ин таърифу тавсифро шунид, розӣ шуд ва ҳамроҳи ҷуғз ба хонаи ӯ рафт. Ҷуғз кабкро ба даруни ошёнааш ҷой дод ва худ назди дар нишаст. Кабки бечора даруни хонаи торик нишаста, на садои хурсандиеро шуниду на парандаеро дид. Вай, ки дар ҳавои кушоду зери осмони соф одат карда буд, аз ҷуғз пурсид:

– Эй ҷуғз, селаи мурғону асбоби ҷашн куҷост?

– Ҳама рафтаанд, ки арӯсро биёранд, – ҷавоб дод ҷуғз, – анқариб меоянд ва ҷашн сар мешавад.

Ҷуғз ҳамин тавр кабкро то шом нигоҳ дошт. Чун шом шуд, боз омад. Ҷуғз бозро дида, ба кабк гуфт:

– Эй азиз, ҳама ҷӯраҳоямон дер карданд. Ман ҳоло шуғле дорам. Аз ту хоҳиш мекунам берун баромада ба атроф назар бикун. Шояд бубинӣ, ки арӯсро меоранд ё не.

Кабки бечора бехабар аз ҳилаю найранг аз сӯрохии хона берун баромад. Боз онро гумони кабки биҳишт карда, чанг зада гирифту кушт ва хост бихӯрад. Дар ҳамин вақт рӯбоҳ аз камингоҳ берун баромада, худро нарм-нарм ба боз расонид ва онро гирифта ба

интиқоми хуни кабк ҳалок сохт ва ҳар ду – ҳам бозу ҳам кабкро бардошта, ба ҷуғз гуфт:

– Эй ҷуғз, аз арӯсии ту ҳеҷ кас мисли ман фоида надид.

*Мазмун аз Мирзо Бархурдори Фараҳӣ*

**Савол ва супориш:**

1. Ҷуғз назди кабк омада чӣ гуфт?
2. Вақте ки кабк берун баромад, боз чӣ кор кард?
3. Рӯбоҳ аз камингоҳ баромада чӣ кор кард?
4. Оқибати ҳамаи ин тадбиру ҳила ва найрангҳо ба чӣ анҷомид?

## ДАРСҲОИ 25–26

**Машқи 232.** Ибораҳои зеринро нависед ва савол гузоред.

**кабки фархунда**
**хандаи шакарафшон**
**кабки бечора**
**садои хурсандӣ**
**осмони соф**
**рӯбоҳи маккор**

**Машқи 233.** Бо калимаи «Садое» ҷумла тартиб медиҳем ва таҳлил мекунем.

1. Садое ба гӯш намерасид.
– Чӣ ба гӯш намерасид?
– Садое.
– Садое чӣ кор мекард?
– Намерасид.
– Садое намерасид ба чӣ?
– Ба гӯш.

Аъзоҳои асосие, ки ҷумларо ташкил медиҳанд: садое намерасид.

Аъзои дигар, ки ҷумларо ташкил намедиҳад: ба гӯш.

2. Ҷавонон аз душвориҳо наметарсанд.
Киҳо наметарсанд? – Ҷавонон.
Ҷавонон чӣ кор мекунанд! – Наметарсанд.
Аз чӣ? – Аз душвориҳо.
Ҷавонон наметарсанд аз душвориҳо.
Кадоме аз ин гӯруҳ ҷумларо ташкил кардаанд?

### Супориш:

Ҷумлаи дуюмро таҳлил намуда, аъзоҳои онро ба ду гурӯҳ тақсим намоед.

Мубтадо ва хабар аъзоҳои асосии ҷумла мебошанд.

Мубтадо ба саволҳои – кӣ?, киҳо?, чӣ?, чиҳо?, хабар ба саволҳои чӣ кор мекунад?, чӣ кор кард?, чӣ мешавад? ҷавоб мешаванд.

**Мисол:** Ҷавонон аз душвориҳо наметарсанд.

Киҳо наметарсанд? – ҷавонон – мубтадо.

Ҷавонон чӣ кор мекунанд? – наметарсанд – хабар.

**Машқи 234.** Хонед. Гӯед, ки дар бораи соч шумо чиҳо медонед.

Шумо субҳи офтобӣ ба нағмасароии парандаҳо гӯш андозед. Онҳо аз ҳавои гарм нағмасароӣ мекунанд. Дар моҳи март соч селаи азимеро ташкил менамояд. Соч дар моҳи март аз Тоҷикистон ба тарафи шимол парида меравад. Онҳо дар ҳамон ҷо чӯҷа мебароранд.

### Супориш:

Матнро рӯбардор намуда, ба зери мубтадо як хат ва ба зери хабар ду хати рост кашед.

**Машқи 235.** Хонед. Гӯед, ки дар матн сухан дар бораи киҳо меравад? Аз ҷумлаҳои 5, 7, 8, 9, 10, 11, ва 13 танҳо мубтадо ва хабарҳоро нависед.

## САЛОМ, ОФТОБ!

Субҳ навакак дамидааст. Дар бағали кӯҳсор ду ҷавон танҳоянд. Чор тараф – кӯҳ. Домани кӯҳҳо сабзпӯш. Дар тарафи чап шаршараи баланде мерезад. Дар поён рӯд ҷорист. Аз паси қуллаҳои тарафи муқобил офтоб оҳиста-оҳиста сар мекашад. Вай аз дур чун лаълии заррин метобад. Духтар дар лаби тахтасанге нишастааст. Вай тулӯи офтобро тамошо дорад. Писар дар назди ӯ рост истодааст. Ба назар чунин мерасад, ки ҷавон ҳоло бо тамоми овоз ба офтоб хитоб мекунад ва садои ӯ дар кӯҳҳо аксандоз мешавад: «Салом, Офтоб!» Онҳо субҳи нави худро истиқбол мекунанд.

## ДАРСИ 27

**Машқи 236.** Ҷумлаҳое тартиб дода, нависед, ки дар онҳо исмҳои «бунафша, боғбон ва ҷонишинҳои мо, онҳо мубтадо шуда оянд.

Намуна: Бунафша дар лаби ҷӯй мерӯяд.

Дар ҷумла бештар исмҳо ва ҷонишинҳо мубтадо шуда меоянд.

**Машқи 237.** Хонед ва мазмуни матнро гӯед:

### НОН МУҚАДДАС АСТ

Рӯзе ман аз саҳни мактаб мегузаштам. Талабагон машғули бозӣ буданд. Ногаҳон дар замин нонеро дидам, ки хоколуд буд, онро аз замин зуд бардошта, ба чашм молидам. Вале якбора аз ақиб садои ханда баланд шуда, маро ба ҳолати ногувор андохт. Магар ба бачаҳо муаллимон дар бораи қимати нон сухане нагуфтаанд? Чаро онҳо ханда карданд? Албатта, ин рафторашон нисбат ба нон беҳурматист.

**Супориш:**

Матнро нависед, ҷумлаҳои 1, 2, 5, 6-ро таҳлил намоед ва гӯед, ки кадом ҳиссаҳои нутқ мубтадо шуда омадаанд?

**Машқи 238.** Ҷумлаҳои зеринро хонда дар сутуни якум аъзоҳои асосии ҷумла – мубтадо ва хабар, дар сутуни дуюм аъзоҳои дигари ҷумларо нависед.

1. Мағфират ҳавлиро рӯфт. 2. Талабагон ба сайёҳат тайёрӣ мебинанд. 3. Дар Ватани мо ҳамаи бачаҳо мехонанд.

Намуна:

1. Мағфират рӯфт ҳавлиро.

Аъзоҳои пайрави ҷумла ба саволҳои киро?, чиро?, ба кӣ, ба чӣ? дар куҷо?, ба куҷо?, чӣ тавр? ҷавоб мешаванд.

**Машқи 239–240.** Ба ҷои саволҳо аъзоҳои пайравро гузошта, ҷумлаҳоро нависед:

1. Модари ман (дар куҷо?) кор мекунад. 2. Коргарон (ба кӣ?) муроҷиат менамоянд. 3. Ман (киро?) дӯст медорам. 4. (Кай?) Парандагон (аз куҷо?) бармегарданд. 5. Зебо (чӣ тавр?) рақс мекунад.

ДАРСИ 28

## НЕКОН НАМЕМИРАНД

Абдусалом Ализода аввалин муаллими ноҳияи Норак буда, 31 соли ҳаёти худро ба кори омӯзгорӣ бахшидааст. Дар тӯли ин солҳо ӯ садҳо ҷавононро тарбия намуда, ба камол расонидааст.

Абдусаломи ҷавон соли 1926 мактаби таълиму тарбияи Душанберо бомуваффақият хатм менамояд. Ӯро ба мактаби ибтидоии зодгоҳаш – деҳаи Тутқавули тумани Кангурти ноҳияи Кӯлоб ба вазифаи муаллимӣ таъин намуданд.

Солҳои сиюм гурӯҳи торикфикрон, ҷоҳилон, ки зидди тараққиёти ҷамъияти нав буданд, бо мақсади дастгир намудани муаллимон, ба деҳаҳо ҳуҷум мекарданд. Кадоме аз муаллимон ва равшанфикрон ба даст меафтид, бадани онро зинда ба зинда чок-чок мекарданд, намак пошида, аз тамошои он «ҳаловат» мебурданд.

Пагоҳӣ. Дастаи саворони мусаллаҳ ба мардуми деҳаи Тутқавул ҳуҷум намуда, аз паи дастгир кардани Абдусалом гардиданд. Абдусалом ба даст наафтам гуфта, гурехт. Дар болотари деҳаи Тутқавул осиёбе воқеъ буд. Ӯ ба зери чархи паррадор, ки дар қисми поёнии осиёб ҷойгир аст ва об онро чарх мезанонад, даромада, худро пинҳон кард. Ғоратгарон аз паи кофтукови муаллим вориди осиёб шуданд, вале ӯро наёфтанд. Онҳо аз хашм худро ба ҳар тараф зада: – «Ба даруни осиёб даромаду набаромад. Куҷо шуд? Ӯро осиёб фурӯ бурд?» – гӯён ноумед шуда, баромада рафтанд. Абдусалом аз марг раҳо ёфт.

Дар бозгашт дастаи авбошон бо ду нафар талабаи мактабхон – Абдуллоҳ (муаллифи ин сатрҳо) ва Раҳматуллоҳ, ки дар даст китобу дафтар сӯи мактаб раҳсипор будем, вохӯрданд. Онҳо моро аз роҳ боздоштанд ва ба ашёи таълимӣ ишорат намуда, пурсиданд:

– Ин чист?

– Китоб.

– Кадом китоб?

– Инаш хониш, инаш ҳисоб.

– Инҳоро чӣ кор мекунед?
– Аз китоби хониш мехонем, аз ҳисоб ҳисобро ёд мегирем.
– Ана, инаш – чӣ?
– Ин дафтар.
– Дафтар барои чист?
– Дар дафтар менависем.

Авбоши бадафт аз ҷавобҳои мо дар ғазаб шуда, воситаҳои таълимро, ки он вақтҳо хеле камёфт буд, аз дастамон гирифта дарронд, қаламҳоро шикаст ва таъкид кард, ки дигар ба мактаб наравем...

Хизматҳои бисёрсола ва бенуқсони Абдусалом Ализодаро ба назар гирифта, ӯро бо фармони Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо унвони «Муаллими шоистаи ҷумҳурӣ» сарфароз намуданд. Ӯ инчунин бо орденҳои «Байраки Сурхи Меҳнат», «Нишони Фахрӣ» ва якчанд медалҳо қадр гардида буд. А. Ализода то ба нафақа баромадан вазифаи роҳбарии мактабро ба ӯҳда дошт. Ӯ ғами мардум, беҳбудии тарзи зисти меҳнаткашонро мехӯрд. Ин аст, ки имрӯз ҳам халқ номи ӯро ба некӣ ёд мекунад, хотираашро пос медоранд.

*Абдуллоҳ Алӣ*

**ЛУҒАТ:**

***Туман*** – шӯрои қишлоқ.

**Савол ва супориш:**

1. Абдусалом давраи ҷавониашро чӣ тавр гузарондааст?
2. Дар бораи ҳуҷуми авбошон ба мардуми деҳаи Тутқавул нақл намоед.

## ДАРСИ 29

**Машқи 241.** Ҷумлаи зеринро таҳлил менамоем:

Синфи мо барои тозагӣ мубориза мебарад.

– Чӣ мубориза мебарад?
– Синф – мубтадо.
– Синфи кӣ?

– Синфи мо.
Мо – мубтадоро эзоҳ медиҳад.
– Синф чӣ кор мекунад?
– Муборизa мебарад – хабар.
– Барои чӣ мубориза мебарад?
– Барои тозагӣ.
Ин аъзои пайрав хабарро эзоҳ медиҳад.

**Машқи 242.** Ҷумларо худатон таҳлил карда бинед, ки аъзоҳои пайрав кадом аъзои асосии ҷумларо эзоҳ медиҳанд.

Рақси Ҳиндӣ ба бачаҳо маъқул шуд. Аъзоҳои пайрав дар ҷумла мубтадо ё хабарро эзоҳ медиҳанд.

**Машқи 243.** Хонед. Пеш аз рӯбардор кардан ба ҷои саволҳо аъзоҳои пайрави мувофиқро гузоред.

1. Офтоби (чӣ хел?) баромад. 2. Ман (чиро?) мешӯям. 3. (Кай?) (ба куҷо?) меҳмон омад. 4. Шодӣ (ба чӣ?) мақола навишт. 5. Далер (ба кӣ?) мактуб навишт. 6. (Аз куҷо?) Ҷӯйи (чӣ хел?) мегузарад.

**Машқи 244.** Хонед. Гӯед, ки дар шаҳри Норак гузарондани кадом ид одат шудааст?

Солҳои охир дар шаҳри Норак гузаронидани иди кӯчаю маҳалла одат шудааст. Пеш аз оғози ид майдону кӯчаҳои маҳалла тоза карда мешавад. Маҳсули дасти ҳунармандони кӯчаю маҳалла ба намоиш гузошта шуда, фурӯши китоб, маҳсулоти қаннодиро ташкил мекунанд.

## ДАРСИ 30

## МУҲОРИБАИ ОХИРИН

Душман ба ҳуҷуми навбатӣ тайёрӣ медид. Саидқул лаҳзае фикр кард, ки ӯ дар соҳили рости дарёи Сурхоб ба дунё омадаасту дар соҳили дарёи азим – Днепр бори охирин ҷанг мекунад. Ҳолати вазнине дилашро тазйиқ медод. Саидқул, худатро нигоҳ дор.

Боз бoрони тиру тӯп ба сари муҳофизони аввалини соҳили рости Днепр мерезад. Боз наъраи мотори танкҳо гӯшҳоро кар мекунанд –

боз душманон ба ҳуҷум гузаштанӣ буданд. Ба сари ҳар як ҷанговари зиндамондаи десантчиён даҳҳо нафар душманон рост меомаданд.

Саидқул қундоқи шикастаи пулемёти дастиро ба баногӯшаш зер карда, ба сӯи душмани наздик омада, гоҳ як-то – як-то, гоҳ дуру дароз, чи хеле ки дар ин мавридҳо ба командирон хос аст, бехато тир мепарронд. Гилзаҳои холишуда ба зери хандақ афтода, садо мебароварданд.

Оташи ҷанги хунину сахт оҳиста-оҳиста паст мешуд. Десантчиён яке аз паси дигар қаҳрамонона ҳалок мешуданд. Танҳо аз як ҷо садои тиру таркиши снарядҳо ба гӯш мерасид. Дар он ҷо, дар паҳлуи лейтенант Турдиев ҷанговарони зиндамонда ҷамъ омада, охирин бор ҷанг мекарданд. Ҳалқа соат ба соат танг мешуду захираи тир ба охир мерасид.

Оҳанпораи гарми гранатаи душман ба миёни Саидқул расид. Ӯ дар аввал захмдор шуданашро пай набурд. Баъд, лаҳзае пеши чашмонашро сиёҳӣ зер карда, аъзои баданаш суст шуд. Даруни мӯзааш гарму часпак гардид.

– Рафиқ лейтенант, шумо захмӣ шудаед, биёед, бандам, – дарун-даруни хандақ хам шуда, командири взводи санитарӣ ба назди Турдиев омад.

– Даркор не, лейтенант, акнун фоида надорад, – гуфт Саидқул ӯро аз худ дур карда ва пулемёти тираш тамомшударо ба гӯшае партофт.

Боз хомӯшӣ ҳама ҷоро фаро гирифт. Тирҳо тамом шуда буданд. Фашистон ҳам тирпаррониро бас карданд, – «Рус таслим шав», – баробар якчанд нафари онҳо садо бароварданд.

Саидқул аз ғилоф таппончаро бароварда, аз дарди ҷонкоҳ дандон ба дандон монда, ба баландии назди хандақ баромад. Фашистон ба ӯ ҳайрон-ҳайрон нигоҳ мекарданд.

– Барои Ватан ба пеш! – фарёд кард Турдиев ва аввалин шуда, лангида-лангида, ба ҳуҷум гузашт. Аз паси ӯ ҷанговарони дигар ҳам ба пеш тохтанд. Фашистон худро гум карда monданд. Ба назари онҳо чунин менамуд, ки ҳамроҳи зиндаҳо ҷасади мурдагон низ аз ҷой бархоста, ба ҳуҷум гузаштанд.

Захираи тир кайҳо тамом шуда буд, аскарони мо ба сари душман бо қундоқи милтиқ, нӯги найза, бели сапёрӣ мерафтанд.

Бо роҳбарии командири худ онҳо барои чизи аз ҳама муқаддас – Ватан ба ҷанги охирин мерафтанд.

Саидқул бо тири таппончааш чор нафар фашистро аз пой афтонд. Оташи тири якчанд автоматҳо ба сандуқи дили ӯ рост шуданд.

Вай як таккон хӯрда, дар ҷояш истода монд, баъд вазнашро дошта натавониста, якпаҳлу ба замин афтид.

Хуни гарми ӯ бо хуни дӯстони ҳамяроқ ва командири десант, русҳо, украинҳо, белорусҳо, ӯзбекҳо, қазоқҳо, қирғизҳо, ки ҳаёти худро барои озод кардани сарзамини Украина нисор карданд, омехта гардида, ба замини гарм, ки аз асари тири тӯп, снарядҳо сӯхтаю валангор гардида буд, ҳамчун ҷӯйчаҳо ҷорӣ гашт. Барои аскари мо аз ин замин дида, дар дунё чизи гаронбаҳотаре набуд ва ёфт нахоҳад шуд.

*Раҳмон Сафаров*

**Саволҳо:**

1. Саидқул ба ҳуҷуми навбатӣ гузашта, чӣ фикр мекард?
2. Ҷанговари далер ба муқобили душман чӣ тавр меҷангид?
3. Турдиев барои озод кардани кадом сарзамин ҷони азизи худро аз даст дод?

## ДАРСИ 31

**Машқи 245.** Ҷумлаи зеринро нависед ва таҳлил кунед. Гӯед, ки кадом ҳиссаҳои нутқ мубтадо ва хабар шуда омадаанд? Саидқул якпаҳлу ба замин афтод.

**Машқи 246.** Бо феълҳои омад, мебарад, месабзад ҷумла тартиб диҳед.

Дар ҷумла бештар феълҳо хабар шуда меоянд.

**Машқи 247.** Худатонро санҷед. Дар сутуни якум ҷумлаҳои кӯтоҳ бо мубтадою хабар, дар сутуни дуюм аъзоҳои пайрав дода шудаанд.

| | |
|---|---|
| **1. Дарс сар шуд** | **дар лаби ҷӯй** |
| **2. Офтоб баромад** | **кӯҳҳоро** |
| **3. Бунафша мерӯяд** | **дар мамлакати мо** |

4. Дастҳо талқон карданд ба борон
5. Токпарварӣ тараққӣ кардааст аз паси кӯҳҳо
6. Жола мубаддал шуд дар мактаб

**Машқи 248.** Афсонаи зеринро хонед ва мазмунашро нақл намоед.

## ШЕР ВА ЧӮПОН

Ба пои шере хор халид. Шер аз дард ба танг омада, назди чӯпон рафт ва кӯмак хост. Чӯпон хорро кашида гирифт. Шер хонааш рафт. Рӯзе подшоҳ чӯпонро ба коре гунаҳкор карда, фармуд, ки ӯро ба пеши шер партоянд.

Шер пои худро ба зонуи чӯпон гузошт ва арзи дӯстӣ кард. Подшоҳ ин вазъиятро дида, аз тарси шер аз гуноҳи чӯпон гузашт ва ӯро озод кард.

Ба некӣ некӣ бояд кард.

### Саволҳо:

1. Чаро шер назди чӯпон рафт?
2. Подшоҳ дар ҳаққи чӯпон чӣ ҷазо дид?
3. Шер чӣ кор кард?
4. Подшоҳ ба чӣ маҷбур шуд?

## ДАРСИ 32

## ҲЕЗУМКАШ ВА МОР

Ҳезумкаше буд. Вай ҳар рӯз ба беша мерафту ҳезум ҷамъ меовард, баъд ба бозор бурда мефурӯхт ва аз музди он зиндагӣ мекард. Боре ба беша омад ва дид, ки чакалакзори назди беша оташ гирифтааст. Наздик омад. Море байни оташ монда буд ва баҳри наҷот худро ба ҳар тараф мезад. Дили ҳезумкаш ба ҳоли мор сӯхт ва халтае, ки бо худ дошт, ба нӯги ходаи дарозе баста, сӯи мор дароз кард. Мор ба халта даромад. Ҳезумкаш халтаро кашида гирифту морро аз он раҳо намуда, ба роҳаш рафт. Чанд

қадам гузошта буд, ки фишшоси морро шунид. Баргашта нигарист. Мор сарашро ду ваҷаб бардошта, аз паси ӯ мехазид. Вай фишшос зада гуфт:

Эй мард, ман туро заҳр мезанам!

– Ин чӣ корест, ки ту карданиӣ?

Ман туро аз марг наҷот додам. Акнун ба ивази некиам бадӣ мекунӣ?

Мор баландтар фишшос зада гуфт:

– Магар нашунидаӣ, ки ҳамеша ба ивази некӣ бадӣ мекунанд? Хоҳӣ, нахоҳӣ, туро заҳр мезанам!

Ҳезумкаш гуфт:

– Не, ман ба сухани ту розӣ нестам: ҳамеша ба некӣ бо некӣ ҷавоб мегардонанд. Бовар накунӣ, аз ягон кас мепурсем. Агар сухани туро тасдиқ кунанд, майлаш, он гоҳ маро заҳр бизан. Онҳо ҳамин тавр маслиҳат карда, ба роҳ баромаданд.

### Савол ва супориш:

1. Ҳезумкаш боре дар беша чиро дид?
2 Ӯ морро чӣ кор кард?
3. Мор ба ҳезумкаш чӣ гуфт?
4 Мард чӣ ҷавоб дод?
5. Онҳо ба чӣ қарор омаданд?
6. Ҷумлаи охиринро бори дигар хонед ва гӯед, ки он аз чанд калима иборат аст ва ҷонишини онҳо ба ҷои кадом исмҳо омадааст?

## ДАРСИ 33

**Машқи 249.** Ба саволҳои зерин ҷавоб нависед:

1. Ҳезумкаш ба мор чӣ гуфт?
2. Мор чӣ ҷавоб дод?
3. Онҳо ба чӣ қарор омаданд?

### Супориш:

Матни навиштаатонро хонед ва гӯед, ки он аз чанд ҷумла иборат аст?

**Машқи 250.** Матни зеринро рӯбардор кунед ва гӯед, ки чаро он «Ёрӣ» номида шудааст?

## ЁРӢ

Тайёра даргирифт. Душман бо парашют фуромад. Ӯ дар як сарой пинҳон шуд.

Зина тохта дари саройро қулф кард. Баъд вай ин воқеаро ба аскарон хабар дод. Аскарони мо ҷосусро дастгир карданд.

Матни мазкур аз чанд ҷумла иборат аст? Дар ҷумлаи якум сухан аз хусуси чӣ меравад? Дар ҷумлаи дуюм ва сеюм чӣ? Аввали ҳар як ҷумла бо кадом ҳарф сар шудааст? Дар охири ҷумла чӣ гузошта шудааст? Ҷонишинҳои «ӯ» ва «вай» ба ҷои кадом исмҳо омадаанд?

## ДАРСИ 34

## НЕКӢ Ё БАДӢ

Пас аз чанде хареро вохӯрданд. Ҳезумкаш харро гуфт:

– Бигӯ ки ба ивази некӣ некӣ мекунанд ё бадӣ? Ман ин морро аз байни оташ баровардам, вале ӯ маро заҳр заданист. Магар ин аз рӯи адлу инсоф аст?

– Ман як умр хидмати соҳибамро кардам. Вақте қувват доштам, ҳам худаш ва ҳам борашро кашидам. Шабу рӯз кор мекардам. Акнун ки пиру бемадор шудаам, ӯ маро аз хона пеш кард. Магар ин аз рӯи адлу инсоф аст? Вай ба ивази некиҳои ман бадӣ кард...

Мор ин суханонро шунида, хурсандона боз фишшос зад.

– Ана сухани ман рост будааст. Ба некӣ некӣ намекунанд. Акнун туро заҳр мезанам!

– Биё, боз аз як каси дигар пурсем, – хоҳиш намуд ҳезумкаш.

Онҳо ин дафъа говро вохӯрданд. Ҳезумкаш гуфт:

– Бигӯ, эй дӯсти одамизод, магар ба некӣ бадӣ мекунанд? Ман ин морро аз оташ наҷот додам, вале ӯ ба ивази некиам маро заҳр заданист...

– Эҳ, одамизод, – гуфт гов, – дар куҷо дидаӣ, ки ба некӣ некӣ мекарда бошанд? Ман солҳои дароз аҳли оилаи соҳибамро аз шир

сер мекардам. Акнун, ки пир шудааму аз шир мондаам, вай маро ба куштан доданист. Магар инро ба ивази некӣ бадӣ кардан намегӯянд?

**Савол ва супориш:**

1. Ҳезумкаш аз хар чӣ пурсид ва хар чӣ ҷавоб дод?
2. Гов ба онҳо чӣ ҷавоб дод?
3. Чаро ин қисми афсонаро «Некӣ ё бадӣ» номидем?
4. Ҷумлаи зеринро нависед ва гӯед, ки ҷонишини «ман» ба ҷои кадом исм омадааст? Дар ин ҷумла кадом пешоянд вомехӯрад? Ман солҳои дароз аҳли оилаи соҳибамро аз шир сер мекардам.

## ДАРСИ 35

## САЗОИ ОН, КИ БАДӢ ХОҲАД

Мор боз сар бардошта, баландтар фишшос зада гуфт:

– Гуфтам-ку, ба некӣ бо бадӣ ҷавоб медиҳанд. Акнун туро заҳр мезанам!

Ҳезумкаш зиқ шуда, бори дигар хоҳиш кард:

– Одатан аз се нафар мепурсанд. Биё, аз як каси дигар пурсем. Агар сухани туро тасдиқ кунад, пас ихтиёри ман ба дасти ту. Онҳо ба роҳ баромаданд ва баъди чанде мардеро вохӯрданд.

– Эй марди савобҷӯ, ҳақиқати кори моро аниқ бикун. Ин мор байни оташ монда буд. Бо халтаам ӯро аз он ҷо бароварда, аз марг наҷот додам. Акнун вай ба ҷои миннатдорӣ ва ба ивази некиам маро заҳр зада куштанист. Магар ин аз рӯи виҷдон ва инсоф аст? Магар ба некӣ бадӣ мекунанд?

Мард ба мор ва халтаи дасти ҳезумкаш нигариста гуфт:

– Ҳеҷ бовар намекунам, ки чунин мори калон ба ин халтаи хурдакак ҷой мегирифта бошад.

– Ҷой мегирам! – гуфт мор.

– Бовар намекунам, – гуфт мард.

– Канӣ, ба он даро, бинам, баъд ҳақиқати кори шуморо мегӯям. Мор ба халта даромад. Мард ҳезумкашро гуфт:

– Зудтар даҳони халтаро баста, онро бурда, ба оташ парто! Сазои оне, ки ба ивази некӣ бадӣ мекунад, ҳамин аст!

### Савол ва супориш:

1. Ҳезумкаш зиқ шуда, бори охирин чӣ хоҳиш кард?

2. Онҳо бо кӣ вохӯрданд ва он мард чӣ гуфт ва чӣ андешид? Чаро ин қисми афсонаро «Сазои он, ки бадӣ хоҳад» номидем? Ба фикри шумо, боз чӣ номидан мумкин аст?

## ДАРСИ 36

**Машқи 251.** Рӯзи гузашта хонандагони синфи чоруми яке аз мактабҳо аз тамошои табиат баргашта, иншо навиштанд. Яке аз онҳо – Дилшод дар мавзӯи «Фароштурук» иншо навиштааст. Шумо онро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

### ФАРОШТУРУК

Бо ҷӯраҳоям ба сайругашт рафта будам. Писарбачаеро дидам, ки фароштурукеро бо санг зада, маҷрӯҳ кард. Мо ӯро сахт танбеҳ додем.

Ман фароштуруки маҷрӯҳро ба хона овардам, пояшро муолиҷа кардам ва ӯро сар дода гуфтам:

– Аз бачаҳои ганда эҳтиёт шав! Мо, бачаҳо, бояд барои муҳофизати парандаҳо мубориза барем, барои онҳо лона созем ва агар лозим шавад, табобат кунем.

### Супориш:

Кӯшиш кунед, ки мисли Дилшод иншо нависед ва худатон сарлавҳа гузоред. Иншоро ин тавр сар кунед:

Фасли зимистон ба охир расид. Ҳаво ҳам гарм шуд...

**Машқи 252.** Хонед. Гулҳои баҳориро номбар намоед.

Гули бойчечак охирҳои зимистон, ҳамин ки ба кӯҳу дашту теппа нафаси баҳор расид, аз замини мулоиму нарм рӯида, аз ҳавои сабуку форам баҳра гирифта, шукуфон мешавад.

Ин гул дар пеши садбаргу савсан ва наргису хайрӣ барин гулҳои назаррабои зебову хушбӯю рангин намуде надорад. Қадаш ҳамроҳи решаи пиёзакаш аз як ангушт саҳл дарозтар аст ва танаш

банди пиёзи кабудро мемонад. Чорта гуле, ки дар байни риштаи сабз барин баргҳои борик шукуфтааст, аз ду қабат чорбаргаи дарозаки зард иборат аст.

*Раҷаб Амонов*

**Супориш:**

Номи гулҳои баҳориро нависед ва бо ҳар яки он ҷумла тартиб диҳед.

## ДАРСИ 37

### ҒУК ВА МОР

Овардаанд, ки ғуке дар паҳлуи море ватан сохта ва дар назди он золими хунхор хона гирифта буд. Ҳар гоҳ ғук бача меовард, мор онро мехӯрд ва дили ғукро ба доғи фироқи фарзандон мубтало мекард. Ин ғук бо харчанге дӯстӣ дошт. Рӯзе назди харчанг рафт ва шикоят кард:

– Эй ёри мувофиқ, барои ман тадбире лоиқ биандеш, ки душмани пурзӯре дорам. На бо ӯ як ҷо зиндагӣ карда метавонам ва на аз он ҷой ҷои дигар рафтан муяссар аст. Зеро хонаам дар ҷои дилкаш ва хуш аст. Чунин манзилро ҳеҷ кас тарк намекунад. Харчанг гуфт:

– Ғам махӯр, ки душмани тавоноро ба каманди ҳила бастан ва хасми ғолибро дар доми макр афкандан мумкин аст.

Ғук гуфт:

– Ту дар ин боб аз китоби ҳилаҳо чӣ масъала ҳал кардаӣ ва дар дафъи ин хасми бадандеш чӣ чора ба даст овардаӣ?

Харчанг гуфт:

– Дар фалон ҷо росуе ҳаст ҷангҷӯй ва бадандеш. Чанд моҳӣ гирифта бикуш ва аз пеши сӯрохи вай то манзили мор биафкан. Росу он моҳиҳоро ягон-ягон хӯрда, то ба сӯрохи мор мерасад ва онро низ мехӯрад. Бо ҳамин ҳила ту ва фарзандҳоят раҳоӣ меёбед.

Ғук ин ҳиларо ба кор бурд. Росу моҳиҳоро хӯрда, морро ҳам хӯрд. Чун аз ин ҳила ду-се рӯз гузашт, росу боз ба талаби хӯрдани

моҳӣ ҳаракат намуда ба ҳамон самте, кӣ одат карда буд, равон шуд. Чун моҳӣ наёфт, ғукро бо ҷумлаи бачаҳояш бихӯрд.

*Ҳусайн Воизи Кошифӣ*

**ЛУҒАТ:**

***Росу*** – як навъи муш.

**Саволҳо:**

1. Ғук ба дӯсташ харчанг дар бораи чӣ шикоят кард?
2. Харчанг ба ғук чӣ маслиҳат дод?

## ДАРСИ 38

**Машқи 253.** Хонед, гӯед, ки шумо дар кадом маҳфил иштирок мекунед?

### ДАР МАҲФИЛИ «СИТОРАЧА»

Лолаю Гулчаҳон, Дилафрӯзу Ҳафиза дар маҳфили «Ситорача» иштирок мекунанд. Муаллима ба онҳо дӯхтани курта, пешдоман ва рӯймолчаро ёд додааст.

Дар яке аз мактабҳои ноҳия намоишгоҳи «Дастони моҳир» ташкил шудааст, ки дар он маҳсули дастони аъзоёни он маҳфил ҳам ҳаст. Инчунин ҳар моҳ мусобиқаҳо гузаронида мешаванд. Духтарони маҳфили «Ситорача» чандин бор ғолиб баромада, бо таърифномаҳову мукофотҳо сарфароз гардидаанд.

**Супориш:**

Ҷумлаҳои 1 ва 6-ро навишта, таҳлил намоед.

Таҳлили ҷумлаи 1. Лолаю Гулҷаҳон, Дилафрӯзу Ҳафиза дар маҳфили «Ситорача» иштирок мекунанд.

Киҳо иштирок мекунанд? – Лолаю Гулҷаҳон, Дилафрӯзу Ҳафиза – мубтадо.

Лолаю Гулҷаҳон, Дилафрӯзу Ҳафиза чӣ кор мекунанд? – иштирок мекунанд – хабар.

Дар ин ҷумла чанд мубтадо ҳаст? – Чорто.

Ҳамаи мубтадоҳо ба кадом савол ҷавоб мешаванд?

Ба саволи киҳо? Ҳамаи мубтадоҳо ба чанд хабар алоқаманд шудаанд? Ба як хабар – алоқа мекунанд.

**Машқи 254.** Ҷумлаҳои зеринро рӯбардор карда, таҳлил намоед.

1. Ҳасану Собир дар як синф мехонанд.
2. Талабагон мехонанд ва менависанд.

Агар аъзоҳои асосии ҷумла (мубтадо ва хабар) ё аъзои пайрав дар як ҷумла дуто ё зиёдтар бошанд, аъзои чидаро ташкил медиҳанд.

**Машқи 255.** Шеърро рӯбардор кунед ва гӯед, ки шоир баҳорро чӣ гуна тасвир кардааст?

## БОМДОДИ БАҲОРОН

Айёми баҳору бомдодӣ,
Вақти фараҳ асту гоҳи шодӣ.
Бар ҷониби марғзор бинӣ,
Ҳар сӯ гулу лолазор бинӣ.
Ҳаст оби равон равон ба ҳар сӯ,
Сабз аст зи сабзаҳо лаби ҷӯ.
Аз бӯи гулу гиёҳи навхез.
Боди саҳарист анбаромез.
Гул хурраму барги ток хуррам,
Аз сабза тамоми хок хуррам.

*Садриддин Айнӣ*

Дар кадом сатрҳо аъзои чидаи ҷумла омадааст? Кадом аъзоҳои ҷумла чида шуда омадаанд?

Мо дар бораи аъзоҳои чидаи ҷумла чиҳо медонем?

## ДАРСИ 39

## ГУЛДӮЗИИ ГУЛБАҲОР

Роҳбари маҳфили дӯзандагии мактаб Зебӣ Пӯлодова гулдӯзиҳои тайёркардаи шогирдонашро ғундошта гирифту ба онҳо мавзӯи нав супорид:

– Ин дафъа дар рӯи матоъ манзараҳои зебои табиатро тасвир кунед. Масалан, ҳамин ноҳияи худамон чӣ қадар манзараҳои дилрабо дорад. Боғоти пур аз мева, даштҳои сабзу хуррам, кӯҳҳои сарбафалаккашида...

Мавзӯи нав ба духтарон маъқул шуд.

Гулбаҳор хеле фикр кард, ки кадом манзараро тасвир намояд.

Худаш ба як қарор омада натавониста, аз модараш маслиҳат пурсид.

– Манзараи чарогоҳро дӯз, – гуфт модар. – Чарогоҳро дидаӣ, медонӣ.

Маслиҳат ба Гулбаҳор хуш омад. Вай матоъ ва сӯзану риштаҳои рангаро гирифта, ба кор сар кард ва онро баъди чанд рӯз ба охир расонд. Сӯзаниаш дар ҳақиқат зебо баромад.

### Савол ва супориш:

1. Роҳбари маҳфили дӯзандагон чӣ супориш доданд?
2. Модар ба Гулбаҳор чӣ маслиҳат дод?
3. Гулбаҳор чӣ гуна манзараро гулдӯзӣ кард?
4. Шумо кадом манзараро мехоҳед гулдӯзӣ кунед?
5. Ҷумлаҳои 3 ва 13-ро бори дигар хонда, аъзоҳои чидаро номбар намоед. Дар ҷумлаи сеюм аъзоҳои чидаро кадом аломат аз ҳам ҷудо кардааст?

## МУШ ВА ГАНДУМ

Шахсе ба дӯсташ гуфт:

– Панҷоҳ ман гандум доштам, то хабардор шудам, мушон тамом хӯрда буданд. Дӯсташ гуфт:

– Ман низ панҷоҳ ман гандум доштам, то мушон хабар ёфтанд, ман тамом хӯрдам.

*Убайди Зоконӣ*

## ДАРСИ 40

**Машқи 256.** Ҷумлаҳоро рӯбардор кунед ва гӯед, ки дар мобайни онҳо кадом аломат гузошта шудааст?

1. Китоб, дафтар, қалам асбобҳои хониш мебошанд.

2. Дар боғ дарахтони себ, олу, нок ва хурмо мерӯянд.

Аъзоҳои чидаи ҷумла бо вергул ҷудо карда мешаванд.

**Машқи 257.** Ҷумлаҳоро рӯбардор намуда, гӯед, ки дар байни аъзоҳои чида кадом пайвандакҳо омадаанд?

1. Анвар ва Дилбар пешқадам мебошанд. 2. Онҳо кор мекунанд ва мехонанд. 3. Дар кӯҳҳо нуқраю тилло бисёр аст.

Агар дар байни аъзоҳои чидаи ҷумла пайвандакҳои ва (у, ю) оянд, вергул гузошта намешавад.

**Машқи 258.** Хонед. Гӯед, ки дар баҳорон бачаҳо ба кадом корҳо машғуланд?

## БОҒИ НАВ

...Давидему ба сӯи боғ рафтем,
Ҳама монанди гул болида гуфтем:
– Дарахти нав ба боғи нав шинонем,
Дарахти себу шафтолу расонем.
Ба боғи мо дарахти нок рӯяд,
Анори лоларангу ток рӯяд.
Ҳамон соле, ки онҳо бор оранд,
Ба мо хурсандии бисёр оранд...

*Мирзо Турсунзода*

**Саволҳо:**

1. Дар кадом сатрҳо аъзоҳои чидаи ҷумла омадаанд?
2. Дар байни аъзоҳои чидаи ҷумла кадом пайвандакҳо дида мешаванд?
3. Кадом аъзоҳои ҷумла чида шуда омадаанд?
4. Ҳангоми таътил ба кадом корҳо машғул мешавед?

## ДАРСИ 41

## ХАР ВА ШУТУР

Харе ва шутуреро раҳо карданд аз пирӣ ва лоғарӣ. Ҳар ду сар ба саҳро ниҳоданд ва аҳди бародарӣ бастанд. Ба марғзоре расиданд ҳавояш хуш ва обаш дилкаш. Чанд рӯз дар он марғзор чаро карданд ва тани лоғару пушти решро даво карданд. Рӯзе хар

болои пуштае баромад, ... қумриро дид чун мутрибони хушилҳон дар таранум омада ва фохта дар ҳавои қомати сарв кукузанон ... ва булбулон ба тараннум забон кушода. Хар гуфт:

– Бародар, мехоҳам, ки нағмаи овоз соз диҳам ва мурғони шефтаро дар парвоз орам. Баландии овоз маро хос аст ва фалонӣ, ки донӣ, шогирди ман аст.

Уштур гуфт:

– Зинҳор ин фузулиро аз сар бадар кун, ки овози нохуш дорӣ. Аз овози шақиқи ту оламиён ва одамон заҳмат кашанд. Хар гуфт:

– Ман дар ҳофизӣ заҳмат кашидаам ва дар мусиқӣ ранҷ дидаам... Биё, то ман даст мезанам, ту пой мекӯб. Рӯзу шаб бисту чор соат ба айшу тараб гузаронем.

Уштур гуфт:

– Тарки ин фузулӣ кун, ки роҳ наздик аст ва ободонӣ дур. Агар корвоне бигузарад ва овози ту бишнавад, зери бор мемонӣ, онгоҳ пушаймон мешавӣ.

Хар маслиҳати уштурро гӯш накард. Овоз баркашид. Дар роҳ корвон мегузашт. Овози харро шунида, давида омаданду хару шутурро бигирифтанд ва зери бор кашиданд.

Чун қадре роҳ бирафтанд, хар биистод, бораш бар пушти уштур ниҳоданд. Порае роҳ бирафт, боз хар истод. Дарозгӯшро ба болои бори шутур бор карданд. Вақте ки болотар расиданд, шутур биистод Хар гуфт:

– Эй шутур, чаро намеравӣ?

– Мехоҳам рақс кунам, – ҷавоб дод шутур.

– Эй нодон, чӣ ҷои рақс аст? – пурсид хар. Уштур гуфт:

– Маро завқе ва ҳолате пайдо шудааст. Хар гуфт:

– Аз чӣ мӯҷиб? Уштур гуфт:

– Аз он овози хуш ва нағмаи дилкаши ту, ки дар марғзор шунидаам.

Шутур инро бигуфт ва ба рақс даромад. Хар бияфтод ва гарданаш бишкаст.

*Маҷди Ҳофӣ*

**ЛУҒАТ:**

***Шефта*** – шайдо, мафтун.
***Мӯҷиб*** – сабаб.
***Фузулӣ*** – забондарозӣ; сафсатагӯӣ, доноӣ.
***Шақиқ*** – ҳангос задани хар, гӯшхарош.

### Саволҳо:

1. Хар овози хуши парандаҳоро шунида чӣ орзу кард?
2. Уштур ба дӯсташ чӣ маслиҳат дод?
3. Хар маслиҳати уштурро гӯш накард ва ҳар ду ба кадом бало гирифтор шуданд?
4. Оқибати якравӣ ба чӣ оварда расонд?

## ДАРСИ 42

**Машқи 259.** Матнро хонед, мазмунашро нақл кунед.

### ҚАҲРАМОН

Салимҷон гову гӯсфандонашро ба подаҷо ҳай карда, зуд ба хона баргашт. Падараш болои кати миёни ҳавлӣ, ки таги ҳавозаҳои баланди ток гузошта шуда буд, нишаста, чой менӯшид. Салимҷон ҳам ба паҳлуи ӯ гузашт. Косаи ширчойи наздаш гузошташударо саросема хӯрду лаби дастархонро қат карда, аз ҷой хест.

– Куҷо? – Пиёлаи чойи дасташро пеши чойник, болои лаълӣ монд падар.

– Мактаб меравам, – гуфт Салимҷон.

– Не, имрӯз ту мактаб намеравӣ, – падар косаи ширчойро аз пешаш як тараф тела дод. Ин талаби падар барои Салимҷон ногаҳонӣ буд.

– О, имрӯз мо имтиҳон дорем, иншо. Муаллим ҷанг мекунанд, – гуфт Салимҷон.

– Кори ман аз имтиҳони ту зарур, – гуфт падар.

– Ҳозир очам меоянд, – гуфт Салимҷон.

– То омаданаш шин! – Фармон дод падар.

– Шумо имрӯз кор намеравед?

– Не, – бо дили нохоҳам ҷавоб дод падар.

– Бозор меравед?

– Ҳа.

– Ҳамроҳи амаки Ҳафиз?

– Ҳа! Ҳа! – дод зад падар ва бо ғазаб давом кард, – чӣ, ту прокурорӣ, ки ин қадар маро пурсуҷӯ карда истодаӣ? Дам шин, дигар гап назан...

Падар ба сухан омада, чизе гуфтанӣ буд, ки дарвоза тақ-тақ шуд. Салимҷон ба рӯи падар нигариста монд. Вай нимхез шуда буд.

– Кист? – бо овози паст пурсид ӯ аз Салимҷон ва боз таъкид кард.

– Агар бригадир бошад, отам нест гӯй, касал, духтур рафтанд гӯй. Салимҷон ҳанӯз фурсати гап наёфта буд, ки аз паси дарвоза овози саркор ба гӯш расид.

– Раҷабмурод, ҳой Раҷабмурод! – мегуфт ӯ...

– Гӯй, ки отам нестан, – кому забони падар аз ҳаяҷону изтироб хушк шуда буд.

Салимҷон дурӯғ гӯяд? Дар бораи дурӯғгӯйҳо, ин хислати пасти одамон ҳикояҳою афсона, қиссаҳои бисёре хондааст. Онҳоро ҳама мазаммат мекунанд. Ҳамаи инро дидаю дониста, ӯ дурӯғ гӯяд? Дурӯғ нагуфтан ҳам қаҳрамонӣ аст, гуфта буданд муаллим. Дурӯғгӯӣ – хиёнат...

– Қ... ати Салимҷон гӯё дар ин лаҳзаҳо зери бори гароне буд, оҳиста-оҳиста рост шуд. Овози падараш дигар ба гӯши ӯ намеомад. Вай ҷуръат пайдо кард.

– Падарам дар хона, дар ҳамин ҷо – овози ҷарангосии Салимҷон баланд гашт.

Саркор дарвозаро кушод. Салимҷон гӯё бори гаронро аз дӯш фиканда буд, ки худро сабук ҳис кард. Офтоб, замину замон ба назараш зебо намуд. Ба хаёлаш ӯ қаҳрамон шуда буд.

*Кароматулло Мирзоев*

**Саволҳо:**

1. Падари Салимҷон чӣ талаб кард?
2. Салимҷон чӣ ҷавоб дод?
3. Одамон дар ҳаққи дурӯғгӯйҳо чиҳо мегӯянд?
4. Шумо киро тарафдорӣ мекунед? Салимҷонро ё падарашро? Барои чӣ?

## ДАРСИ 43

## ИМЛО ВА ҶАМЪБАСТИ СОЛИ ТАҲСИЛ

# МУНДАРИЧА


Чоряки I ..................................................... 3

Ҷумла, ибора ва калима. Такрор ..................... 3

Ҳиссаҳои нутқ ............................................. 15

Чоряки II ..................................................... [illegible]

Имло ............................................................ [illegible]

Чоряки III .................................................... 106

Имло ............................................................ 16[illegible]

Чоряки IV ..................................................... 1[illegible]

Пешояндҳо ................................................... 174

Имло ва ҷамъбасти соли таҳсил ........................ 221

# СУРУДИ МИЛЛИИ
# ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Шеъри Гулназар Келдӣ — Оҳанги Сулаймон Юдаков

*… мо,*
*… ри азизи ту баланд бод,*
*… ти ту, давлати ту бегазанд бод.*
*Зи дурии замонаҳо расидаем,*
*Ба зери парчами ту саф кашидаем,*
*кашидаем,*

*Зинда бош, эй Ватан,*
*Тоҷикистони озоди ман!*

*Барои нангу н… ми мо*
*Ту аз уме… р… фтагони мо нишонаӣ,*
*Ту баҳри вори … он ҷаҳони ҷовидонаӣ,*
*Хазон намер… ад ба навбаҳори ту,*
*Ки мазраи в… бувад канори ту,*
*канори ту,*

*Зинда б… Ватан,*
*Тоҷикис… зоди ман!*

*Ту мо… аӣ,*
*Бақ… бақои хонадони мо,*
*Маро… д мароми ҷисму ҷони мо,*
*Зи ту … бад насиби мост,*
*Ту ҳас… ҷаҳон ҳабиби мост,*
*ҳабиби мост,*

*Зи… бо… атан,*
*То… икис… оди ман!*



НАШРИЕТИ ИЗДАТЕЛЬСТВО